ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД:338.431(575.3)
Х-19

**ҲАНИФАИ ЭМОМӢ АЗИМЗОДА**

# ТАШАККУЛИ НИЗОМИ БУҶЕТИКУНОНИИ БАРНОМАВИЮ ҲАДАФМАНДИ РУШДИ БАХШИ САНОАТ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

**Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Давлатзода М.Х.**

**Душанбе – 2025**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ВАО – Васоити ахбори омма

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ИМА - Иёлоти Мутаҳҳидаи Амрико

КОА - Комиссияи олии аттестатсионӣ

НБО - неругоҳи барқи обӣ

НТҶ - ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ

ҶММ – Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд

ҶСК - Ҷамъияти саҳҳомии кушода

ШСХК – Ширкати саҳҳомии холдингии кушода

EMS - Expenditure Management System

PPBS - Planning, Programming, Budgeting System

**Мундариҷа**

**Сарсухан** ..........................................................................................4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ БУҶЕТИКУНОНИИ БАРНОМАВИЮ ҲАДАФМАНД ДАР ПОЯИ РАВИШҲОИ ЛОИҲАВӢ**

**1.1. Ҷанбаҳои назариявии татбиқи усули ҳадафманди барномавӣ ҷиҳати ташаккули буҷет**..........................................................15

**1.2. Принсипҳо ва шароиҳои асосии татбиқи буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд**..........................................................27

**1.3. Таҷрибаи ҷаҳонии буҷетикунонии барномавиву лоиҳавӣ** ...........42

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТ ВА ТАМОЮЛИ БУҶЕТИКУНОНИИ ҲАДАФМАНДИ РУШДИ БАХШИ САНОАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**2.1. Ҳолати кунунӣ ва механизми буҷетикунонии ҳадафманди рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**...........................................60

**2.2. Баҳогузории самаранокии буҷетикунонии рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**..........................................................75

**2.3. Таҳлили ҷаззобияти сармоягузории бахши саноат чун заминаи буҷетикунонии ҳадафманди рушди он**......................................94

**БОБИ 3. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БУҶЕТИКУНОНИИ БАРНОМАВИЮ ҲАДАФМАНДИ БАХШИ САНОАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**3.1. Коркард ва татбиқи лоиҳаҳои омузишии буҷетикунонии ҳадафманди рушди бахши саноат**..........................................113

**3.2. Хусусиятҳои татбиқи буҷетикунонии ҳадафманди рушди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ**........128

**Хулосаҳо** ..........................................................................................156

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**..................................160

**Рӯйхати адабиёт** ...............................................................................165

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ** ................188

**Замимаҳо** .........................................................................................191

## Сарсухан

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар давраи муосири фарогирандаи самтҳои рушди устувори иқтисодиёт, тамоюлҳои гуногунҷанба ва шаклҳои мухталиф ба арсаи ҳастӣ ворид гардида, ба равандҳои идораи молияву буҷетикунонии бахшҳои иқтисодиёт, аз ҷумла корхонаҳои саноатӣ ва дар маҷмуъ ба ҳамбастагиҳои молиявии кишвар таъсир расонида, талаботҳои иловагӣ барои таъминсозии равандҳои рушди иқтисодиёт бо захираҳои молиявиро ба миён оварда истодаанд. Дар ин замина нақши ниҳодҳои молиявӣ ва банақшагирии захираҳои буҷетие, ки ба рушди умумии иқтисодиёт мусоидат хоҳанд кард, афзун гардида истодааст. Собит шудааст, ки низоми самараноки буҷетикунонӣ ва банақшагирии буҷет, ояндабиниҳои дурусти равандҳои молиявию буҷетӣ, инчунин дуруст ба роҳ мондани хароҷотҳои буҷетӣ боиси самаранок амалӣ шудани буҷети бахшҳову соҳаҳо мегарданд. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили банақшагирии буҷет чи дар сатҳи ҷумҳурӣ ва чи дар сатҳи бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноатӣ ҳамчун масъалаи мубрами воридсозии ислоҳот ба бахши молияи кишвар гардидааст.

Таъсири тағйирот ва ислоҳотҳои дар бахши молияи давлат, хусусан ба бахши буҷети бахшҳову соҳаҳо, ки тайи солҳои охир татбиқ мегардиданд, начандон тавонистааст, ки ба самтҳои рушди устувор тақвияти маҷмӯӣ бахшад. Чун таъсири онҳоро равандҳое суст менамоянд, ки бештар ба уҳдадориҳои марказонидашуда аз қабили сарбории андоз алоқаманд мебошанд. Таъсири онҳо дар татбиқи ислоҳот, ҳадафҳои банақшагирифташуда, нақшаҳои буҷетӣ ва банақшагирии лоиҳаҳо ҳувайдо гардида, инъикоси хешро дар тамоюлҳои ба рушд кардани бахшҳои иқтисодӣ расониданд, ки ба дараҷае дар равандҳои идораи молияи давлатӣ мушкилот эҷод намуданд.

Маҳз дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бораи нокифоя будани пешравӣ дар самти гузариш аз принсипи маблағгузории харҷномавии вазорату идораҳо ба маблағгузории барномаҳои мақсаднок аз рӯйи натиҷа ва оиди набудани алоқамандӣ дар раванди буҷетикунонӣ ва банақшагирии стратегӣ» сухан меравад, ки он гузаштан аз шакли буҷети бандубастӣ ба буҷети барномвиву ҳадафманд дар тамоми сатҳҳои буҷетикунониро дар назар дорад [130, С. 32]. Бояд тазаккур дод, ки масоили татбиқи самараноки равиши буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳо дар таҷрибаи мақомоти идоракунӣ ва роҳбарияти корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комил матраҳ нагардида, меъёрҳои самаранокии онҳо муайян нашуда, омилҳои асосии монеъамешуда ба равандҳои татбиқи он ҷудо нагардида, самтҳои асосии мутобиқкунии ин равиш дар шароитҳои муосир барои корхонаҳо асоснок нашудаанд. Ин мушкилот ва масоили рушд ёфтани низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди корхонаҳои бахши саноати кишвар, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додани вижагиҳои низоми буҷетӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ дар ин асноро талаб мекунад, коркарди методологии ҳалли онҳоро ба миён мегузорад, то ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва рушди корхонаҳо мусоидат карда тавонад. Ҳамаи ин мубрамият ва аҳаммиятнок будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро асоснок мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқотҳо оид ба муҳтавои равиши барномавию ҳадафманди буҷетикунонӣ ва татбиқи он дар корҳои олимони варзидаи хориҷӣ аз қабили Афанасьев М.П., Алехин Б.И., Кравченко А.И., Крадинов П.Г., Аркадьева О.Г., Горшкова К.С., Устюжанина Е.В., Евсюков С.Г., Панфилов Ф.А., Фролова Ю.В., Мастеров А.И., Фесик С.В., Чварнукова Е.В. дарҷ гардидаанд.

Дар мавриди муайян сохтани масоили вобаста ба идораи хароҷотҳои буҷет ва ба назар гирифтани самаранокии он корҳои олимони хориҷӣ Маршал А., Милл Ҷ., Пигу А., Портер М., Бабич А.М., Тейлор Ф., Бескоровайная С.А., ва дигарон бахшида шуда, оид ба коркарди назариявӣ ва амалии идора ва татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳо дар корҳои таҳқиқотии Алешина А.В., Аншина В.М., Багратиони К.А., Ляпунова Г.В., Воропаева В.И., Леонова О.В., Мазур И.И., Мироненко Н.В., Разу М.Л., Шапиро В.Д.,. Федотова Г.В. таҳаққуқ ёфта, оид ба равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд таҳқиқотҳои сершумори олимони ватанӣ Султонов З.С., Абдулхаева Ш.Р., Сафаров А.С., Муминова Ф.М., Бобоев Н.М., Мамадризоева Н.М., Боймирзоев Б.И. ва дигарон бахшида шудаанд.

Маъалаҳои гуногунҷанбаи молияи давлатӣ ва буҷету буҷетикунонӣ дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ аз қабили Иброҳимзода И.Р., Ҳусайнов М.Н., Орифов А.О., Комилов С.Ҷ., Шарипов А.К., Худоиев М.Н., Каримова М.Т., Маҳкамов Б.Б., Бойматов А.А., Азизов Ф.Х., Одинаев Ф.Ф., Абдуллоев А.А., Ҳикматов С., Давлатшоев О.Х. ва дигарон дарҷ гардида, баъзе масоили баҳисобгирии молиявӣ ва назорати равандҳои банақшагирии буҷет дар таҳқиқотҳои Хушвахтзода Қ.Х. (аз лиҳози аудити самаранокии маблағҳои буҷетӣ), Низомов С.Ф. (дар доираи буҷетикунонӣ ҳамчун асоси ташкили баҳисобгирии идоракунӣ), Султонов З.С. (вобаста ба коркарди механизмҳои молиявӣ), Калемуллоев М.В. (аз нуқтаи назари назорати молиявӣ), Собирзода Н.М. (вобаста ба низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷотҳо), Умаров Х.У. (вобаста ба сиёсати монетарӣ ва хавфҳои молиявӣ), Шарифов З.Р. (тавассути ҷанбаҳои субъекти бозори суғурта), Шарипов Б.М. (дар доираи низоми лоиҳаҳои маблағгузориҳои бонкӣ ба некӯаҳволии аҳолӣ), Қодирзода Д.Б. (вобаста ба механизмҳои идораи некӯаҳволии аҳолӣ), Улуғхоҷаева Х.Р. (бо дарназардошти вижагиҳои сиёсати андозӣ), Ҷурабоев Ғ.Ҷ. (вобаста ба

ҷанбаҳои рушди бахшҳои саноат), Хоҷаев П.Д. (дар доираи идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук) ва дигарон инъикос гардидаанд.

Аммо дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ масоили мукаммалгардонии буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар бахши саноатӣ, асосноккунии механизмҳои самараноки буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, ҷанбаҳои татбиқи буҷетикунонии ҳадафманди ба натиҷа нигаронидашуда, инчунин, масоили марбут ба коҳиши тобеият ба як маркази қабули қарор ба таври комил инъикоси пурраи худро наёфтааст. Ҳамаи ин зарурати омӯзиш ва таҳқиқи амиқи ташаккулёбӣ ва амалисозии низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахшҳои иқтисодиёт, аз ҷумла корхонаҳои саноатиро дар шароити ворид намудани ислоҳоту тағйирот, асоснок менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар солҳои гуногун), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат», маҷмуи барномаҳо ва стратегияҳои соҳавӣ ба таври мустақим алоқамандӣ дорад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз асосноккунии равишҳои назариявию методии ташаккул ва рушд додани низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳо, аз ҷумла дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот** дар доираи ҳадаф ва мақсади вогузошташудаи таҳқиқоти кори диссертатсионӣ аз инҳо иборат мебошанд:

– тавсеа ва омӯзиши асосҳои назариявии татбиқи усули барномавию ҳадафманди ташаккулёбии буҷет;

– муайянсозии принсипҳо ва шароитҳои асосии татбиқи равиши барномавию ҳадафманд дар алоқа бо таҷрибаи хориҷии амалишавии он;

– таҳлили ҳолатҳои муосир ва муайянкунии тамоюлҳои буҷетикунонии рушди бахши саноат ва баҳогузории самаранокии он;

– асоснок намудани самтҳои коркард ва татбиқи лоиҳаҳои омӯзишии буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян сохтани хусусиятҳои татбиқи буҷетикунонии ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

– муайян намудани роҳҳои такмили низоми буҷетикунонии ҳадафманд дар шароити кунунии густариши фановариҳои рақамӣ бо таваҷҷуҳ ба мушаххас намудани унсурҳои он.

**Объекти таҳқиқот.** Ба ҳайси объекти таҳқиқот роҳҳои татбиқ ва амалисозии буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунанд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** муносибатҳои иҷтимоӣ–иқтисодие мебошанд, ки ҳангоми коркард ва амалисозии буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки дарки нав ва коркарди равишҳои консептуалии равандҳои татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд бо назардошти ба таври самаранок амалӣ шудани он имконият медиҳад, ки корхонаҳои бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон рақобатпазирии худро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ таъмин менамоянд.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** асарҳои донишварони соҳаи иқтисодиёти кишвар ва берун аз он ташкил медиҳад,

ки бештар ба таҳаққуқи равандҳои молия, буҷету буҷетикунонӣ ва буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахшҳои иқтисодӣ бахшида шудаанд. Методолигия дар кори таҳқиқотӣ мунъакисгардида бо усулҳои маъмули таҳлилу синтез, қиёскунӣ, баҳогузориҳо ва усулҳои махсуси иқтисодӣ-риёзӣ, мантиқӣ, пешгӯикунӣ, оморӣ ва дигар усулҳои маъмули илмӣ асоснок мегардад.

**Сарчашмаи маълумотҳоро** ҷамъбасткуниҳо ва хулосаҳои назариявӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омори расмӣ, ҳисоботҳои Вазорати саноат ва технологияҳои навин, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилооти ниҳодҳои илмӣ–тадқиқотӣ, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилооти нашрияҳо ва интишороти даврӣ, маълумоти Интернет ташкил додаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021–2024 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асосноккунии равишҳои назариявию методии амалисозии низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳо, махсусан буҷети барномавиву ҳадафманд дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Натиҷаҳои нисбатан муҳимми таҳқиқоти диссератсионӣ, ки дорои навгониҳои илмӣ мебошанд, инҳоянд:

– муқаррароти назариявии ташаккули низоми буҷетикононии барномавию ҳадафманд бо таваҷҷуҳ ба афзалиятҳои нисбии (шаффофият, фаврият, мақсаднокӣ, самаранокӣ, ба натиҷа нигаронидашуда ва ғ.) он асоснок карда шудааст, ки имкон медиҳад истифодаи самаранок ва саривақтии маблағҳои буҷетӣ дар доираи татбиқи барномаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиву иҷтимоии соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ таъмин карда шавад;

– асоснок намудани принсипҳо, ҷузъҳо ва шароитҳои асосии татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар ҳошияи равиши лоиҳавӣ бо таваҷҷуҳ ба таснифоти гуруҳбандии тавсифии барномаҳои ҳадафманд ва мақсади умумӣ, ки имкон медиҳад механизмҳои самараноки ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ба бахши саноатро дар алоқамандӣ бо дастгирии давлатӣ дар асоси ташаккули муҳити озоди рақобатӣ ва густариши фановариҳои рақамии муосир фароҳам оварад;

– тамоюлҳои рушди бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба ҷудо кардани зиддиятҳо байни равандҳои муосири густариши тағйироти технологӣ, сохторӣ, истеҳсолӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ, аз як тараф ва аз тарафи дигар низоми мавҷудаи буҷетикунонӣ ва дастгирии давлатии ғайрисамараноки рушди бахши саноат баҳогузорӣ шудааст, ки зарурати истифодаи консепсияи буҷетикунонии барномавиву ҳадафмандро бо таваҷҷуҳ ба дастрасӣ ба параметрҳои ноил гардидан ба саноатикунонии босуръати иқтисодӣ миллӣ ба миён меоварад;

– асоснок намудани заминаҳои институтсионалӣ ва дурнамои татбиқи консеписяи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар ҳошияи равиши лоиҳавӣ бо таваҷҷуҳ ба ташкили курсҳои омӯзишии буҷетикунонии бахши саноат ва бо назардошти ҷалби васеи кормандони сохторҳои молиявии кишвар ба раванди омузиши методикаи тартиб додани лоиҳаҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, чун зинаи ибтидоии гузариши фарогир ба низоми мазкур;

– асоснок намудани самтҳои афзалиятноки татбиқи равиши буҷетикунонии ҳадафманд дар бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба татбиқи чорабиниҳои баҳамалоқаманди зерин:

✓ татбиқи амалии воситаҳои рақамии муосир дар раванди банақшагирӣ ва лоиҳасозии буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди корхонаҳои саноатӣ, ки ба таъмини сарфи маблағҳои буҷетӣ дар асоси равиши ба натиҷа нигаронидашуда мусоидат менамоянд;

✓ ташаккули фазои мусоиди ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба мутобиқ намудани сарфи маблағҳои ҷудошуда дар асоси принсипҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди ба натиҷа нигаронидашуда;

✓ тақвияти робитаҳои амудӣ ва уфуқии ниҳодҳои танзими давлатии бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани самаранокии банақшагирӣ, ташкил ва назорати буҷетикунонии барномавию ҳадафманди ба натиҷа нигаронидашуда;

– асоснок намудани роҳҳои такмили низоми буҷетикунонии ҳадафманд дар шароити кунунии густариши фановариҳои рақамӣ бо таваҷҷуҳ ба мушаххас намудани унсурҳои вурудӣ (стратегияҳо ва ҳадафҳо, сохтори ташкилӣ, воситаҳои таъсирасон) ва хуруҷии он (ташаккули сиёсати молиявӣ, таъмини рақобатпазирӣ, татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ), ки ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия.** Ба ҳимоя нуқтаҳои зерин пешниҳод мегарданд:

– равиши аз ҷониби муаллиф коркардшудаи инъикоси системавии муҳтавои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, ки ҳамчун усули дорои афзалиятҳои муайяни ташаккули буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд, дар доираи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ амалӣ мешавад ва алоқамандии равандҳои буҷетиро барои рушди иҷтимоиву–иқтисодӣ таъмин менамояд;

– маҷмуи принсипҳои ба талаботҳои муосир ҷавобгӯйи ташакул, тартиб ва амалӣ намудани буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, ки ба ташаккули муҳити сармоягузорӣ, рақобатпазирӣ ва фароҳамоварии шароити мусоиди густариши фановариҳои рақамии муосир, замина мегузорад;

– арзёбии самаранокии буҷетикунонии рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян сохтани вобастагиҳои даромади умумӣ ва хароҷот ба соҳаи саноат, инчунин арзёбии хароҷотҳои воқеии буҷети давлатӣ барои татбиқи ҳадафмандонаи лоиҳаҳои буҷетии бахши саноат;

– пешниҳодҳо оид ба такомули сиёсати буҷетӣ ва методикаи тартиб додани лоиҳаҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд;

– механизми татбиқи буҷетикунонии ҳадафманд дар шароити густариши иқтисоди рақамӣ, бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои хоси рушди бахши саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– модели консептуалии буҷетикунонии барномавию ҳадафманди ба натиҷа нигаронидашуда бо таваҷҷуҳ ба ҳамбастагии унсурҳои алоҳидаи он.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз, хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, принсипҳои аз тарафи муаллиф пешниҳодшуда, равишҳо ва механизмҳо ҳамчун асоси коркарди масъалаҳои мукаммалсозии равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд ва татбиқи самараноки он дар мисоли низоми буҷетии кишварҳои рушдкарда иборат аст. Муқаррароти назариявии таҳқиқот, равишҳои методологӣ, тавсия ва пешниҳодҳои илмиии таҳқиқот доир ба самаранокии низоми буҷетӣ ва такомули буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар фаъолияти амалии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми омӯзиши курсҳои «Молия», «Буҷет ва низоми хазинадорӣ», ва «Идораи молияи давлатӣ» мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо корбасти усулҳои махсуси илмӣ–назариявии дар рафти иҷрои таҳқиқот истифодагардида, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқгардида, коркарди илмӣ–оморӣ, назариявӣ, риёзӣ ва абстрактии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф дар асоси

омӯзиши илмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навгонӣ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад: 2.4. Ояндабинӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ, 2.8. Муносибкунонии раванди буҷетӣ: такмили системаи идоракунии даромадҳо ва хароҷоти низоми буҷетӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ, 2.15. Равишҳои консептуалӣ нисбат ба ташаккули муносибатҳои байнибуҷетӣ, 2.17. Механизмҳои тақсимкунии маблағҳои буҷетӣ, 2.19. Сохтори таснифоти вазифавӣ–иқтисодии буҷетӣ, 2.20. Дигаргунсозии системаи буҷетию андозӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисодиёт: фишангҳо ва моделҳои мутобиқсозӣ.

**Саҳми шахсии довталаб.** Саҳми шахсии муаллиф дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ–методии таҳқиқ, такомул, татбиқ ва амалигардонии буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаи саноат, дар доираи назарияиҳои илмӣ, коркарди қиёсии маълумотҳои оморӣ, муайянсозии равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори низоми буҷетикунонӣ ва роҳҳои тараққиёти техникии буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, дар доираҳои таҳлили бахши саноати кишвар, таҳқиқи вазъи муосир ва муайян кардани тамоюлҳои рушди он, заминаҳои асосии ташкили низоми буҷетикунонӣ, таҳияи модели риёзиву мантиқии корхонаҳои саноатӣ ва татбиқи усулҳои арзёбии фаъолият ва самаранокии онҳо, инчунин тавсияҳои мушаххаси муаллиф вобаста ба татбиқи роҳу равишҳои ба системаи буҷетикунонӣ таъсиррасон ифода меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии нитиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва

ҷумҳуриявӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2021–2024), инчунин дар дигар чорабиниҳои илмӣ–амалӣ ироа гардидаанд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқоти методологию назариявии диссертатсия ва тавсияҳои амалии он дар раванди таълим ва омодасозии мутахассисони зинаи бакалавр ва магистратура дар самти ихтисоси молия ва суғурта истифода бурда мешаванд.

**Интишори натиҷаҳои тадқиқот.** Муқаррароту хулосаҳо ва нуктаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар конференсияҳои ҳарсолаи ҳайати профессорону устодон ва кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ироа гардидаанд. Ғайр аз ин натиҷаҳои таҳқиқот дар равандҳои тадрис ва омодасозии мутахассисони бакалавр ва магистратура дар бахши молия истифода мегардад.

Аз рӯйи маводи тадқиқотшудаи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохт ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 8 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 181 номгӯйро дарбар мегирад, 10 расм, 19 ҷадвал иборат мебошад. Кори диссертатсионӣ дар маҷмуъ 199 саҳифаи чопи компютериро фаро гирифтааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ БУҶЕТИКУНОНИИ БАРНОМАВИЮ ҲАДАФМАНД ДАР ПОЯИ РАВИШҲОИ ЛОИҲАВӢ

## 1.1. Ҷанбаҳои назариявии татбиқи усули ҳадафманди барномавӣ ҷиҳати ташаккули буҷет

Дар даврони муосири рушд, равандҳои иқтисодӣ бо печидагиҳои ҷаҳонишавӣ ва афзалдонии равандҳои гуногуни идоракунӣ дар бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла идораи бахшҳои саноат, идораи дурусту ба талаботҳои муосир ҷавобгӯи молияи он, мутобиқшавии маҳсулот ба бозорҳо бархурд мекунанд, ки ин раванд дар заминаи рушд кардани хеш дуруст ба роҳ мондани равандҳои молияву буҷетикунониро ба вуҷуд меоварад. Дар ин замина нақши ниҳодҳои молиявӣ ва банақшагирии захираҳои молиявие, ки ба рушди умумии иқтисодиёт мусоидат хоҳанд кард, афзун мегардад, чунки барои ҳалли масоили молиявӣ банақшагирӣ аз ҳама унсури асосӣ ба ҳисоб меравад. Банақшагирӣ воситае мебошад, ки ташаккулёбии фаъолиятро таъмин намуда, ба ноилгардии ҳадафҳо ва созмон додани механизмҳои мутобиқшавии стратегия ба тағйиротҳои берунаву дохила муосидат мекунад.

Рушди иқтисодиву иҷтимоии ҳар як кишвар дар бозтоби рушдёбии минтақаҳои ҷудогонааш ва алоқамандиҳои фазои ягонаи иҷтимоиву иқтисодӣ, маданиву демографӣ ва дигар намуди ҳамбастагиҳо ифода гардида, тадбирҳои пайдо намудани роҳҳои маблағгузориҳои гуногунро талаб мекунад. Дар ин замина маблағгузориҳои буҷетӣ мақоми хосса доранд. Талаботи замони муосир дар назар дорад, ки тағйирот дар ҷараёнҳои буҷетикунонӣ ва воситаҳои буҷетӣ барои самаранок гардонидани равандҳои идораи бахши молия асосӣ ба ҳисоб рафта, татбиқи идоракунии лоиҳавии мақсаднок ба ташаккул ёфтани системаи навини идоракунии рушди маҷмуавӣ ва банақшагирии буҷетикунонӣ мусоид ҳоҳад буд. Аз таҷрибаҳо маълум мегардад, ки сиёсати дурусти буҷетӣ бояд ба ноил гардидан ба рушди устувору афзоиш ёфтани

самаранокии хароҷотҳои давлатӣ равона гардида, ба баланд гардидани сатҳи самарабахшии хароҷотҳои давлатӣ ва сифати хизматрасониҳои макомотҳои давлативу маҳаллӣ мусоидат намояд. Аз нигоҳи мо, дар замони муосир яке аз воситаи ба чунин мақсади гузошташуда ноил гардидан ин буҷетикунонии барномавию ҳадафманд мебошад, ки татбиқи он метавонад ислоҳоти куллие ба системаи идоракунии маблағҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид созад. Зеро муҳтаво ва мазмуни он талаб мекунад, ки таваҷҷуҳи хоса ба худи захираҳо неву бояд ба натиҷаҳои банақшагирифташуда дода шавад ва ба ҳадафҳои дар доираи нақшаҳо ба инобатгирифташуда волоият дода шавад.

Дар таҳқиқотҳои илмӣ истилоҳҳои гуногуни тавсифдиҳандаи мафҳуми буҷетикунонии барномавию ҳадафмандро дидан мукин аст, ки бештари онҳоро чунин мафҳумҳо инъикос мекунанд: «принсипи ҳадафманди банақшагирӣ», «равиши системавии банақшагирӣ», «буҷетикунонӣ дар асоси барномаҳо», «банақшагирии буҷетӣ, ки ба натиҷа нигаронида шудааст», «банақшагирӣ ва идоракунии ҳадафманд», «усулҳои буҷетикунонӣ ва идораи барномавию ҳадафманд», «принсипи ҳадафманди банақшагирӣ дар буҷетикунонии барномавӣ» ва амсоли инҳо. Вале бояд қайд намоем, ки мафҳумҳои аз ҷониби муаллифон пешниҳодгардида бештар тавсифи истилоҳӣ дошта, мушаххасоти ягонаи тавсифӣ надоранд. Баъзеи онҳоро дида мебароем.

Масалан муаллифони таҳқиқоти «Буҷети барномавӣ: мақсад, таснифот ва принсипҳои созмондиҳӣ» қайд менамоянд, ки «Буҷетикунонии барномавӣ аз худ методологияи банақшагирӣ, иҷроиш ва назорати иҷрошавии буҷетро инъикос менамояд, ки алоқамандиҳои раванди тақсимоти хароҷотҳои давлатиро бо натиҷаҳои амалишавии барномае, ки дар асоси ҳадафҳои стратегӣ бо дарназардошти афзалиятҳои сиёсати давлатӣ, аҳаммияти иҷтимоӣ ва натиҷаҳои ниҳоии воситаҳои буҷет коркард карда мешаванд, таъмин менамояд. Мақсади асосии

буҷетикунонии барномавӣ баланд бардоштани самаранокии иҷтимоӣ ва иқтисодии хароҷотҳо мебошад. Афзалияти калидии равиши барномавӣ дар қиёс аз равиши маъмул, дар баланд бардоштани устувории фискалӣ ва самаранокии фаъолияти мақомотҳои соҳавӣ ва алоқаҳои нисбатан зичи ҳадафҳои стратегӣ мебошад» [12, С. 9].

О.Г. Аркадева ва К.С. Горшкова қайд менамоянд, ки буҷетикунонии барномавӣ – ин «танҳо яке аз воситаҳои идоракунии молияи ҷамъиятӣ буда, натиҷаи воқеии татбиқи он аз омилҳои сершумори берунаву дохила вобаста мебошад. Истифодаи фақат як ҳамин восита наметавонад норасогиҳои системавии идоракуниро бартараф созад» [10, С. 2].

Ба ақидаи Е.В. Устюжанина ва ҳаммуалифонаш «Равиши лоиҳавие, ки асоси буҷетикунонии барномавиро ташкил медиҳад, ҳақикатан ҳам барои амалисозии «рахна сохтан»–и инфрасохтор, иҷтимоиёт ва инноватсия созгор мебошад, зеро имкон медиҳад захираҳо ва қувваи асосӣ дар самтҳои нисбатан муҳимми рушд масраф гарданд» [144, С. 12].

Олими ватанӣ Ш.Р. Абдулхаева дар мавриди татбиқи буҷетикунонии барномавӣ қайд менамояд, ки «он ҳамчун сохторкунонии иттилооти буҷетӣ ба се саволи муҳимми раванди буҷет ҷавоб медиҳад: мо бояд ба чи ноил гардем; чи гуна ба мақсад бирасем; чи қадар восита барои ноил гардидан ба ин ҳадаф масраф мешавад. Муҳим будани ин саволҳо ва ҷавоб ёфтан ба онҳо татбиқи буҷетикунонии барномавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро асоснок мекунанд…» [1, С. 150].

Дар такя ба асноди меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавон арз намуд, ки дар бештари онҳо низ мафҳуми «буҷетикунонии барномавӣ» истифода шудааст. Ҳамин тавр истилоҳи пурра инъикоскунандаи ягона ва универсалие, ки битавонад ба таври мушаххас усули буҷетикунонии барномавиро аз тарафҳои гуногун ифшо намояд дар адабиёти илмӣ ба назар намерасанд. Аммо тамоми таърифҳои мавриди таҳлил қароргирифта байни ҳам мутафовитӣ дошта бошанд ҳам,

пуркунандаи якдигар мебошанд. Дар маҷмуъ тамоми таърифҳои таҳлил гардида ба он ишорат мекунанд, ки татбиқи буҷетикунонии барномавӣ самарабахш ва истифодаи он дар системаи идораи молияи давлатӣ муфид хоҳад буд.

Ҳамин тавр дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мо ба мафҳумҳои «буҷетикунонии ҳадафманди барномавӣ» ва «буҷетикунонии барномавӣ» такя намуда, ҷанбаҳои назариявии татбиқи онро дида мебароем. Масалан А.И. Мастеров зикр мекунад, ки «Яке аз воситаҳои асосии сиёсати буҷетӣ, ки имконияти ба натиҷаҳои ноил гардидани давлатро фароҳам меорад ва масоили мубрами сиёсати иҷтимоӣ–иқтисодӣ, мақсад ва масалаҳои онро муайян месозад ин буҷетикунонии барномавии ҳадафманд мебошад. Дар раванди татбиқи чунин намуди буҷетикунонӣ назорати иҷрошавии захираҳои буҷетӣ пурзӯр гардида, самараҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии амалишаванда дар доираи барномаҳои давлатии лоиҳаҳои буҷетӣ муайян мегарданд» [86, С. 85].

Аслан равандҳои ташаккули буҷетикунонии барномавӣ якчанд марҳилаҳоро паси сар намуда, ба тағйиротҳои назаррас ноил гардидаанд. Ҳанӯз дар ибтидои асри XX методикаи мазкур дар ИМА ба таври фарох дар якчанд иёлоти калонтарин (Ню–Йорк, Чикаго, Калифорния ва ғ.) мавриди татбиқ қарор гирифта буд. Дар таҳқиқотҳои олимони амрикоӣ буҷетикунонии барномавӣ яке аз самтҳои муҳимми таъминкунии рушди ҳам минтақаҳо ва ҳам рушди умумӣ ба ҳисоб меравад, чунки тартиб додани барномаҳо дар асоси бартариятҳои рушд ва имкониятҳои ба инобат гирифтани натиҷаҳои интизорбуда ин равишро самаранок ва татбиқшаванда мегардонад. Барои ҳамин ҳам амалисозии ин гуна равиш тағйиротҳои куллӣ дар системаи буҷетикунонӣ ва муайянсозии афзалиятҳои буҷетӣ, ба ҳисоб гирифтани он ворид сохта, имкониятҳои муайян кардани нишондиҳандаҳои баҳисобгирии онро фароҳам меоварад.

Дар таҳқиқотҳои олимони рус равиши ҳадафманд дар идоракунӣ ва банақшагирӣ ҳамчун таъминкунандаи таъинотҳои мақсадноки фаъолияти идоракунии хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад. Масалан Ю.В. Фролова равишҳои ҳадафманду барномавиро ҳамчун ҳамҷояшавии усули барномавию ҳадафманд дониста, қайд мекунад, ки «Моҳияти равиши барномавӣ дар марказонидашавии идоракунӣ тавассути тадбирҳо ва усулҳои истифодаи захираҳо зоҳир мешавад, ки иҷрошавии масъалаҳои мушаххаси муайянро таъмин менамояд» [147, С. 149]. Ба ақидаи муаллиф равиши барномавӣ танҳо усулест, ки ба марказонидашавандагии равандҳои буҷетӣ шиддати хоса медиҳад. Аз ин ақида бармеояд, ки агар усули барномавӣ ин замимаи таҳлили системавии ҳалли масъалаҳои мубрам бошад, пас усули барномавию ҳадафманд, барои ҳалли маосили асосии идоракунӣ истифода мешавад. Дар идома муаллиф қайд мекунад, ки «Дарки васеи идоракунии ҳадафманду барномавӣ – ин маҷмуи воситаҳои банақшагирфташудаю ташкилии ташаккулёбии комплекси тадбирҳои алоқаманде мебошад, ки талаботҳои ниҳоӣ, мақсад ва шарту шароитҳои молиявии барои ба мақсадҳои гузошташуда расиданро асоснок менамояд» [147, С. 130].

Амалишавии буҷети барномавию ҳадафманд пеш аз ҳама сатҳи баланд бардоштани баҳогузории захираҳои молиявӣ ва харҷ шудани онҳо дар доираи ҳадафҳои мушаххасро фароҳам меоварад. Чуноне ки А.И. Мастеров қайд мекунад, «Коркарди буҷети барномавию ҳадафманд ташаккулёбии баҳоҳои иқтисодии потенсиали захираҳои мавҷудбуда ва инчунин пайдо кардани гунаҳои истифодаи онҳо барои ба мақсад ноил гардиданро дар назар дорад. Ғайр аз ин раванди коркарди буҷети барномавию ҳадафманд ҷустуҷӯи роҳҳои нисбатан фоидаовари истифодаи захираҳои мавҷудбударо дар назар дорад» [85, С. 65].

Дар назар аст, ки татбиқи усули барномавию ҳадафманд ҳадафҳои асосии рушди иҷтимоӣ–иқтисодии кишварро бароварда гардонида, ба

мутавозунии таъминшавии истеҳсолот бо захираҳои заруриро ба роҳ мемонад. Вобаста ба ин матлаб С.В. Фесик чунин нуқтаи назар дорад, ки «Моҳияти усули барономавиву ҳадафманд дар интихоби ҳадафҳои асосии рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмӣ–техникӣ, коркарди тадбирҳои бо ҳам алоқаманди барои дар муддати муайян ба мақсадҳои гузошташуда ноил гардидан дар доираи таъмини устувори истеҳсолот бо захираҳои зарурӣ ва рушди самараноки истеҳсолот зоҳир мегардад» [145, С. 171]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки татбиқи ин усул ба фаъолтар гардидани равандҳои идоркунӣ оварда, банақшагирӣ ва пешгӯикуни дар равандҳои ба он мутааллиқро осонтар мегардонад ва назорати натиҷагирии буҷетикунониро пурзӯр ва самаранок мегардонад.

Ҳамин тавр равишҳои гуногуни буҷети барномавию ҳадафманд аз масири гуногун шарҳ дода шудаанд, ки дар бештари онҳо татбиқи гунаҳои беҳтарини равандҳои буҷетикунонӣ тибқи амалисозии барномаҳои ҳадафманд дарҷ карда шуда бошанд ҳам, аммо ақидаи ягонаи мушаххаси инъикоскунандаи ҷузъиёти куллии он ба назар намерасад (ҷадвали 1.1.1). Аз ин лиҳоз омӯзиши он мураккабтар мегардад ва талаб мекунад, ки ҷанбаҳои гуногунтарафи воситаҳои самараноки татбиқкунӣ ва ҷузъҳои тасвиркунандаи он амиқтар омӯхта шаванд, то ба мақсади гузошташуда мусоидат кунанд. Барои ҳамин аз нигоҳи мо омӯхтани роҳу усулҳои татбиқи самараноки низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманд ба мақсад мувофиқ мебошад.

Равишҳои гуногуни буҷетикунонии барномавию ҳадафманди дар ҷадвали 1.1.1 овардашударо мавриди таҳлил қарор дода, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки он дорои давраҳои хос буда, дар раванди татбиқи он усулҳои истифодашавандаро мавриди таҳлили амиқ қаро дода, дар такя ба самарнокии онҳо, афзалиятноктаринашро интихоб намудан лозим аст.

**Ҷадвали 1.1.1. - Равишҳои мухталифи муайян кардани истилоҳи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд аз ҷониби олимони соҳа**

| Муаллиф | Таърифф |
|---|---|
| Е.В. Чварнукова, Н.В. Скрынникова | «Гурӯҳи давраҳои раванди буҷетӣ, ки тариқи амалисозии тадбирҳои идоракунии захираҳои буҷетии тамоми давраи равандҳои буҷетро фарогиранда амалӣ мешаванд ва алоқамандиҳои онҳоро таъмин месозанд» [160]. |
| С.В. Карандасов | «Принсипи барномавию ҳадафманди буҷет барои ба дастовардҳои муҳимму мақсадноки ичтимоиву иқтисодӣ ноил гардидан истифода мешавад, ки онҳоро наметавон дар доираи модели маъмули (сметавӣ) буҷетикунонӣ нисбатан самаранок амалӣ намуд. Усули барномавию ҳадафманд имкон медиҳад, ки мушкилоти мавҷуда, роҳҳои ҳалли он, захираҳои мавҷудбуда ва иҷрокунандагони ин захираҳо вобаста ва ҳамҷоя карда шаванд» [59, С. 83]. |
| А.В. Минаков | «Ғояи асосии буҷети барномавию ҳадафманд дар вобаста кунонидани хароҷотҳои давлатӣ бо гирфтани фоидаи баланди натиҷаҳои барои ҷомеа зарур асос меёбад» [88, С. 11]. |
| Л.Г. Шобей, Д.О.Волк | «Усули барномавию ҳадафманди банақшагирии буҷет аз банақшагирии системавии истифодаи воситаҳои буҷетӣ ба ичроиши барномаҳои қонунан ва бо санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ тасдиқгардида асос меёбад. Усули барномавию ҳадафманди банақшагирии хароҷотҳо ба риояи равиши ягонаи истифодаи фоидаовари воситаҳо ҳам барои ҳалли масалаҳои муҳимми давлативу минтақавиву мунисипалӣ мусоидат мекунад ва ҳам воситаи баробаркунандаи рушди иқтисодии ҳудуҳои ҷудогона мебошад» [172, С. 92]. |
| Т.Н. Кондрашова | «…буҷетикунонии барномавию ҳадафманд технологияи миёнамуҳлати таксимкунии захираҳои қисми хароҷотҳои буҷети сатҳи мувофиқ дар асоси андозаи имкониятҳои гузаронидани мониторинги нишондодҳои амалиётӣ барои азнавтақсимкунии захираҳо дар давари кӯтоҳмуддат мебошад» [65, С. 180]. |
| Е.К. Кузнецова, Б.Г. Хаиров | «…буҷетикунонии барномавию ҳадафманд ва ё буҷетикунонии барномавӣ аз худ раванди коркарду амалишавии барномаҳои комплексиро дар вобастагии зич бо буҷет инъикос менамояд. Дараҷаи баландтарини рушди ин раванд бо ташаккулёбӣ ва иҷроиши буҷети барномавӣ тавсиф дода мешавад, ки хароҷотҳои асосии он дар доираи барномае, ки натиҷаҳои аниқи ниҳоӣ дорад, амалӣ мешавад…»[69, С. 136]. |
| О.В. Аргба | «Буҷетикунонии барномавию ҳадафманд нисбат ба усули буҷетикунонии барномавӣ мафҳуми васеътар мебошад, зеро дар он усулҳои татбиқии сершуморе истифода мешаванд… ҳангоми истифодаи он дар фарқият аз усули маъмул пеш аз ҳама афзалиятҳо ва натиҷаҳои асосӣ бояд асоснок карда шаванд ва дида мешавад, ки захираҳо неву балки натиҷаҳо идора карда мешаванд…»[9, С.252]. |

***Таҳияи муаллиф***

Дар иртибот ба ин, аз нигоҳи мо ***усули барномавию ҳадафманд тариқи татбиқи усулҳои сершумори банақшагирӣ ва пешгӯикунӣ, нисбат***

***ба усули маъмули буҷетикунонӣ афзалиятҳои муайянро доро буда, низоме мебошад, ки истифодаи захираҳои буҷетӣ ва иҷроиши онҳоро дар тамоми равандҳои фаъолияти буҷет, тибқи барномаҳои афзалиятноки тасдиқгардида, дар доираи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ амалӣ намуда, алоқамандии равандҳои буҷетиро барои рушди иҷтимоиву–иқтисодӣ таъмин менамояд. Хусусияти фарқкунандаи ин равиш таваҷҷуҳи хос доштанаш ба натиҷагирӣ мебошад.***

Ҳамин тавр, ташаккул ва татбиқи усули буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, ки усулҳои фаъоли афзалиятнокӣ ва банақшагириву пешгӯикуниро фарогир мебошад, ҳамчун восита ва абзори асосие баромад мекунад, ки дар маҳзари лоиҳаҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои давлатӣ унсури илман асонокшуда ва такомулгардида ба ҳисоб меравад (расми 1.1.1).

Буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар доираи мақсади татбиқи равиши барномавию ҳадафманд ва консепсияи ташаккули буҷет вобаста ба барномаҳо, ҳадафи асосии хешро ҳамчун рушди самаранокии татбиқи тамоми намудҳои буҷетикунонӣ қарор дода, ба ҳайси абзори асосие баромад мекунад, ки тавассути он метавон ба мақсадҳои гузошташуда ноил гардид. Асоси онро ҳамчунин таснифоти барномавии хароҷотҳо ташкил медиҳад, ки дар доираи усулҳои фаъоли идоракунии ҳадафманд барои самаранокона тақсим намудани воситаҳои буҷет мусоидат мекунад.

Самаранокии буҷети барномавию ҳадафманд нахуст дар баҳодиҳии сарфа кардани воситаҳои буҷет, бо дарназардошти он, ки онҳо маҳз дар доираи барномаҳои давлатӣ масраф гардидаанд, муайян мегардад. «... системаи буҷетикунонии барномавӣ ва баҳодиҳии самаранокии хароҷотҳои (барномавии) буҷет мақсади боздоштани афзоиши хароҷотҳоро дорад.




**Расми 1.1.1. - Афзалиятҳои рушди системаи буҷетикунонӣ дар пояи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд**

**Сарчашма:** Коркарди муаллиф

Барнома бошад, ҳаматарафа ба таҳлили ҳамешагӣ фаро гирифта мешавад: мутобиқат ба ҳадафҳои давлатӣ, ба қонеъ гардонидани талаботҳои афзалиятноки аҳолӣ, ба мавҷудияти алоқамандиҳои аниқи натиҷа ва захираҳои баонноилмегардида ва ғ.» [67, С. 92]. Дар ин замина он ҳамчун омили асосие баромад мекунад, ки тавассути он хароҷотҳои буҷет кам мегарданд.

Аз сабаби оне ки буҷет воситаи асосии танзим ва идораи равандҳои иҷтимоию иқтисодии давлат аст, бо дарназардошти ба таври фаъол татбиқ нагардидани механизми усулҳои ҳадафманду барномавӣ дар идоракунии он, мушкилоти банақшагирӣ ба осонӣ ҳал шуда наметавонад.

Ин аз он далолат медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи усули барномавию ҳадафманди буҷетикунонӣ дар давраҳои муайян ҳанӯз пурра мақоми худро пайдо накарда, пояи меъёриву ҳуқуқии ба он мусоидаткунанда низ ба таври кофӣ коркард нашуда, муносибати ҷиддиро талаб мекунад.

Аз нигоҳи мо, дар амалия, гузаштан ба ин усул дар фарқият ба усулҳои маъмул имкониятҳои фарохи чандирияти идоракунии захираҳои буҷетиро фароҳам оварда, ба афзоиш ёфтани вазъи хизматрасониҳои давлатии равандҳои ба буҷет тааллуқдошта ва кам гардидани хароҷотҳо мусоидат хоҳад кард. Аз ҳама муҳим, нисбат ба равишҳои маъмул, дар равандҳои татбиқи усули барномавии ҳадафманд шаффофияти буҷет таъмин гардида, равандҳои қабул гардидани буҷет аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ ва ниҳодҳои қонунгузор содатар мегарданд.

Ҳамаи ин ба муҳиммияти татбиқи усули барномавию ҳадафманд далолат мекунад ва барои татбиқи мукаммал ва пурраи ин усул зарурати «ташкили низоми баҳисобгирии талаботҳо ба хизматрасониҳо, таҳлил ва баҳодиҳии сабабҳои тамойили нишондиҳандаҳои солонаи хароҷотҳои тасдиқгардида аз хароҷотҳои воқеӣ, татбиқи механизмҳои ташаккулёбии қисмати хароҷотҳои буҷет дар алоқамандӣ бо ҳаҷми маблағгузориҳои

буҷет ва низоми тадбирҳои ба натиҷаҳои интизорбуда ноил гардидан, ҳавасмандкунии мақомотҳои идоракунанда барои пайдо кардани воситаҳои баландбардории хароҷотҳо, созмон додани низоми мониторинги равандҳои фаъолияти ташкилотҳо, баргузории пурсишҳо дар миёни аҳолӣ бо мақсади муайян сохтани афзалиятҳо ва самтҳои беҳтарин дар сохтори хизматрасониҳои буҷетӣ ва баҳодиҳии фаъолияти ташкилотҳои буҷетӣ, коркарди методологияи стратегии банақшагирии фаъолияти тақсимкунандагони асосии буҷет бо дарназардошти афзалиятҳои муайяни сиёсати давлатӣ ва минтақавӣ, татбиқи таснифоти барномавии хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ, коркарди феҳрасти нишондиҳандаҳои финалии пешниҳоди барномаҳои самараноки буҷетӣ» [65] ҷой дорад.

Аз муҳтавои консепсияи амалишавӣ ва иҷрошавии худи равиши барномавии буҷет бармеояд, ки дар даврони муосир тавассути усулҳои маъмул ба самранокии барномаҳои давлатӣ ноил гардидан мушкил ва печида мебошад. Тибқи ин консепсия, дар доираи усули мазкур имконияти мутаҳҳид гардонидани проблемаҳо ва мақсадҳои ба ҳалли онҳо равона гардидаро фароҳам оварда мешаванд. Ҷиҳатҳои ба ҳалли масъалаҳо ва мушкилотҳои дорои тавсифҳои гуногуни байнисоҳавӣ ва байниминтақавӣ будани ин усул ва таъмини ҳамҷояшавии манфиатҳову ҳадафҳои мақомоти давлатӣ дар доираи нақшаҳои муҳлаташон гуногун ва хароҷотҳои буҷет бо натиҷаҳои истифодашавии онҳо, тавсифи фарқкунандаи усули мазкурро инъикос мекунанд.

Банақшагирии буҷет ҳамчун механизми тақсимоти воситаҳо дар доираи идоракунии ҳадафманди худ, муайян намудани афзалиятнокии тақсимоти воситаҳоро ҳамчун ҳадаф қарор медиҳад. Вай барои ҳалли масоили тақсимоти захираҳои буҷетӣ дар байни талаботҳои афзалиятнок шароити мусоид фароҳам оварда, ба комилан ноил гардидан ба ҳамон ҳадафе нигаронида мешавад, ки барои он захираи буҷетӣ ҷудо

гардидааст. Вобаста ба беҳтар гардонидани хароҷотҳои буҷет ва ноил гардидан ба мақсадҳои ниҳоии аҳаммияти иҷтимоидошта дар доираи истифодаи самараноку ҳадафманди захираҳои буҷет дар давраҳои муайян, бояд масоили тавсифҳои сиёсидошта низ ба инобат гирифта шаванд.

Дар ин замина, усули барномавиву ҳадафанди буҷетикунонӣ таконбахши равандҳое мегардад, ки тавассути онҳо барои ноил гардидан ба натиҷаҳои сармарабахши хароҷотҳои давлатӣ, баланд шудани сифати хизматрасониҳо расидан осон гардида, самаранокии ҳадафҳои стратегӣ афзун гардида, татбиқи захираҳо ва воситаҳои буҷетӣ ва истифода кардани онҳо дар самтҳои афзалиятноку аҳаммиятнок беҳтар мегардад.

Дар доираи банақшагирии стратегии буҷети ба натиҷа нигаронидашуда дар равиши барномавию ҳадафманд, ташаккул додан ва татбиқ намудани методологияҳои буҷетикунонии барономавиву ҳадафманд, истифодаи фаъоли усулҳои банақшагирию пешгӯикуниро дар назар дорад, ки «… татбиқи фаъоли усулҳои банақшагирии афзалиятнок ва пешгӯикунӣ бояд ба он равона гарданд, ки дар шакли миқдорӣ хароҷотҳои пешгӯишавандаро барои барномаи банақшагирифташуда инъикос намуда, онҳоро бо натиҷаҳои интизорбуда муқоиса намуда, предмети асосии аз назар гузаронидашавандаи раванди ташаккулёбии буҷетикуноние гардад, ки дар татбиқи равишҳои барномавӣ асос ёфтааст»[97, С. 36]. Дар ҳолати ба назар гирифтани ҳамин ҷанбаҳои зикргардида буҷетикунонии барномавию ҳадафманд метавонад таҷҳизоти муҳиму асосии банақшагирии стартегӣ гардида, воситаи беҳтари арзёбии эътимоднок бошад.

Умуман, равиши барномавию ҳадафманди буҷет барои муайян сохтани масрафоти дурусту ҳадафноки воситаҳои буҷет таҷҳизоти муҳиму асосӣ ба ҳисоб рафта, дорои самт ва таъминоти мушаххаси стратегӣ буда, натиҷаи ниҳоии татбиқи он барои давраҳои дароз баҳри ҷомеа фоидаи

устувор меоварад ва барои ҳалли масоили муҳимми давлатӣ, аз қабили таъминкунии рушди устувори иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии соҳаҳои аҳаммиятнок воситаи калидӣ ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ, усули мазкур дар доираи равиши ҳадафманди худ раванди таҳлили ҳамаҷонибаи проблемаҳо, талаботҳо, мақсадҳоро фаро гирифта, дар доираи равиши барномавии худ фарогири ҷанбаҳои ташаккулёбии нақшаҳои ба ҳалли мушкилот равона гардида, шаклҳои таъминоти иҷрошавии нақшаҳо мебошад.

Ҳамин тавр гузаштан ба буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар доираи бахшҳои гуногуни иқтисодӣ, махсусан дар доираи корхонаҳои саноатӣ, имкониятҳои васеи чандирияти идоракунии захираҳои буҷетӣ ва амалишавии афзалиятҳои барои соҳаҳои иқтисодиёти давлат муҳимбударо фароҳам оварда, ба паст гардидани хароҷотҳо ва баланд шудани хизматрасониҳо меорад, ки дар тафовут аз равиши маъмули буҷетикунонӣ ба шаффофтар гардидан ва содатар гардидани равандҳои ба буҷет тааллуқдошта муосидат хоҳад кард.  Тавассути чунин механизм афзалиятҳо дар раванди тақсимбандии маблағҳои буҷетӣ ва шаффофият дар идора ва танзими воситаҳои буҷет фароҳам оварда шуда, имкониятҳои фарохи қабули қарорҳои дуруст фароҳам оварда мешаванд.

## 1.2. Принсипҳо ва шароиҳои асосии татбиқи буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд

Дар шароити муосири равандҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва зуҳуротҳои бавуҷудмеомадаи ба онҳо алоқаманд, ки яке аз онҳо афзоиш ёфтани хароҷоти буҷети кишвар мебошад, масъалаҳои вобаста ба баланд бардоштани самаранокӣ ва натиҷадиҳии хароҷотҳои буҷет аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Аз таҷрибаи бештари кишварҳо бармеояд, ки онҳо дар доираи ба ҳадафҳои гузошташуда ноил гардидан  ва натиҷаи самаранок додани хароҷотҳо ба буҷетикунонии

банатиҷанигаронидашуда, яъне буҷетикунонии барномавию ҳадафманд рӯ овардаанд, ки асоси онро ташкил намудани хароҷотҳо вобаста ба барномаҳои қабулгардида ташкил медиҳад. Он имконият медиҳад, ки хароҷотҳо тавассути меъёрҳои дар барнома дарҷгардида ба роҳ монда шаванду дар натиҷа уҳдадориҳои тақсимкунандагон баланд гардида, самаранокӣ афзоиш хоҳад ёфт.

Ҳанӯз охири соли 2017 дар Паёми худ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироа намуда буданд, ки «Буҷети рушд дар баробари иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии афзояндаи давлат ба густариши фаъолияти инноватсиониву сармоягузорӣ, татбиқи босифати барномаҳои соҳавӣ ва бунёди иншооти инфрасохторӣ мусоидат менамояд. Барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва тақсимоту истифодаи мақсадноки онҳо зарурати тақвият бахшидани корҳо дар самти таҳияву татбиқи буҷет дар асоси барномаҳои тарҳрезишуда пеш меояд. Дар ин раванд, бояд ба усулҳои муосири арзёбии стратегияву барномаҳои қабулгардидаи рушд эътибори ҷиддӣ дода, маблағгузории барномавӣ минбаъд аз рӯйи натиҷа ва самаранокии он татбиқ карда шавад. Амалӣ намудани чорабиниҳо вобаста ба танзими тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ имкон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ беҳтар гардида, назорати истифодаи шаффофи молияи давлатӣ ва татбиқи барномаҳои соҳавӣ таъмин карда шавад. Чунин тадбирҳо ба такмили раванди маблағгузорӣ дар маҳал низ мусоидат менамоянд»[104]. Ин ба он далолат медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави равандҳои буҷетикунонӣ, ки ба натиҷа нигаронида мешаванд, оғоз мегардад.

Ҳамин тавр, чи хеле ки қайд карда будем, буҷети барномавӣ аз буҷети маъмул бо он фарқ мекунад, ки ҳар як банди хароҷот дар он ба барнома дохил карда шуда, бо ин ё он натиҷаи стратегӣ вобаста

гардонида шудааст, ки он дар навбати худ ба фаъолияти ягон мақомот алоқаманд мебошад. Ба ақидаи С.А. Бескоровайная «Натиҷаи стратегӣ гуфта, фоидаи устувори дарозмуҳлати ҷамъиятиро меноманд, ки аз рӯйи дурандешии мақомотҳо ба миён меояд ва ин тағйирёбиро онҳо ба ҳаёти чамъиятӣ ворид месозанду дар зери таъсирашон мебошад. Дар навбати худ, натиҷаҳои стартегии фаъолияти мақомотҳо бо афзалиятҳо ва натиҷаҳои интизорбудаи ҳукумат тавъам мебошанд» [24, С. 5-8].

Бо ҳамин тартиб буҷети мақомот аз барномаҳои тартибӣ таркиб меёбад. Дар ин замина ҳар як мақомот бояд дар доираи ташаккули буҷети худаш ва таъмини он бо маълумотҳои зарурӣ ва кифоягӣ мароқ зоҳир намуда, барои самарабахш гардидани воситаҳои харҷмешуда талош варзад. Ҳамин тариқ ташаббусҳои мақомот ва фаъолиятиҳои мушаххаси онҳо бояд дар доираи барномаҳои ҳадафманд амалӣ шуда, барномаҳои алоҳида бошанд, ба мақомоти асосӣ тааллуқ доштанашон беҳтар мебошад. Дар ин ҳолат ба тавсифи гурӯҳбандии барнома ва муайян сохтани алоқамандиҳои функсионалии онҳо рӯй овардан зарур мебошад. Дар маҷмуъ, тавсифи барномаҳои барои ба ҳадафҳои стратегии беҷетикунонӣ ноил гардидан нигаронидашуда, аз гурӯҳбандии хос бархӯрдор шуданашон аҳаммияти муҳим дорад (расми 1.2.1).

Агар гурӯҳбандии тавсифии барномаҳои ҳадафманди буҷетикунониро бо натиҷаҳои ниҳоии стартегии фаъолияти мақомот тарҷеҳ кунем, он гоҳ фаъолшавии сохтори барномаҳо ба вуҷуд омада, он ба ҳайси ҳуҷчати ибтидоии сохтории идора ва танзимкунанда, инчунин тақсимкунандаи захираҳои буҷетӣ баромад намуда, натиҷаҳои стратегии ниҳоиро муайян хоҳад кард, ки дар навбати худ тибқи мӯҳтавои он буҷетикунонии барномавӣ ба ҳайси асос татбиқи худро ба роҳ монда метавонад.




**Расми 1.2.1. - Таснифот ва гурӯҳбандии тавсифии барномаҳои ҳадафманд ва мақсади умумии онҳо**
**Сарчашма: таҳияи муалллиф**

Он гоҳ, баъзе барномаҳое, ки мавриди таҳлил қарор мегиранд, аз лиҳози самаранокӣ баҳогузорӣ карда шуда, баъзеяшон аз эътибор соқит карда мешаванду, хароҷотҳои баъзеяшон кам карда мешаванд. Ғайр аз ин барномаҳоеро низ муайян месозанд, ки онҳоро ё муттаҳид сохтан зарур аст ва ё маблағгузориҳои иловагӣ ба онҳо пшниҳод намудан лозим аст. Баъд аз таҳлилу баррасии мавқеи барномаҳо бояд системаи самараноки аз лиҳози иҷтимоиву иқтисодӣ, экологӣ, бехатарӣ ва эътимоднокӣ бархурдорбудае ба роҳ монда шавад, ки дорои тавсифоти оптималидошта бошад. Зеро ки ба натиҷаҳои стратегӣ ноил гардидани барномаи асосӣ ба ҳадафҳои ҳамҷавор ноил гардиданро низ мусоидат хоҳад кард.

Масалан, системаи дурусти истеҳсоли ягон намуди маҳсулот бояд ба рушди барномаҳои ба бозори фурӯши ин маҳсулот нигаронидашуда мусоидат намуда, инчунин барои рушди соҳаҳои инноватсионӣ низ муосид бошад ва он гоҳ имкониятҳои ба ҳадафҳои дар доираи барнома гузошташуда ноил гардидан фарохтар хоҳанд гашт.

Дар доираи мақсадҳои дар расми 1.2.1 инъикосгардида метавон арз намуд, ки воситаҳои буҷетӣ барои маблағгузориҳои ин ё он мақомот бояд дар доираи барномаҳо таснифот гардида, ҷудо карда шаванд, ки он барномаҳо фарогири фаъолиятҳои пешбинишуда ва мушаххас бошанд.

Арзиши амалиётҳои дар барномаи мушаххас таъйингардида набояд ба дигар барномаҳо масраф гардад. Дар ҳолати акс муайян кардани арзиши пурраи ҳар як барнома ба норасогиҳо вохӯрданаш мумкин аст.

Оид ба мақсади менеҷмент, мустақилият ва масъулият месазад зикр намоем, ки барномаҳо бояд дорои қисматҳои идоракунандаи худӣ бошанд, ки идораи он кисматҳо ба уҳдаи шахси мушаххас (менеҷер ё топ–менеҷер) вогузор карда шуда бошад.

Чун «Аз мақомот ба мақомот, аз барнома ба барнома мазмуни техникӣ ва ҷузъиёти корҳо тағйир ёфтанашон имконпазир аст, аммо ҳолатҳои зерини умумии дастурамали вазифавии менеҷерро таъйин

намудан мумкин аст, ки он шомили амалҳои коркард намудани ҳадафҳои солона ва миёнамуҳлат, мониториги хароҷотҳо ва идораи маҷрои пулӣ, тақсимоти таъйинотҳои барномавӣ ва зербарномаҳо, бурдани машваратҳои молиявӣ, уҳдадорӣ барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ, омодасозии барномаҳо ва тавсияҳо ба ҳукумати кишвар, бурдани назорат аз болои кормандони доираи барнома ва тамоми ашхоси ҳуқуқии ба барнома шомилшуда, омодасозии ҳисоботҳо барои роҳбарият ва ғ. мебошад» [63, С. 40].

Ҳамин тавр буҷетикунонии барномавӣ ба ҳайси методологияе шинохта мешавад, ки сар карда аз банақшагирӣ то ба иҷрошавӣ ба низом даровардан ва бурдани назоратро амалӣ намуда, вобастагиҳо ва алоқамандиҳои ба хароҷотҳои давлатӣ мутааллиқбуда ва натиҷаҳои татбиқшавии барномаҳоеро барқарор мекунад, ки ин онҳо дар асоси ҳадафҳои стратегӣ бо дарназардошти афзалиятҳои сиёсати давлатӣ оид ба татбиқи воситаҳои буҷет коркард карда шудаанд.

Агар мақсади асосии буҷетикунонии барномавӣ баланд бардоштани самаранокии хароҷотҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бошад, пас афзун гардидани устуворӣ ва самаранокии фискалии фаъолияти субъектони идоракунандаи он ва алоқамандии зичи хароҷотҳои буҷет бо ҳадафҳои стратегӣ аҳаммияти хос дорад. Чун бучетикунонии барномавиву ҳадафманд аз таснифот ва вазифагузорӣ дар доираи барномаҳо асос ёфта, онҳо аз муҳтавои сиёсат ва стартегияҳои давлтӣ берун меоянд ва маҷмӯи нишондиҳандаҳои асосии хароҷотҳои буҷет, баргузории аудит, тадбирҳо оид ба ҳавасмандкуниҳо ва авомили ба инҳо баробаркардашуда ташкилдиҳандагони асосии таъминоти самаранокии амалисозии барномаҳо ба ҳисоб мераванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки модели ягонаи буҷетикунонии барномавӣ мавҷуд набошад ҳам, аммо тавсифоти маҷмуавии баъзе элементҳои онҳо вобаста аз самти барномаи буҷети кишвар ҳамҷавор

буда метавонанд, ки дар маҷмуъ дорои принсипҳои ба он созгор бояд бошанд. Дар мавриди принсипҳои метотодологии татбиқи буҷети барномавӣ таҳлилҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки муҳаққиқон бештар ба панҷ принсипи асосӣ такя мекунанд [масалан ниг. ба: 2; 5; 12; 59; 62; 64]:

**Принсипи таъминоти иттилоотӣ ва бамаврид будан**, ки аз ҷамъоварӣ ва баинобатгирии маълумотҳои натиҷаи амалишавии барномаҳо дар раванди омодасозии буҷет иборат мебошад. Доираи фарогирии принсипи мазкурро ба миён омадани фазои фискалӣ дар ҳолати ташаббусоти барномаҳои навин ташкил медиҳад, ки зарурати афзоиш додани хароҷотҳоро аз байн мебарад. Тариқи барпо доштани алоқамандиҳои самаранокии амалишавии барномаҳо ва ҳаҷми маблағгузориҳои онҳо фазои мусоиди қабули қарорҳо ба вуҷуд меоянд;

**Принсипи кифоягии иттилоотӣ** дар назар дорад, ки системаи устуворе ташаккул дода шавад, то битавонад ба баҳогузории ҳамаҷонибаи барнома мусоидат намояд. Бахогузории самаранокии барномаҳо асос барои қабули қарорҳои дахлдор буда, раванди баҳогузориҳои бахшҳои иқтисодиро фаро намегирад ва дар доираи иттиллот оид ба дараҷаи мувофиқати натиҷаҳои ноилгардида ба сиёсати давлатӣ ва талаботҳои ҷамъиятӣ, нишондиҳандаҳои самаранокии барномаҳо ва дурустии барномаҳо фаъолият мекунад;

**Принсипи ҳамгиройӣ**. Муҳтавои принсипи мазкур дар он асос меёбад, ки беш аз ҳама барои самаранок гардидани равандҳои ҳадафноки буҷет танҳо ба маълумотҳои мониторингӣ кифоя накарда, инчунин онҳоро дар ҳамбастагии омилҳои таъсиррасон мавриди таҳлил қарор додан зарур буда, ҳамзамон саривақт ба натиҷаҳои мониторинг диққат додан ва ҷудо намудани барномаҳои афзалияташон кам асосӣ ба ҳисоб мераванд, ки ҳамаи ин аҳаммияти хос дорад ва барои таҳлил ва самаранокии иҷрошавии барномаҳо мусоидат хоҳад кард;

**Принсипи синергия ва кооператсия** системаи банақшагирии синергетикии буҷетро дар назар дорад, ки равишҳои комплексии буҷетикунонӣ дар минтақаҳоро фаро гирифта, иҷтимои ниҳодии банақшагирӣ ва равандҳои буҷетӣ дар доираи як мақомотро дар назар дорад;

**Принсипи чандирияти идоракунӣ** ба шахсони уҳдадор ва воҳидҳои сохторӣ барои ҷудо намудани афзалиятҳои ба самаранокӣ муосидаткунанда шароити заруририро фароҳам меоварад.

Аз тарафи дигар принсипҳои аз ҷониби муҳақиққон қайдкардашуда фарогири пайвастагии мантиқӣ бошанд ҳам, аммо барои мусоидат намудани талаботҳои расмӣ ва ғайрирасмии равандҳои буҷети барномавӣ ва эътимод ба ниҳодҳои буҷетӣ, ба ақидаи мо ба назар гирифтани принсипи маълумотдиҳӣ ба ҷомеа нақши муҳим мебозад.

**Принсипи пешниҳод намудани иттилоот ба ҷомеа** (пешниҳоди муаллиф). Принсипи мазкур, ки дар бисёр кишварҳо таҷриба мешавад, пешниҳоди маълумоти пешина, ҳозира ваояндаи фаъолияти буҷети барномавиро дар назар дорад. Пешниҳод намудани маълумотҳои мувофиқ (бо воситаи ВАО) ба ҷомеа нуқтаи муҳимми шаффоифияти равандҳои буҷети барномавии ҳадафманд гардида, ба самаранокона харҷ шудани воситаҳои буҷетӣ мусоидат хоҳад кард.

Бояд гуфт, ки барои самаранок татбиқ шудани принсипҳои асосии буҷетикунонӣ дар пояи равиши лоиҳавӣ фароҳам овардани шароитҳои хосе амри зарурӣ мебошад. Ин шароитҳоро ба се даста метавон тақсим намуд:

**Фароҳам овардани ҷаззобияти фазои сармоягузорӣ дар кишвар.** Фазои сармоягузорӣ ва ҷаззобияти он яке аз масъалаҳои мубрами илми иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, омили калидие мебошад, ки сармоягузорон онро ба назар гирифта, қарорҳои дахлдор оид ба татбиқ ва амалигардонии сармоягузориро қабул мекунанд. «Чун ташаккулёбӣ ва

рушди ҷаззобияти сармоягузорӣ ба ҷалби сармоягузорӣ ба системаи иқтисодӣ–иҷтимоӣ нигаронида шудааст, пас маҳз аз рӯйи тағйирёбии ҷараёни сармоягузорӣ ва сохтори онҳо метавон оид ба тағйирёбиҳои ҷаззобияти сармоягузорӣ хулоса баровард. Чунин хулоса барои бештари сатҳҳо одилона шуда метавонад» [56, С. 12]. Аммо бояд дар назар дошта шавад, ки вобаста ба амалишавии функсияҳои субъектони раванди сармоягузорӣ, онҳо байни ҳам алоқа намуда, дар ҳар лаҳзаи вақти ба равандҳои сармоягузорӣ тааллуқдошта ҳамчун мароқзоҳиркунандаи ин раванд баромад мекунанд. Фарз мекунем, аз шумори нафарони ҳамчун аъзои аҳолӣ ба қайд гирифташуда, ҳамчун корманд, ҳам ашхоси идиракунанда ва ҳам намояндагони сохторӣ баромад хоҳанд кард ва чунин бисёртарафии аз ҷониби субъектони равандҳои сармоягузорӣ базуҳурмеомада ихтилофи тахассусии ҳар кадом гурӯҳро аз байн бурда, дар натиҷа ҳамон алоқамандии кооператсионӣ ба вуҷуд меояд. Мутлақо зоҳир гардидани ин омил боиси муосидати шароитҳои фаъолгардонӣ ва афзуншавии ҷаззобияти сармоягузорӣ мегардад.

Ба ақидаи Л.А. Раменская «Ҷаззобияти сармоягузорӣ аз худ иҷтиҳоди мутаҳҳидгардидаи иқтисодӣ (сармоягузорӣ) ва шакли психологӣ (ҷаззобият, ҷолибият), яъне баҳоҳои субъективии воқеияти объективро (ба ҳайси омили субъективиие, ки ба қабули қарори ба сармоягузорӣ вобаста таъсир мерасонад, баҳои субъективии сармоягузор оид ба нишондиҳандаҳои ҳолати субъекти хоҷагидор ва майли инфиродии он ба хавф баромад мекунад) инъикос мекунад» [116, С. 182]. Муаллиф ҷаззобияти сармоягузориро ҳамчун бастаи маҷмӯии тадбирҳое муаррифӣ мекунад, ки дар маҷмуъ талаботи пардохтпазирии сармояро асоснок мекунанд ва ҷалб гардидани онҳоро ҳавсманд мекунанд.

Дар заминаи фароҳамоварии шароити мусоиди ҷаззобияти сармоягузорӣ гурӯҳҳои зерин метавонанд ба ҳайси сарчашмаи сармоягузорӣ баромад намоянд:

Дар навбати аввал **давлат** меистад. Давлат маблағгузориҳо ба сармогузориро метавонад тариқи маблағгузориҳои мустақим аз буҷет, қарзҳои имтиёзӣ ба барномаҳои сармоягузорӣ ва қарзҳои давлатии кафолатнок амалӣ намояд. Иштироки давлат дар раванди маблағгузорӣ ба сармоягузориҳо, ба устувории сиёсӣ ва риояи қавонини мушаххас ва паст гардидани хавфҳои лоиҳаҳои барномавӣ мусоидат хоҳад кард. Аз ҷониби дигар шаклҳои ташкили фаъолияти сармоягузорӣ ба монанди маблағгузориҳои барномаҳо дар шакли давлативу хусусӣ (шарикии давлат ва бахши хусусӣ) ва соҳиби саҳмияҳои асосӣ будани давлат, ба давлат имконият медиҳанд, ки назорати барномаҳоро дуруст ба роҳ монда, ба сармояи хусусӣ кафолати устувории сармояҳояшон дода шавад.

Баъдан сарчашмаи дигар метавонанд **бонкҳо ва сармоягузорони қарзӣ** бошанд, ки мақсади асосии онҳо гирифтани фоида аз қарзашон мебошад. Барои онҳо имкониятҳои баргардонидани саривақтӣ ва пурраи маблағҳои қарзӣ ва фоизи онҳо ҷолибияти хосса дорад ва ҳамин хусусияти қарзбаргардонӣ ба ҳайси омили асосии ҷозиб баромад мекунад.

Дар қисмати сеюм сармоягузороне, меистанд, ки ҳадафашон дар оянда гирифтани фоида буда, барои расидан ба он ба хавфҳо аҳаммият намедиҳанд. Масалан сармоягузорони молиявӣ, ки маблағгузориҳояшонро ба афзоиш ёфтани арзиш нигаронидаанд. Сармоягузориҳои онҳо одатан барои хариди бастаи саҳмияҳо ва бо гузашти вақт ба фурӯш мондани онҳо нигаронида мешавад. Фоидаи онҳо танҳо аз фурӯши саҳмияҳо ба даст меояд. Аммо онҳо сармояҳояшонро бештар ба бахшҳое масраф мекунанд, ки лоиҳаҳои даромаднокиашон баланд мебошад.

Бахши мазкурро инчунин сармоягузорони стратегӣ пур мекунанд. Онҳо хариди саҳмияҳоро дар ҳаҷми бузург (ҳамаи саҳмияҳо) дар назар доранд ва иштироки онҳо метавонад муддатҳои дароз (ё ба таври ҳамешагӣ) тул кашад. Ҳолатҳое мешавад, ки ин сармоягузорон

объектҳоро пурра аз худ мекунанд ва ё бо дигар объектҳо муттаҳид месозанд. Дар ин замина мақсади асосии сармоягузори стратегӣ афзоиш додани тиҷорати худаш ва дастрасӣ ёфтанаш ба имкониятҳо, технологияҳо ва захираҳои нав мебошад.

Ғайр аз инҳо сармоягузоронеро қайд намудан лозим аст, ки онҳо танҳо ба баланд шудани арзиши саҳмияҳо такя менамоянд ва онҳо сармояи худро танҳо дар доираи лоиҳаҳои ба корхонаҳо тааллуқдошта мегузоранд. Барои ҷалби сармояи ин гурӯҳ бояд нишондиҳандаҳои молиявии корхона тамоюли афзоишашон намоён бошад.

Ҳамин тавр ҷаззобияти сармоягузории кишвар барои рушди барномаҳои ҳадафманди буҷет афзалиятҳои сершумореро фароҳам меоварад. Дар ин замина сармоягузорӣ ва ҷалб намудани он аз буҷаи давлат аз афзалияти махсус бархурдор мегардад, чун аз ҷониби давлат кафолат пешниҳод гардида, самти ҷаззобияти сармоягузорӣ дар нигоҳи сармоягузорони потенсиалӣ боз ҳам ҷолибтар мегардад.

**Фароҳам овардани муҳити мусоиди рақобатӣ дар кишвар.** Масоили ташаккули муҳити рақобатпазирӣ барои бахшҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти хосса дошта, шарти зарурии таъсири самаранокии механизмҳои рушди иқтисодӣ вобаста ба ҳалли масоили иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди рақобатпазирии бахшҳои иқтисодиёт тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Ба қавли П.И. Ахмадова «Ташаккули муҳити рақобатӣ маънои созмони чунин миқдори корхонаҳои соҳаи савдо, субъектони муносибатҳои бозорӣ ва чунин шароитҳоеро дар тамоми бахши иқтисодӣ дар назар дорад, ки имконияти таъминкунии ташаккули механизми худтавлидкунандаи рақобатиро фароҳам биоварад. Ҳаракатнокӣ ва ҷаҳонишавии муҳити берунаи иқтисодӣ омилҳои стратегии муваффақиятҳои рақобатиро ҳалкунанда месозанд. Барои ҳамин субъектони иқтисодӣ бояд барои рушди дарозмуддат самтҳои

мухталифро баҳогузорӣ намуда, алтернативаҳои стратегӣ дошта, робитаҳоеро барқарор созанд, ки ба самаранокии фаъолият ва алоқаҳои хоҷагидорӣ асос ёфта бошанд» [15, С. 227]. Ба ақидаи мазкур эътимод намудан, маънои пазируфтани онро дорад, ки рақобатпазир будан дар маҷмуъ имкониятҳои фарохи ба шароитҳои тағйирёбандаи бозор мусоид шуданро беш аз ҳама писанд медонад, ки ҳамроҳ ба он таъмини талаботи аҳолӣ бо масолеҳ ва хизматрасонӣ ва рушди инфиродиро пайгирӣ менамояд.

Дар мамолики рушдёфта эволютсияи муҳити рақобатӣ мавҷуд буда, дар баъзе кишварҳо бошанд тариқи ташкили шароитҳои мусоиди муносибатҳои бозорӣ ба миён омада аст. Чи хеле ки Н.И. Усик қайд менамояд «Муҳити рақобатӣ – ин шароитҳои ниҳодии координатсияи фаъолияти субъектони бозор мебошад. Аслан сиёсати рақобатӣ аз элементҳои қонунгузории рақобатӣ ва соҳаи ҳимояи рақобат ташкил мешавад. Моделҳои сиёсати рақобатӣ тавассути системаҳои сиёсӣ (маъмурӣ) ва ё ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Барои муҳофизати ҷомеа аз ҳокимияти монополӣ принсипи тақсимоти ҳокиимият ба қонунгузор, судӣ ва иҷроиш татбиқ карда мешавад. Таҳқиқи сиёсати рақобатии давлатӣ ва ташккули муҳити рақобатӣ моро ба он дарке оварда расонид, ки ба ҷои механизми рақобатӣ системаи координатсияи иқтисодӣ ташаккул ёфт» [143, С. 34].

Барои таъсирбахш намудани механизмҳои баланд бардоштани рақобатпазирӣ таҳлили сохтории омилҳои сершумор ва истифодаи усулҳои гуногунсамти баҳогузориву арзёбии маҷмуъӣ зарур мебошад. Чуноне, ки Хушвахтзода Қ.Х. ва Бобохонзода М.Ҷ. қайд менамоянд: «…механизми баланд бардоштани рақобатпазирӣ … дар худ равандҳои ташкилдиҳӣ ва худташаккулёбиро дар бар мегирад. Ташкил ва амалнамоии рақобатпазирӣ ба қисми проблемаҳои мушкили комплексӣ дохил мешавад, ки баҳисобгирӣ ва таҳлили омилҳои зиёд ва тамоюлҳоро

талаб менамояд. Аксар ҳолатҳо, ташкили рақобатпазирии корхонаҳо ва соҳаҳо, ки худро дар дигар шароитҳо ва минтақаҳо хуб нишон додаанд, норавшан маънидод шуда, бо хусусиятҳои минтақавии муайян пайваст намешаванд. Бешубҳа, барои минтақаҳои гуногун роҳи рушди инноватсионӣ аз аввалин роҳе мебошад, ки афзалиятнокии истеҳсолоти маҳсулотро тамоман дар дигар асос ташкил медиҳад» [157, С. 7].

Рушд ва вусъат бахшидан ба муҳити рақобатӣ ва пиёда намудани аносири рақобатпазирӣ дар манотиқе афзалият пайдо мекунад, ки дар он ҷо омилҳои пайванди ба ин раванд алоқаманду мусоидаткунанда аз қабоили сиёсатҳои дурусти молию андозию қарзӣ ва ҳоказо пойдор бошанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд будани шароитҳои мусоиди ниҳодӣ ва ниҳодҳои бевоситаи иқтисодӣ ба татбиқи рақобатпазирӣ саҳми беандоза хоҳад гузошт. Чун равандҳои тартибдиҳандаи механизми бозор худ аз худ пайдо намешаванд ва барои зуҳур кардани онҳо омилӣ инсонӣ зарур мебошад. Аз ин лиҳоз худи мавҷудияти онҳо ба манфиати тарафҳо нигаронида шудаанду дар воқуъ метавонанд омили пайдо шудани рақобату механизми рақобатпазирӣ бошанд.

**Фароҳам овардани шароит барои густариши фановариҳои рақамӣ ва инноватсионӣ.** Равандҳои инноватсионӣ дар маҷмуъ фаъолияти аз як шакл ба шакли дигар гузаронидани технология ва донишҳои илмиро дар бар гирифта, барои табдилёбии системаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ таъсир мегузорад. Таҳлил ва баррасии "рушди иннноватсионӣ" унсури аҳамиятнок ва муҳимми замонавӣ буда, заминаи муассири илмиву техникиро фароҳам меоаварад ва ба ҷараёнҳои хоҷагидорӣ таъсири мусбат мерасонад.

Ҷанбаи аслии равандҳои иннноватсионӣ дар замони муосир, мутобиқ гаштан ба зуҳуротҳои муосир мебошад. Чуноне ки И.В. Разинкина ва Н.В. Лазарев қайд менамоянд «Мутобиқ шудан ба табдилёбии шароитҳои рақамӣ ва ё ба Индустиряи 4.0 масъалаи калидие

мебошад, ки на танҳо дар назди роҳбарони соҳаҳо меистад, балки масъалаи асосии тамоми субъектони иқтисодие мебошад, ки мехоҳанд дар оянда ва айни замон рушд кунанд» [114]. Дар ин замина ҳаминро бояд қайд намоем, ки навовариҳои техникӣ, ташкилӣ, амалиётӣ ва ғайраҳое, ки ҳангоми табдилёбиҳои маркетинигӣ ба вуқуъ меоянд ва бо онҳо дар раванди фаъолияти иқтисодӣ рӯбарӯ мешаванд, инноватсия буда, аз сатҳи то чи андоза ба татбиқи онҳо омода будани шахсони қарорқабулкунанда, рушди бахшҳои ба онҳо тобеъбуда вобастагӣ дорад.

Чи гунае ки И.Е. Жуковская, А.И. Ишназаров ва А.Д. Жуковский зикр мекунанд «…инноватсия аз худ навоварии татбиқшудаеро инъикос мекунад, ки рушди босифати равандҳои самараноки истеҳсолӣ ва ё истеҳсоли маҳсулоти дар бозор серхаридорро таъмин менамояд. Барои ҳамин ҳам хусусияти ҳатмии инноватсияи илмӣ–техникӣ дараҷаи баланди навоварӣ, қудрати моддикунонӣ дар истеҳсолот бо мақсади гирифтани фоида барои таъмини талаботҳои муайян ва инчунин татбиқи он дар амалияи соҳаҳои фаъолияти гуногун мебошад. Меъёри калидии инноватсия на танҳо мавҷудияти ғоя мебошад, балки татбиқи он дар амалия ба ҳисоб меравад» [51, С. 24-25].

Рушди инноватсионӣ ва самараи инноватсияҳо бевосита дар равандҳои фаъолияти инноватсионӣ ба вуҷуд меоянд. Зеро фаъолияти инноватсионӣ дар худ равандҳои тавлиди маҳсулот тариқи амалисозии намуди инноватсионии он ва гирифтани даромад аз онро фарогир буда, бо татбиқи донишҳои нав алоқаманд мебошад. Аз тарафи дигар, давраи муосир бо шароитҳое бархӯрд мекунад, ки равандҳои ба молияи давлатӣ таaллуқдошта ба рӯйдодҳое чун баланду поёншавии арзишҳо ва алоқамандии шаклҳои мураккаби хоҷагидорӣ рӯбарӯ гардида, фаъолияти назоратбарӣ дар системаи молиявии давлатӣ ва хариди масолеҳ аз буҷаи давлат назорати махсусро талаб мекунад. Дар ин замина назорат ва идоракунии равандҳои буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

иҷроиши қонунии захираҳои буҷетӣ, эътимоднокии равандҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ усулҳои таъсиррасони устувории буҷетро талаб менамояд. Усулҳои маъмули назорати давлатӣ аз қабили санҷишҳои даврӣ ва назорати мақомоти давлатӣ тибқи қонунгузории кишвар ба роҳ монда шудаанд. Аммо дар шароитҳои табодули рақамӣ ва иттилоотикунониву рақамикунонии равандҳо, усулҳо ва шаклҳои бурдани назорат ва фаъолияти идоранамоӣ тағйир меёбанд. Чуноне ки Ю.Н. Прохоров қайд менамояд: « … дар чунин шароит усулҳои фаъолияти назоратӣ тағйир меёбанд: назорати платформаҳои рақамӣ (системаҳои абрии баҳисобгирии бухгалтерӣ ва буҷетӣ ва ғ.) инчунин истифодаи мониторинг барои огоҳонидани назорат, идораи хавфҳо дар бахши харид ва ғ. Аммо ин инноватсияҳо коркардҳои муайян ва фарогиршавии қонуниро талаб мекунанд» [112, С. 8-12]. Аз ин гуфтаҳо метавон чунин хулоса баровард, ки мукаммалсозии фаъолияти назоратӣ дар замони муосир, дар доираи татбиқи воситаҳои рақамӣ бояд бо мақсади васеъ гардонидани ваколати макомотҳои назораткунанда, фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои бурдани назорати ба қоидавайронкуниҳо наовардан, таъмини дастарсӣ ба маълумоти воқеӣ ва зарурӣ, инчунин барои кам кардани хавфҳои банақшагирӣ ва ташаккули санадҳои зарурии мутобиқ ба меъёрҳои мавҷудбуда, амалӣ гардад.

Ҳамин тавр барои самаранокона татбиқ намудани принсипҳо ва шароитҳои асосии буҷетикунонӣ дар пояи равиши лоиҳавӣ, шартҳои барқарорсозӣ ва тафриқакунии марказҳои уҳдадориҳо бо роҳҳои таъмини амалишавии барномаҳои махсус ва ҷудокардашудаи (лоиҳаҳои ба онҳо вобаста карда шуда) воҳидҳои сохтории ба тақсимоти воситаҳои буҷетӣ сарукор дошта зарур буда, инчунин зарурати гуруҳбандии лоиҳаҳо вобаста ба ҳадафҳои барномавиро (нововбаста аз сарчашмаҳои маблағгузорӣ) ба миён меорад. Дар ин замина хароҷотҳо пурра тибқи таснифоти барномаҳо фарогирӣ карда шуда, маблағгузориҳои тамоми

сатҳҳо бояд тавсифи ҳадафмандона дошта, вобаста аз нишондиҳандаҳои самаранокӣ ба баҳодиҳии миқдорӣ созгор бошанд. Нуқтаи асосии ташаккули буҷети барномавӣ дар таҷассуми алоқамандии зичи функсияҳои давлат ва ҳадафҳои стратегии он ифода мегардад, ки дар доираи фаъолияташ уҳдадориҳои марказҳои хароҷотҳо ва тақсимкунандагони воситаҳои буҷетиро муайян месозад .

Ҳамин тавр татбиқи буҷети барномавию ҳадафманд имкониятҳои муайянсозии хароҷотҳои молиявии давлат ва ба кадом самтҳо равона гардидани онҳоро муайян ва мушаххас месозад ва фарогири ҳаҷми калони иттилоот буда, буҷетро ба ҳадафҳои ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ равонагардида нигаронида, ҳадафҳои стратегии буҷетиро барои давраҳои дарози банакшагирии стратегӣ менигаронад ва сохтори буҷетро сода намуда, барои шаффофии равандҳои буҷетӣ шароит фароҳам меоварад. Аммо бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки барои амалишавии ин ҳадафҳо, ҳангоми гузаштан ба буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, равандҳои сиёсӣ, назоратӣ ва маблағгузории буҷет аз ҷонибаи ҳукумат ва роҳбарият дастгирии ҳамаҷониба ёбанд.

### 1.3. Таҷрибаи ҷаҳонии буҷетикунонии барномавиву лоиҳавӣ

Татбиқи буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд яке аз воситаҳои муҳимму таъсиррасони идораи молияи давлатӣ буда, самтҳои шаффофияти равандҳои беҷетикунонӣ ва ифшои иттилооти ба он алоқамандро ба таври фаъол ба роҳ мемонад, ки ин хусусияти тавсифии он аз таҷрибаи ҷаҳонии татбиқшавиаш бараъло намудор мегардад.

Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки бештари кишварҳои пешрафта, аз таҷрибаи татбиқи буҷетикунонӣ дар равиши барномавиву лоиҳавӣ (буҷетикунонии лоиҳавии ҳадафманд) бархӯрдор гардида, суди онро гирифтаанд [ниг. масалан ба: 12; 107;108; 149; 173 ва диг.].

Аз нигоҳи мо таҳлили таҷрибаи хориҷии татбиқи буҷети барномавию ҳадафманд метавонад ба ҳайси пешниҳодкунандаи тавсияҳо ва хулосаҳои судманд гардад. Дар ин бора М.Н. Попова қайд менамояд, ки «Чун дар мантиқи буҷети барномавӣ механизми шаффофияти таъминоти ҳалқаҳои «ҳадафи стартегӣ – масоили тактикӣ – тадбирҳо – воситаҳои амалисозӣ – натиҷаҳои новобаста – натиҷаи ниҳоӣ» гузошта шудааст, тавассути чунин равиши ташаккули буҷети барномавӣ ҳалли масоили мураккаб ба даст хоҳанд омад…» [110, С. 18].

Ба ақидаи Т.В. Погосян «Айни замон дар хориҷа таҷрибаи ғании коркард ва татбиқи идораи лоиҳавию барномавӣ дар сатҳи корхонаҳо, минтақа ва дар сатҳи миллӣ ба роҳ монда шудааст, ки дар давоми даҳсолаҳои охир дар таҷрибаи як қатор кишварҳои Аврупо ва Осиё мустаҳкам гардидаанд. Сармоягузориҳои мақсаднок тариқи барномаҳои ҳадафманди давлатӣ солҳои охир ба рушди иқтисодиёти корхонаҳои кишварҳое чун Британияи Кабир, Олмон ва Ҷопон оварда тавонистанд. Бо ҳамин роҳ тағйирёбиҳои мақсадноки иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Шарқу Ҷануб низ ба роҳ монда шуданд» [108, С. 38-39].

Бояд дар назар дошт, ки татбиқи буҷети барномавӣ талаб мекунад, ки уҳдадориҳо ва нақши масъулин аз нав дида баромада шаванд. Чун дар доираи равандҳои буҷете, ки ба принсипи аниқсозии хароҷотҳо нигаронида шудааст, ба равандҳои амалиётӣ ва равишҳои буҷет диққати махсус додан зарурат дошта бошад, пас дар равандҳои татбиқи буҷети барномавӣ ҳам муассиса, ҳам минтақа ва ҳам масъулин барои ноил гардидан ба ҳадафҳои дар барнома дарҷгардида ҷавобгар мебошанд. Барои дуруст ба кор даровардани раванди мазкур ва баҳри асоснок гардонидани буҷети барномавиву хадафманд таснифоти буҷетро такмил додан зарур аст, то мақомот ва шахсони масъул имконияти бурдани ҳисоби пурраи буҷетро дошта бошанд ва инчунин зарур аст, ки

ҳисоботдиҳии муассисаҳои буҷетӣ низ мукаммал гардонида шаванд. [174, С. 32].

Таҷрибаи кишварҳои хориҷа нишон медиҳанд, ки фарқияти асосии системаи банақшагирии стратегии давлатӣ бештар дар самти афзалиятнокии дараҷаи марказонидашавандагӣ таҷассум мегардад. Чун дар низоми марказонидашуда мақом ва манзалати ҳадафҳои муҳим аз рӯйи принсипи «аз поён ба боло» ҷойгоҳи асосиро ишғол намудааст. Натиҷагирӣ аз чунин равиши банақшагирии стратегӣ ба таври мукаммал дар нақшаҳои амалиётӣ ва лоиҳаҳои минтақавӣ инъикос мегарданд.

Кишваре, ки дар татбиқи буҷетикунонии барномавиву лоиҳавӣ таҷрибаи бештар дорад ИМА мебошад. Маҳз соли 1965 дар ИМА, дар доираи қонунгузорӣ, бо дарназардошти таҷрибаи якчандсолаи худ, татбиқи ин равиш ба миён монда шуд. Баъд аз таҷрибаи ИМА ба татбиқи равиши мазкур як қатор кишварҳои рушдкарда ва рӯ ба рушд низ шуруъ намуданд. Ҳарчанд барои баъзе аз кишварҳо натиҷаҳои ислоҳотии дарназардошташуда якранг набошанд ҳам, аммо натоиҷи кишварҳое чун Британияи Кабир, Фаронса, Австралия, Шветсия, Канада ва дигарҳо назаррас мебошанд. Ба ақидаи О.А. Марусова «Ба ҳайси сабаби асосии чунин номувофиқатӣ одатан зарурияти «бино намудани» буҷети барномавӣ дар системаи идоракунии молияи ҷамъиятӣ ва дар маҷмуъ идораи давлатӣ, ки ҳолат ва рушдкунии онҳо аз омилҳои сершумори фундаменталӣ – аз системаи сиёсӣ сар карда, то одатҳои миллиро фарогир мебошанд, номбар мекунанд» [82].

Таҷрибаи ИМА аз он ҷиҳат ба зоҳир намудани мароқ созгор мебошад, ки дар он координатсияи барномаҳо дар доираи минтақаҳо ва марказҳо дида мешавад. Ғайр аз ин муттаҳидии буҷет дар равиши барномавию ҳадафмандӣ байни ҳам фарқият надошта, дар кишвар таҷрибаи беҳтарини идоракунии молия ба роҳ монда шудааст, ки ба самаранокии натиҷаҳои барномаҳо такя мекунанд.

Хамчунин бояд тазаккур намуд, ки «Буҷети барномавиву ҳадафманд дар ИМА аз омодасозии буҷет дар буриши 22 функсияҳои асосӣ иборат буда, ин функсияҳо тамоми хароҷотҳо аз рӯйи ҳар як самт, вобаста ба мақомотҳои уҳдадорро фаро мегиранд, ки барои ҳар як барномаи мушаххаси федералӣ ҷавобгар мебошанд. «Масалан функсияи буҷети 550 «Тандурустӣ» аз барномаҳои давлатие чун Ёрии тиббии бепул (Medicaid)», «Барномаи бачагонаи суғуртакунӣ аз бемориҳо (SCHIP)», имтиёзҳо ба соҳаҳои хизматрасон дар бахши тандурустӣ, шахсони ба нафақабаромада, собиқ ҳарбиён ва амсоли онҳо иборат буда, инчунин ба функсияҳои 550 маблағгузориҳо ба шабакаҳои ниҳодҳои миллии тандурустӣ, марказҳои назорат ва пешгирии бемориҳо, идора ва назорати маҳсулоти хӯрока ва доруворӣ дохил мешаванд» [149, С. 48-60].

Дар ИМА мақомоте, ки барои коркард ва фаъолият кардани таҷрибаҳои пешқадами идораи давлатии молиявӣ уҳдадор мебошад ин Шурои миллии консултативии буҷети маҳаливу минтақавӣ (NACSLB) мебошад.

Дар ИМА банақшагирӣ умуман дар асоси принсипи тавъамсозии қоидаҳои миллӣ ва равандҳои амалиётӣ бо талаботи мақомотҳоро дар назар дорад, ки он новобаста аз муттаҳидшавии буҷет ба роҳ монда мешавад. Ҳол он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянсозии қавоиди ягонаи банақшагирӣ дар минтақаҳо ҳангоми банақшагирии буҷетро дар назар дорад. Ғайр аз ин дар ИМА талаботҳои барномаҳои иёлотҳои ҷудогона барои ҳукуматҳои маҳаллӣ сода карда шудаанд, ки аз кам кардани талаботҳову дастурамалҳо ва ҳуҷҷатгузориҳои зиёдатӣ иборат буда, дорои принсипҳои ҳавасмандгардониҳои ҳамкориҳо мебошад. Аз нигоҳи мо татбиқи чунин иқдомот ҳангоми мукаммалсозии равандҳои идоракунии молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи равишҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар он мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Баъд аз таҷрибаи ИМА дар давраи солҳои 75–ум то 80–уми садаи XX дар як қисми кишварҳои рушдкарда татбиқи буҷети барномавию ҳадафманд пурра ва дар баъзеашон татбиқи қисмҳои он натиҷаҳои хуби идоракунии равандҳои буҷетиро инъикос карданд.

Махсусан дар Зеландияи Нав ва кишвари Австралия татбиқи буҷети барномавиву хадафманд бомуваффақият ба роҳ монда шуд. Масалан тағйирёбиҳои системаи буҷети ин кишварҳо дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти калони доираи идораи давлатӣ дар асоси баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои давлатӣ ба вуҷуд омада, дар натиҷаи афзоиш ёфтани талабот ба захираҳои буҷетӣ зарурати тағйироти куллӣ даровардан ба идораи молиявии давлатӣ ба миён омад [180, С. 1-3].

Аз нигоҳи мо мавриди омӯзиш қарор додани таҷрибаи кишварҳои «пешрафта» ва рӯ ба рушд ба мақсад мувофиқ хоҳад буд, зеро онҳо дар таҷрибаи татбиқи буҷети барномавию ҳадафманд ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардидаанд.

Дар Канада тавассути созмон додани барномаҳои ҳадафманди мунисипалӣ ба баланд гардидани самаранокии ҳокимиятҳои маҳаллии давлатӣ таъсир мерасонанд. Масалан, модели EMS (Expenditure Management System) ҳанӯз дар соли 2007 татбиқ шуда, ба баҳодиҳии хароҷотҳои буҷетӣ равона гардидааст. Низоми мазкур аслан барои ҷудо намудани маблағҳо ба барномаҳои афзалиятдори минтақавӣ ва назорати хароҷотҳои онҳо равона карда шудааст.

Низоми мазкур дар Канада дорои вижагиҳои хоси худ мебошад. Чуноне ки зикр мегардад: «Дар фарқият аз ИМА, ки дар он ҷо барномаҳои дарозмуддати мақсаднок дар сатҳи Дастгоҳи Президент коркард шуда, вазоратҳо танҳо онҳоро амалӣ месозанд, мақомоти иҷроияи Канада ваколати коркард кардани стратегияҳои дарозмуддатеро доранд, ки метавонанд аз ҷониби мақомот ва ё барномаҳои ҳукумати федералӣ коркард карда шаванд» [140, С. 56]. Дар кишвари мазкур

системаи «банақшагирӣ–барномасозӣ–буҷетикунонӣ» (Planning, Programming, Budgeting System, (PPBS)) татбиқ мегардад, ки тақсимоти хароҷотҳои буҷетро ба тарзи беҳтарин ба роҳ мондааст. Чун дар доираи банақшагирӣ ҳадафҳои стратегиро муайян сохта, дар доираи барномасозӣ ё барномарезӣ тадбирҳои муҳимми амалишавии нақшаҳо ва дар доираи буҷетикунонӣ ҳадафҳои банақшагирифташударо бо арзиш муайян сохта, фарогири давраҳои муайянсозии ҳадафҳои умумӣ мебошад. Давраҳои он аз муайян сохтани ҳадафҳои умумӣ, барномаҳои сершумор ва хароҷотҳову натиҷаҳои ҳар як барнома иборат буда, сарфи воситаҳои буҷет дар асоси он тибқи таносуби хароҷотҳо ва фоидаҳои ҳар як барномаи мушаххас амалӣ карда мешавад. Дар натиҷа буҷети ягонаи иборат аз зербуҷетҳо ба вуҷуд меояд, ки иқтидори бартараф кардани монеаҳои баамалмеомадаро доро буда, ташкили буҷетҳои алоҳидаву ҷудогонаи зершуъбаҳоро барҳам медиҳад.

Аз таҷрибаи Канада бармеояд, ки татбиқи системаи «банақшагирӣ–барномасозӣ–буҷетикунонӣ» ба кам гардидани хароҷот ва касри буҷет оварда, ғайримарказонидашавандагӣ ва озодӣ дар тақсимоти воситаҳои буҷет метавонад тачрибаи хуб барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад. Дар Канада системаи банақшагирӣ ва иҷрошавии буҷет дар асоси принсипҳои шаффофият, санҷиши ҳаматарафаи комил ва ба хароҷотҳои буҷет аз нигоҳи стратегӣ муносибат намудан ба роҳ монда шудааст, ки барои татбиқ намудани онҳо дар кишвари мо аз онҳо ибрат гирифтан ба рушди буҷетикунонии барномавию ҳадафманд мусоидат хоҳанд кард. Аз ҷумла, таҷрибаи Канада вобаста ба коркарди аниқи баҳогузорӣ ва мониторинги барномаҳои буҷетӣ, ки фарогири назорати дуруст дар даваpаҳои ибтидоии татбиқи буҷети барномавию ҳадафманд дар сатҳҳои гуногун буда, гузаронидани аудити самаранокии давравӣ, ки бештар ба мавриди таҳлил ва баррасии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ равона мегардад, ба мақсад мувофиқ ва самаранок хоҳад буд.

Агар ба таҷрибаи Финландия нигарем, пас муайян мегардад, ки дар ин кишвари унитарӣ дар давраҳои гуногуни ислоҳоти буҷет аз системаи идораи давлатӣ сар карда, то системаҳои ниҳодӣ ва танзими буҷет низ такомул ёфтаанд. Дар доираи фарогирии масоили буҷет ва банақшагирии он, инчунин дар доираи татбиқи модели барномасозии презентатсионӣ нақши асосӣ ба вазорати молияи ин кишвар дода шуда, равандҳои буҷет аз ҷониби парламенти он идора карда мешавад [176, С. 55-56]. Тибқи омӯзиш ва таҳлилу баррасии таҷрибаи назорати парламентии равандҳои буҷетии Финландия, метавон иброз намуд, ки барои самаранок гардонидани равандҳои баҳисобгирии хароҷотҳои буҷет ва баланд гардидани уҳдадориҳои ба он вобаста таҷрибаи он дуруст ба роҳ монда шуда аст, ки ба инобат гирифтани ин омил ба равандҳои татбиқи буҷети барномавию ҳадафманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ хоҳад буд.

Яке аз кишварҳое, ки дар татбиқи буҷети барномавӣ ба натиҷаҳои беҳтарин ноил гардидааст, Британияи Кабир мебошад. Дар он ҷо барномаҳои ба буҷет вобастабуда дар сатҳи мулки графҳо ва ташкилотҳои мунисипалӣ дар давраи то 3 сол коркард карда мешаванд.

Дар Британияи Кабир лоиҳаи буҷет аз ҷониби Вазорати молияи кишвар таҳия гардида, дар раванди таҳияи он зершуъбаҳои вазорат ва мақомотҳои дигар вазоратҳо низ иштирок мекунанд. Таҷрибаи ин кишвари мутараққӣ аз он сабаб ҷолиб мебошад, ки тавассути ҳуҷҷати махсуси «Ҳисоботи пеш аз таҳияи буҷет ва инъикоси умумии хароҷотҳо» ҳангоми ба инобат гирифтани хароҷотҳои ҳукумати марказӣ талаботҳои минтақаҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии онҳо ва натиҷаҳои фаъолияти онҳо ба инобат гирифта мешаванд [26, С. 54]. Ҳангоми ба ҳар як департамент тақсим намудани воситаи буҷет, ризояти умумии байни мақомотҳо асос дониста мешавад.

Дар Британияи Кабир ҳанӯз соли 2001 аз ҷониби ҳукумат принсипҳои умумии нишондиҳандаҳое коркард карда шудаанд, ки

мақсади вазорату ташкилотҳоро инъикос намуда, ба ҳадафҳои онҳо мувофиқат мекунад.

Талаботҳои асосӣ барои нишондиҳандаҳои натиҷавӣ дар Британия Кабир аз инҳо иборат буда, амалишавии онҳо метавонад таҷрибаи хуб барои татбиқшавӣ бошанд:

– ҳар як нишондиҳанда ба мақсад ва ҳадафи мушаххас нигаронида мешавад ва ҳангоми интихоби он афзалият ба ҳамоне дода мешавад, ки мақсади ҳадафро инъикос карда битавонад;

– дар инъикоси нишондиҳандаҳо набояд маълумоти сохташуда ва ё бардуруғ ҷой дошта бошад;

– фаъолият ва ё ҳолатҳое, ки тавассути нишондиҳанда чен карда мешавад, бояд таҳти назорати вазорат ба таври ҳамешагӣ бошад;

– нишондиҳандаҳо бояд фаҳмо ва даркшаванд бошанду орӣ аз маъноҳое, ки духӯрагӣ доранд;

– барои дуруст ба роҳ мондани раванди қабули қарор маълумотҳо вобаста ба нишондиҳандаҳо бояд мунтазам ва бетаъхир ҷамъоварӣ гарданд ва онҳо бояд оморӣ-аҳаммиятнок ва боэътимод бошанд;

– маълумотҳо бояд ҳуҷҷати тасдиқкунанда дошта бошанд [26, С. 56].

Фаронса ҳанӯз аз солҳои 20–уми асри XX унсурҳои барномасозии давлатии буҷетро ба роҳ монда буд. Масалан барномаи дастгирии кишоварзон «Нақшаи Тарде», барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар, барномаи мубориза бар зидди бекорӣ бо номи «Нақшаи Марке), ки баъзеи ин барномаҳо амалӣ нашуда бошанд ҳам, аммо дорои унсурҳои татбиқи буҷети барномавӣ буданд [108, С. 41].

Рушди танзим ва идораи давлатӣ дар Фаронса баъд аз коркард кардани барномаи рушди иқтисодӣ–иҷтимоии аҳолӣ дар давраи солҳои 85–уми асри XX ба миён омада, дар доираи методологияи коркарди нақшаҳо ин барномасозӣ ба муваффақият расида, натиҷаҳои назаррас нишон дод. Умуман, ҳанӯз дар даҳаи охири асри XX дар кишвар тибқи

масоили нисбатан сратегиву муҳими давлатӣ лоиҳаҳои барномавӣ коркард ва мариди татбиқ қарор дода мешуданд, ки мазмуну муҳтавои онҳоро бештар азнавсозии бахшҳои саноатӣ, рушд додани мароиф ва бозомӯзии мутахассисон, ривоҷу равнақ додани соҳаҳои истеҳсолӣ, инчунин дастгирии корҳои таҳқиқотӣ ва ҳифзи муҳити атрофу экология такшил медод.

Соли 2001 дар Фаронса «Қонун дар бораи молияи давлатӣ» қабул гардид, ки он асоси ислоҳоти идораи давлатӣ гардид. Дар натиҷа дар сохтори буҷети Фаронса «миссия»–ҳо ташкил дода шуданд, ки онҳо аз як қатор барномаҳо иборат мебошанд ва самтҳои асосии сиёсати ҳукуматро фаро мегиранд. Барномаҳо фарогири маҷмуи тадбирҳое мебошанд, ки ба ҳадафҳои мушаххас равона карда шудаанд. Ба ҳар як барнома директори таъйингардидаи барнома ҷавобгар буда, директор дар навбати худ дар парламенти кишвар иштирок намуда, ҳисобот ва ба саволҳо ҷавоб медиҳад. Тадбирҳо бошанд, аз маҷмуи амалиётҳое иборат мебошанд, ки ба амалишавии барномаҳо мусоидат мекунанд. Парламент бошад ҳангоми дида баромадани буҷет ин ё он миссияро тамоман бекор карда наметавонад. Танҳо дар он ҳолат парламент барномаи миссияеро бекор карда метавонад, ки воситаҳои аз буҷет ба он ҷудогардида ба сари барномаҳои дигари ин миссия тақсимот карда шавад. Миссияҳо метавонанд дар доираи уҳдадориҳои якчанд вазорат бошанд ва амалишавии онҳо на танҳо ташкили барномаҳои мақомотӣ, балки инчунин байнимақомотиро низ талаб мекунад [132].

Аз таҷрибаи Фаронса бармеояд, ки ғояҳои демократияро метавон бо ғояҳои иқтисодиёти бозорӣ мутобиқ гардонид. Таҷрибаи Фаронса бо муайян кардани равишҳои асосии татбиқи буҷети барномавию ҳадафмандаш, ки худ ба он такя мекунад, метавонад тамсили хуб бошад, чун Фаронса кишваре аст, ки дар он иқтисодиёти омехта (давлат ва бахши хусусӣ) фаъол буда, кишвар барои рақобати байналмилалӣ кушода

мебошад. Нақшаҳое, ки дар Фаронса коркард карда мешаванд, бештар тавсифи индикативӣ дошта, самтҳои рушди иқтисодиётро муайян сохтаанд. Дар ин замина воситаҳои давлатиро истифода намуда, кишвар ба пеш ҳаракат карда истодааст. Нақшаҳо бошанд дар доираи маҳдуд коркард нашуда, дар таҳияи онҳо соҳибкорон ва намояндагони мақомотҳои дахлдор, экспертон ва олимон низ иштирок мекунанд. Аз ин лиҳоз тачрибаи кишвари муттарақие чун Фаронса барои мо хеле ҷолиб мебошад.

Таҷрибаи Шветсия нишон медиҳад, ки «Системаи идоракунӣ ва буҷетикунонии Шветсия, ки ба натиҷа нигаронида шудааст ва дорои принсипи бисёрсола (сесола)–и банаҷқшагирии буҷет мебошад, соли 1993 татбиқ гардидааст» [178].  Таҷрибаи Шветсия мисоли комили буҷети сохторикардашудае дар сиёсати давлатӣ мебошад, ки асоси онро манфиатҳои парламенти кишвар ташкил дода, ба равнақ ёфтани ҳамкориҳои судманди соҳахои сиёсати давлатии назорати воситаҳои буҷет равона гардидааст. Ин таҷриба шаффофияти равандҳои буҷетикунониро барои парламенти кишвар бараъло инъикос гардонида аст ва муҳиму саривақти буданашро ифшо карда тавониста аст. Бо ифодаи дигар имконияти фарохи на танҳо ба сохтори ниҳодӣ ва хароҷотҳои ба он вобаста диққат кардан, балки ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи буҷет низ диққати махсус додан фароҳам оварда шудааст.

Дар Шветсия дар масъалаи хароҷотҳои миёнамуҳлати давлатӣ самтҳои мушаххаси хароҷотҳо муайян карда шуда, тавассути вазоратҳо идора карда мешаванд ва бевосита вазирон барои хароҷотҳо ҷавобгар мебошанд. Аз ин таҷриба бармеояд, ки бо чунин тарз ба роҳ мондани фаъолият, имконияти ба ҳар як вазир вогузор намудани идораи хароҷотҳо дар доираи соҳаи муайян, самараи бештар медиҳад ва назорати хароҷотҳоро хубтар месозад.

Таҷрибаи Федератсияи Россия низ дар татбиқи буҷети барномавию ҳадафманд назаррас мебошад. Дар Федератсияи Россия аслан татбиқи амиқи буҷети барномавию ҳадафманд аз соли 1995 оғоз гардида, панҷ давраро фарогир мебошад:

Солҳои 1995–2003 давраи ба миён омадани барномаҳои ҳадафманд;

Солҳои 2004–2006 давраи пайдошавии барномаҳои ҳадафманди мақомотӣ;

Солҳои 2007–2010 давраи пайдошавии барномаҳои ҳадафманди дарозмуддат;

Солҳои 2010–2012 давраи пайдошавии барномаҳои давлатӣ ва гузариш ба шакли барномавии буҷети федералӣ;

Аз соли 2013 то ба ҳол – давраи гузариши қисмати зиёди хароҷотҳои буҷети федералӣ ба принсипи банақшагирии барномавию ҳадафманд ва назорату баҳогузории минбаъдаи самаранокии истифодашавии онҳо [145, С. 170-175].

Раванди татбиқи буҷети барномавию ҳадафманд дар Федератсияи Россия баъд аз қабули Қонуни федералӣ аз 07 майи соли 2013 таҳти № 104–ФЗ «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси буҷети Федератсияи Россия ва санадҳои ҷудогонаи қонунбарории Федератсияи Россия дар алоқа бо такмил додани равандҳои буҷет» ба марҳилаи дигар гузашта, татбиқи амиқи худро пайдо намуд. Ҳамин тариқ бо қабул гардидани Қонуни федералӣ «Дар бораи банақшагирии стратегӣ дар Федератсияи Россия» аз 28–уми июли соли 2014, таҳти № 172–ФЗ қабул гардидан мафҳуми барномаи давлатӣ ба вуҷуд омад [81].

Дар маҷмуъ, «Барномаҳои давлатӣ дар субъектони федератсия аввалин бор соли 2010 дар вилоятҳои Свердловск ва Астрахан пайдо шуда соли 2011 ба онҳо 15 минтақа ҳамроҳ гардида, соли 2012 бошад минтақаҳои ба ин раванд ҳамроҳгардида қариб 20 минтақаро ташкил

медоданд. Дар соли 2015 қариб ҳамаи субъектони Федератсияи Россия ба усули барномавию ҳадафманд гузаштанд» [11].

Боиси зикр аст, ки дар раванди коркард кардани асноди методӣ ва амалишавии буҷети барномавию ҳадафманди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҷрибаи Федератсияи Россия бештар такя карда мешавад. Вале бояд дар назар дошт, ки принсипҳои дар кишварҳо (Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҷойдошта тафовути сохторӣ доранд (масалан дар Федератсияи Россия ба принсипи федералистӣ аҳамият дода шуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ба принсипҳои унитарӣ бештар диққат медиҳанд). Бинобар ин дар таҳлили таҷрибаи ин кишвар ба таҷрибаи федратсияҳои он такя намуда, ҷузъиёти ба системаи молияи кишвари мо мувофиқро ҷудо намудан лозим аст. Таҳлили таҷрибаи вилоятҳои Свердловск, Астрахан, Брянск, Сахалин, Ҷумҳуриҳои Саха, Алтай, Карелия, Мордовия нишон медиҳанд, ки дар ин минтақаҳо дар доираи ислоҳоти молияи минтақаҳо, барномаҳои сершумори буҷети барномавию ҳадафманд коркард карда шуда, татбиқ шудаанд.

Масалан дар Ҷумҳурии Мордовия (дар давраи солҳои 2014–2018) 27 барномаи давлатӣ қабул гардидааст, ки дорои 908 нишондиҳандаҳои ҳадафнок буда, раванди амалишавиро инъикос менамуданд. Ҳамчунин таҷрибаи Якутия нишон медиҳад, ки дар ин минтақа танҳо дар доираи татбиқи се барномаи ислоҳотии молиявӣ имконияти баланд бардоштани самарнокии фаъолияти молиявии минтақа ба даст омада, муҳити сармоягузорӣ хуб гардида, шаффофияти равандҳои буҷетӣ таъмин гардад [11].

Ҳамин тавр таҳлили субъектони федералии Федератсияи Россия нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои он татбиқи буҷети барномавию ҳадафманд якчанд давраҳоро фарогир мебошад. Он аз омӯзиши таҷрибаҳои мавҷудбуда сар карда, баъди амалишавии барнома нишондиҳандаҳои асосӣ омӯхта шуда, натиҷаҳо баҳогузорӣ карда

мешаванд. Бешубҳа дар Федератсияи Россия барномаҳои давлатӣ мақоми калидиро ишғол намуда, равиши буҷети барномавию ҳадафманд тавонистааст, ки иҷрошавии принсипҳои натиҷагирӣ ва самарнокии системаи буҷети кишварро дар тамоми сатҳҳо таъмин намояд.

Таҳлили таҷрибаи Ҷопон нишон дод, ки дар ин кишвар татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд аз дигар кишварҳо тафовут дорад. «Ин усули буҷетикунонӣ дар Ҷопон танҳо барои ҳавасманд кунонидан ва рушд намудани соҳаҳои мушаххаси илмӣ–тадқиқотӣ, аз қабили электроника, роботохника, системаҳои иттилоотӣ ва ғ. татбиқ мешавад» [91, С. 89].

Дар Ҷопон ба амалишавии корҳои илмӣ–тадқиқотӣ диққати махсус медиҳанд. Дар ин замина татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд барои дар оянда ҷалб намудани соҳибкорон барои фаъолият намудан дар соҳаи инноватсионии иқтисодиёт замина гузошт. Дар навбати худ амалишавии ин тадбир дар Ҷопон ба ҳалли масъалаҳои ҷалби сармояҳои хусусӣ ба соҳаи технологияҳои стратегии муҳим, идораи мустақими давлатии иқтисодиёт, муайян кардани саҳми давлат дар соҳаҳои муҳимми иқтисодӣ, дуруст ба роҳ мондани шарикии давлат ва идораи равандҳои иқтисодӣ мусоидат намуд.

Дар доираи кишварҳои пасошуравӣ баъд аз Федератсияи Россия таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба татбиқи буҷетикунонии барномавиву ҳафманд низ ҷолиб мебошад.

Татбиқи буҷети барномавию ҳадафманд дар Қазоқистон бо ба миён омадани системаи навини банақшагирии давлатӣ вобастагӣ дорад, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон аз 18–уми июни соли 2009 таҳти № 827 ба амал омадааст. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон лоиҳаи барномавии ҳадафманд то давраи панҷсола ба нақша гирифта мешавад ва он «Стратегияи Қазоқистон–2050»–ро асос мегирад. Лоиҳаҳо аслан барномаи давлатӣ буда, фарогири масоили рушди иқтисодиёти

минтақаҳо, соҳаҳои иҷтимоӣ, таҷдидсозии муҷтамаъҳои инфрасохторӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии ҷомеа, экология, захираҳои замин ва хизматрасониҳои давлатӣ мебошанд [119, С. 51].

Оид ба баҳодиҳии самаранокии барномаҳо дар Ҷумҳурии Қазоқистон бояд қайд намоем, ки баҳодиҳӣ ҳамасола тибқи «Системаи баҳодиҳии самаранокии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ» гузаронида мешавад, ки тамоми равандҳои баҳогузорӣ аз ҷониби Вазорати иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Қазоқистон дар доираи Методикаи тасдиқгардида ва дар асоси маълумотҳои аз ҷониби иҷрокунандагон пешниҳодгардида гузаронида мешаваду назорат карда мешавад. Муҳтавои методика дар назар дорад, ки ҳангоми арзёбӣ аз гуруҳи нишондиҳандаҳое истифода хоҳанд шуд, ки ба дурустии баҳогузории воситаҳои буҷетӣ ба таври комил мусидат намуда, ҳамчунин назорати дурусти фаъолияти субъектони уҳдадорро ба роҳ мемонанд, то сифати хизматрасониҳо низ баланд шаванд.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи хориҷии татбиқи равиши буҷетиккунонии барномавиву ҳадафманд нишон медиҳад, ки амалишавии он дар ҳама сатҳҳо самаранокии худро нишон дода тавонистааст. Ҳамин ҷанба аз худ инъикоси унсурҳои мусбиятро пешниҳод намудааст, ки дар асноди стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштан ба равиши мазкур ба ҳайси омили афзалиятнок дарҷ гардидааст. Аз ин сабаб, аз нигоҳи мо, дар идома мавриди омӯзиш қарор додани афзалияти ин равиш ва дурнамои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади таҳқиқот мувофиқ хоҳад буд. Дар назар аст, ки татбиқи ин равиш ва ё ин усул дар маҷмуъ барои муайян сохтани афзалиятҳои равандҳои буҷет ва буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд, инчунин такомул ёфтани идора ва танзими молияи давлатӣ воситаи муассир хоҳад буд. Зеро, равиши буҷетикунонии барномавию ҳадафманд пеш аз ҳама вазифагузорӣ мекунад, ки бартарият дар хароҷотҳои буҷет муайян карда шаванд ва талаботи мазкур аз сабаби

маҳдуд будани воситаҳои давлатие, ки ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ равон гардидаанд, мубрам мебошад. Дар ҳолати муайян ва аниқ будани маълумотҳо оид ба хароҷотҳо тавассути буҷети барномавию ҳадафманд қабули қарорҳои дахлдор вобаста ба афзалиятнокии хароҷот осон ва боэътимод мегардад.

Ҳамин тавр таҳлили таҷрибаи хориҷии татбиқи буҷети барномавию ҳадафмандро ҷамъбаст намуда, тавсияҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидаткунандаро ироа намудан мумкин аст, ки онҳо дар раванди пешниҳоди асноди ба ин равиш кумаккунанда воситаи хуб шуда метавонанд. Таҷрибаи кишварҳоро (Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Фаронса, Иёлоти муттаҳидаи Амрико, Шветсия, Британияи Кабир ва ғ.) ба инобат гирифта метавон иброз дошт, ки барои кишвари мо бештар дар доираи воридоти ислоҳоту тағйирот ба низоми буҷетикунонӣ бештар ба самтҳои стратегии барномавӣ бояд аҳамият дода шавад. Ғайр аз ин системаи нишондиҳандаҳо ва баҳогузории онҳоро коркард кардан лозим аст, ки хароҷотҳои давлатиро тибқи барномаҳои коркардшуда ва зербарномаҳои онҳо равона карда тавонад ва худи система назорат ва таҳлил карда шавад. Иловатан, тавассути идораи бонизоми равандҳои ба хароҷотҳои буҷет мутааллиқбуда назорати равандҳои амалишавии ӯҳдадориҳо пурзӯр карда шуда, механизми шаффофи баҳогузории самаранокии хароҷотҳо ва воситаҳои тақсимшудаи буҷет, назорати фаъолияти ашхоси идоракунандаи онҳо дар доираи барномаҳои ҳадафманд ба роҳ монда шавад. Дар ин замина субъектони ваколатдори ҳар як барнома ва сарпарстони он муайян карда шуда, аз болои шахсони уҳдадор ва ба хароҷотҳои буҷет ҷавобгар, назорат бурда шавад. Ин бошад, дар навбати худ талаб мекунад, ки системаи таъминнамоии кадрии барномаҳои ҳадафманд ташаккул дода шавад.

Дар маҷмуъ, таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи равиши буҷети барномавию ҳадафманд нишон дод, ки дар бештари мавридҳо банақшагирие, ки ба натиҷа нигаронида шудааст, асоси ислоҳоти молияи давлатӣ ва буҷетикунонӣ мебошад ва ин равиш алакай татбиқ ва уствории мавқеъи худро дар кишварҳои муттараққӣ ва рӯ ба рушд пайдо намудааст ва самараи хуб ҳам додааст. Аммо бояд дар назар дошт, ки ислоҳотҳои дар доираи равандҳои ба буҷет мутааллиқбуда, хусусан дар доираи буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд бояд фарогири унсурҳои тавсифкунандаи соҳаҳои мушаххаси идоракунӣ бошад.

**Хулоса аз рӯйи боби 1-ум**

1. Вобаста ба беҳтар гардонидани хароҷотҳои буҷет ва ноил гардидан ба мақсадҳои ниҳоии аҳаммияти иҷтимоидошта дар доираи истифодаи самараноку ҳадафманди захираҳои буҷет дар давраҳои муайян, бояд масоили тавсифҳои сиёсидошта ба инобат гирифта шаванд. Дар ин замина, усули барномавиву ҳадафанди буҷетикунонӣ таконбахши равандҳое мегардад, ки тавассути онҳо барои ноил гардидан ба натиҷаҳои сармарабахши хароҷотҳои давлатӣ, ба баланд шудани сифати хизматрасониҳо расидан осон гардида, самаранокии ҳадафҳои стратегӣ афзун гардида, татбиқи захираҳо ва воситаҳои буҷетӣ ва истифода кардани онҳо дар самтҳои афзалиятноку аҳаммиятнок беҳтар мегардад.

2. Равиши барномавию ҳадафманди буҷет барои муайян сохтани масрафоти дурусту ҳадафноки воситаҳои буҷет таҷҳизоти муҳиму асосӣ ба ҳисоб рафта, дорои самт ва таъминоти мушаххаси стратегӣ буда, натиҷаи ниҳоии татбиқи он барои давраҳои дароз баҳри ҷомеа фоидаи устувор меоварад ва барои ҳалли масоили муҳимми давлатӣ, аз қабили таъминкунии рушди устувори иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии соҳаҳои аҳаммиятнок воситаи калидӣ ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ, усули мазкур дар доираи равиши ҳадафманди худ раванди таҳлили ҳамаҷонибаи проблемаҳо, талаботҳо, мақсадҳоро фаро гирифта, дар доираи равиши

барномавии худ фарогири ҷанбаҳои ташаккулёбии нақшаҳои ба ҳалли мушкилот равона гардида, шаклҳои таъминоти иҷрошавии нақшаҳо мебошад.

3. Гузаштан ба буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар доираи бахшҳои гуногуни иқтисодӣ, махсусан дар доираи корхонаҳои саноатӣ, имкониятҳои васеи чандирияти идоракунии захираҳои буҷетӣ ва амалишавии афзалиятҳои барои соҳаҳои иқтисодиёти давлат муҳимбударо фароҳам оварда, ба паст гардидани хароҷотҳо ва баланд шудани хизматрасониҳо меорад, ки дар тафовут аз равиши маъмули буҷетикунонӣ ба шаффофтар гардидан ва содатар гардидани равандҳои ба буҷет тааллуқдошта муосидат хоҳад кард. Тавассути чунин механизм афзалиятҳо дар раванди тақсимбандии маблағҳои буҷетӣ ва шаффофият дар идора ва танзими воситаҳои буҷет фароҳам оварда шуда, имкониятҳои фарохи қабули қарорҳои дуруст фароҳам оварда мешаванд.

4. Воситаҳои буҷетӣ барои маблағгузориҳои ин ё он мақомот бояд дар доираи барномаҳо таснифот гардида, ҷудо карда шаванд, ки он барномаҳо фарогири фаъолиятҳои пешбинишуда ва мушаххас бошанд. Арзиши амалиётҳои дар барномаи мушаххас таъйингардида набояд ба дигар барномаҳо масраф гардад. Дар ҳолати акс муайян кардани арзиши пурраи ҳар як барнома ба норасогиҳо вохӯрданаш мумкин аст. Оид ба мақсади менеҷмент, мустақилият ва масъулият месазад зикр намоем, ки барномаҳо бояд дорои қисматҳои идоракунандаи худӣ бошанд, ки идораи он кисматҳо ба уҳдаи шахси мушаххас (менеҷер ё топ–менеҷер) вогузор карда шуда бошад.

5. Буҷетикунонии барномавӣ ба ҳайси методологияе шинохта мешавад, ки сар карда аз банақшагирӣ то ба иҷрошавӣ ба низом даровардан ва бурдани назоратро амалӣ намуда, вобастагиҳо ва алоқамандиҳои ба хароҷотҳои давлатӣ мутаалликбуда ва натиҷаҳои татбиқшавии барномаҳоеро барқарор мекунад, ки ин онҳо дар асоси

ҳадафҳои стратегӣ бо дарназардошти афзалиятҳои сиёсати давлатӣ оид ба татбиқи воситаҳои буҷет коркард карда шудаанд.

6. Татбиқи буҷети барномавию ҳадафманд имкониятҳои муайянсозии хароҷотҳои молиявии давлат ва ба кадом самтҳо равона гардидани онҳоро муайян ва мушаххас месозад ва фарогири ҳаҷми калони иттилоот буда, буҷетро ба ҳадафҳои ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ равонагардида нигаронида, ҳадафҳои стратегии буҷетиро барои давраҳои дарози банақшагирии стратегӣ менигаронад ва сохтори буҷетро сода намуда, барои шаффофии равандҳои буҷетӣ шароит фароҳам меоварад. Аммо бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки барои амалишавии ин ҳадафҳо, ҳангоми гузаштан ба буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, равандҳои сиёсӣ, назоратӣ ва маблағгузории буҷет аз ҷонибаи ҳукумат ва роҳбарият дастгирии ҳамаҷониба ёбанд.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТ ВА ТАМОЮЛИ БУҶЕТИКУНОНИИ ҲАДАФМАНДИ РУШДИ БАХШИ САНОАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Ҳолати кунунӣ ва механизми буҷетикунонии ҳадафманди рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Соҳаи саноати кишвар бахши муҳиме мебошад, ки рушду инкишофи он бевосита аз дастгирии давлатӣ дар шакли таҳия ва амалсозии лоиҳаҳои буҷетӣ вобаста мебошад. Саноат муҳаррики такондиҳандаи рушди иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад. Таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва дастрасӣ ба нишондиҳандаҳои рушди устувор аз инкишофи бемайлони бахши саноат ва соҳаҳои марбут ба он вобастагии зич дорад. Ҳамчунин суботи бозори молиявӣ ва макроиқтисодӣ аз таносуби мусбати содирот ва воридоти молҳои саноатӣ вобаста мебошад. Даромади бахшҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба буҷети кишвар низ сол то сол афзун гардида истода, дар ташаккулёбии нишондиҳандаҳои асосии кишвар саҳми назаррасро доро мебошад.

Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ҷиҳати таъмини рушди дарозмуддати кишвар ба бахши саноат таваҷҷуҳи хос зоҳир шудааст. Аз ҷумла, қайд мегардад, ки «Сенарияи индустриалии рушд татбиқи бомуваффақи лоиҳаҳои амалкунанда ё оғозшудаи энергетикию инфрасохтор, истифодаи оқилонаи захираҳои обу замин, энергетикӣ ва дигарҳо, инчунин барқарор кардани иқтидорҳои мавҷуда ва ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар саноат ва соҳаи кишоварзиро пешбинӣ мекунад... Дар пайомади сенарияи мазкур таҳкурсӣ барои рушди модели саноатию аграрӣ бунёд мегардад. Ба сифати омили пешбарандаи рушди иқтисоди миллӣ афзоиши босуръати саноат дар асоси ба истифода додани иқтидорҳои нав ҷиҳати истеҳсоли неруи барқ, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва ангишт, ташаккулдиҳии металлургияи сиёҳи ватанӣ ва рушди минбаъдаи металлургияи ранга, рушди саноати маводҳои сохтмонӣ,

саноати сабук ва хӯрока хизмат хоҳад намуд. Тибқи сенарияи мазкур ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ 4,2 маротиба, аз ҷумла, саноати истихроҷи маъдан 5,7 маротиба, саноати коркард 4,3 маротиба ва истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об 2,9 маротиба афзоиш меёбад» [130, С. 18]. Солҳои охир дар доираи вусъат бахшидани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ аз ҷониби Ҳукумати кишвар табдирҳои ҷиддӣ андешида шуда, барномаҳои соҳавӣ мавриди коркард ва татбиқ қарор гирифтаанд, ки маблағгузориҳо барои амалишавии онҳо дар буҷети давлатӣ ба ҳисоб гирифта шудаанд.

Умуман, «Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмуъ, дорои зерсохторҳои истихроҷи маъданҳо, саноати коркард ва тақсимоти неруи барқ, газ ва об буда, маҳсулоти саноат (дар мафҳуми арзиш) умуман ва соҳаҳои ҷудогонаи он ҳамчун ҷамъи маълумотҳо оид ба ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои алоҳидаи саноатӣ муайян карда мешавад. Маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ арзиши ҳамаи маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаҳо дар давраи ҳисобот ба шумор меравад, ки он аз маснуоти тайёр ва ба фурӯш баровардаи маҳсулоти нимтайёр (чи аз ашёи хом ва маводи худи корхона ва чи аз ашёи хоми фармоишгар), ҳамчунин арзиши корҳои иҷрошудаи хусусияти саноатӣ дошта, аз рӯйи фармоиши беруна ё хоҷагиҳои ғайрисаноатӣ ва ташкилотҳои худи корхона иборат аст. Ба маҳсулоти корхонаи саноатӣ маҳсулоти истеҳсолкардаи худи корхона, ки барои эҳтиёҷоти саноатию истеҳсолии дохили корхонаи мазкур хароҷот ё сарф шудааст, ҳамроҳ карда намешавад. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар мафҳуми асл (натуральный), маъмулан дар ҷамъи истеҳсоли маҳсулот, яъне, якҷоя он маҳсулоте, ки барои эҳтиёҷоти саноатию истеҳсолии дохили корхона хароҷот ё масраф шудааст, нишон дода шудааст» [121, С. 8].

Бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди иҷтимоӣ–иқтисодии кишвар саҳми беандоза дорад. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии бахши саноат бозгӯи тамоюлҳои мутаззод ва равандҳои марбут ба

умедвориҳо ва эҳтимолияти хавфҳо мебошад, ки аз муваффақиятҳои солҳои охир ва нуқсонҳои дар ин давра сарзада шаҳодат медиҳад. Ба андешаи Низомова Т.Д. ва Бобосдиқова Н.Х. «Таҳлили ҳолатҳои иҷтимоӣ–иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди иқтисодӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, болоравии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ бо рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, пеш аз ҳама саноат муайян карда мешавад. Ҳал гардидани мушкилоти бештари корхонаҳои саноатӣ бо зарурати мукаммалгардонии механизмҳои маблағгузориҳои онҳо вобастагии сахт дорад. Бештари корхонаҳо дар кишвар, ҳарчанд ки ба шакли ҷамъиятҳои саҳҳомӣ мубаддал гардида бошанд ҳам, то ба ҳол ба шароитҳои иқтисоди бозорӣ мутобиқ нагардидаанд. Сохтори ташкилии чунин корхонаҳо мураккаб буда, ба ташаккули менеҷмент мутобиқат намекунанд ва сиёсати маркетингӣ низ дар онҳо суст рушд карда аст» [100, С. 50].

Бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун соҳаи афзалиятноки даромаднокиаш мутаносибан тамоюли афзуншавидошта баромад намуда истода, дар рушди маҳсулоти маҷмӯии кишвар соҳим мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таи солҳои охир шумораи зиёди корхонаҳои саноатӣ ташкил дода шуданд, ки аз рӯйи технологияҳои муосир кору фаъолият намуда, бо таҷҳизотҳои муосири инноватсионӣ ҷиҳозонида шудаанд. Мусаллам аст, ки ташаккули корхонаҳои истеҳсолӣ ба афзун гардидани ҷойҳои корӣ мусоидат мекунанд (ҷадвали 2.1.1).

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2.1.1 нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 2015–2023 шумораи корхонаҳои саноатӣ 49,5 % афзоиш ёфта, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бошад 2,8 маротиба зиёд гардидааст. Ҳаҷми афзоиши умумии маҳсулоти саноатӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2022 109 %-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2015 афзоиши он 30,08 млн. сомониро ташкил медиҳад. Дар ҳамин давраи ҳисоботӣ шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ 7,8 % афзоиш ёфтааст, ки он

нисбат ба соли 2015 6,3 ҳаз. нафарро ташкил медиҳад. Тамоюли афзуншавии нишондиҳандаҳои таҳлилӣ инъикосгари саҳми беандозаи бахши саноат дар кишвар мебошанд.

**Ҷадвали 2.1.1. – Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии бахшҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 2015 | 2017 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **I** | 2310 | 1999 | 2164 | 2283 | 2397 | 2802 | 3453 | **149,5** |
| **II** | 16770 | 23597 | 29543 | 32143 | 38829 | 42988 | 46857 | **279,4** |
| **III** | 81,2 | 86,8 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | 87,5 | **107,8** |
| **IV** | 50977,8 | 64434,3 | 79109,8 | 83958,3 | 101076 | 118182 | 130792 | **256,6** |
| **V** | 15,1 | 19,9 | 21,2 | 23,1 | 18,2 | 23,5 | 16,2 | **1,1 б.ф.** |
| **VI** | 111,3 | 121,3 | 113,2 | 108,8 | 120,8 | 117,7 | 104 | **6,4 б.ф.** |

**Эзоҳ:** I–Шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид; II–Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои с.2022, млн. сомонӣ; III–Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, ҳазор нафар; **IV** – Маҳсулоти умумии дохилӣ, млн. сомонӣ; **V** – Ҳиссаи саноат дар маҳсулоти умумии дохилӣ, ба ҳисоби фоиз; VI–Индексҳои истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта

**Таҳияи муаллиф аз рӯйи**: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С. 9, 23.

Маълумотҳои ҷадвали 2.1 нишон медиҳанд, ки дар давраи таҳлилӣ, аз соли 2015 то соли 2020 ҳиссаи саноат дар маҳсулоти умумии дохилӣ, ба ҳисоби фоиз тамоюли афзоиш дорад. Аммо ин нишондиҳанда соли 2021 нисбат ба давраи пешинааш, кам гардида, дар соли 2023 нисбат ба соли 2022 ба миқдори 4,9 б.ф. кам шудааст. Агар маҳсулоти умумии дохилӣ дар давраи солҳои 2015–2023 қариб 2 маротиба афзоиш ёфта бошад, пас дар соли 2023 ҳиссаи саноат дар ташаккулёбии он 16,2 %–ро ташкил додааст. Дар ҳамин давра ҳиссаи саноат дар маҳсулоти умумии дохилӣ, ба ҳисоби фоиз 1,1 банди фоизӣ зиёд гардида, индексҳои истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта низ 6,4 банди фоизӣ афзун шудаанд. Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо таҷассумгари саҳми хоси бахши истеҳсолоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Албатта, дар афзоиши бемайлони нишондиҳандаҳои асосии бахшҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши буҷетикунонии лоиҳаҳои марбут ба рушди саноат муҳим ва қобили қайд мебошад. Чун бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар баробари қисматҳои ташкилдиҳандаи

даромади миллӣ ба ҳайси соҳаи пешбарандаи бахшҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар баромад намояд.

Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштан аз шакли аграрӣ–саноатӣ ба саноатӣ–аграриро ҳадафи миллӣ қарор додааст. Ҳанӯз соли 2019 дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъкид гардида буд, ки «Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ–индустриалӣ ба индустриалӣ–аграрӣ амалӣ гардонида истодаем» [103]. Боиси қайд аст, ки дар ин замина минтақаҳои кишвар дар ташаккули ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар давраи солҳои 2015–2023 ба нишондиҳандаҳои нисбатан назаррас ноил гардидаанд (ҷадвали 2.1.2).

Маълумотҳои ҷадвали 2.1.2 нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ дар давраи солҳои 2015–2023 ҳаҷми махсулоти саноатӣ бо нархҳои солҳои мутобиқашон 3,8 маротиба афзоиш ёфта, вобаста ба минтақаҳо бошад афзоиши бештар дар Вилояти Суғд ба қайд гирифта шуда, ин тамоюл дар соли 2023 нисбат ба соли 2015 5,4 маротибаро ташкил додааст. Вилояти Суғд дар соли 2023 бо иқтидори саноатии мавҷудбудааш 55,9 фисади саҳми умумии ҳаҷми саноати кишварро ташкил додааст, ки он нисбат ба соли 2015 5,4 маротиба рушд намудааст. Баъд аз ин минтақаи саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши НТҶ 3,5 маротибаро ташкил дода, дар соли 2023 нисбат ба соли 2015 ба миқдори 3129,7 млн. сомонӣ зиёд гардидааст. Нишондиҳандаҳои ш.

Душанбе 3,2 маротиба, вилояти Хатлон зиёда аз ду маротиба ва ВМКБ дар давраи таҳлилӣ қариб ду маротиба афзоиш ёфтаанд.

**Ҷадвали 2.1.2. – Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар давраи солҳои 2015–2023, млн. сомонӣ (бо нархҳои дахлдори сол)**

| Нишондиҳанда | 2015 | 2017 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2021/2015, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Тоҷикистон** | **12196** | **20029** | **30890** | **38829** | **43025** | **46857** | **3,8** |
| ВМКБ | 111,8 | 193,4 | 228,8 | 315,5 | 184,1 | 214,8 | 1,9 |
| Вилояти Суғд | 4894,2 | 10066,4 | 5573,2 | 21064,8 | 24326,3 | 26188,1 | 5,4 |
| Вилояти Хатлон | 4621,2 | 6753,1 | 8998,3 | 10333,0 | 10792,5 | 11841,2 | 2,6 |
| ш. Душанбе | 1350,7 | 1659,0 | 2800,6 | 3339,4 | 3535,9 | 4265,1 | 3,2 |
| НТҶ | 1218,1 | 1357,1 | 3289,4 | 3776,3 | 4186,1 | 4347,8 | 3,5 |

**Таҳияи муаллиф аз рӯйи:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С.9.

Бояд қайд намоем, ки чунин тафовути нишондиҳандаҳои маҷмуи маҳсулоти саноатии минтақаҳои кишвар аз нобаробар ҷойгир шудани соҳаи номбурда аз лиҳози ҷойгиршавии ҷуғрофиашон мебошад. Чун дар якчанд давраҳои гузаронидани ислоҳотҳо вобаста ба ҷойгиркунии ҳудудҳои маъмурии минтақаҳои кишвар тағйиротҳое ба амал омаданд, ки тақсимоти соҳавии бахши саноатро номуназзам гардониданд. Ҳарчанд аз лиҳози ҷойгиршавии ҷуғрофӣ дар манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон номуназзамӣ дар бештари бахшҳои иқтисодӣ ба назар расанд ҳам, аммо тағйирёбии мақеи ҷойгиршавии он, баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба бахши саноат ва маблағҳои буҷетии ба он равона мегарида таъсир гузошт. Дар даврони Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси кишвари таъминкунандаи ашёи хом баромад менамуд ва ба истеҳсоли маҳсулоти тайёри саноатӣ кам шуғл меварзид. Истеҳсолоти ҷумҳуриро бештар маҳсулоти кишоварзӣ аз қабили нахи пахтаву пилла, меваву сабзавот, тамоку ва дигар масолеҳи хоҷагии қишлоқ ташкил медод, ки коркарди ниҳоии бештари ин маҳсулот низ дар ҷумҳуриҳои дигари собиқ ИҶШС амалӣ мешуданд. Илова ба ин масолеҳи бахши саноатӣ қариб, ки дар дохили кишвар мавриди коркард қарор

нагирифта, қисмати асосии он ба ҳайси ашёи хом ба берун бароварда мешуд.

Аммо бояд дар назар дошт, ки ҳануз аз даврони Шуравӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун РСС Тоҷикистон дар баробари 14 республикаи тобеъ узви он буд, аз лоиҳаҳои марказонидашудаи банақшагирӣ бархурдор буд. Аз ҷумла лоиҳаҳои мақсаднок барои рушди кишоварзӣ, маориф, инфрасохтор, тандурустӣ пешбинӣ шуда бошанд ҳам, барои бахши саноат танҳо дар солҳои 1970-1980 татбиқи лоиҳаҳои ҳадафманди соҳавӣ ба таври фаъол пешбинӣ гардида буданд. Масалан сохтмони неругоҳи Норак соли 1961 ба нақша гирифта шуда, барои сохтмони он, дар доираи лоиҳаҳои ҳадафманд 1,2 млрд. рубл ҷудо гардида буд. Сохтмони ин иншооти азим, ҳамчун лоиҳаи бузурги ҳадафманди ҳамон замон соли 1980 ба итмом расида, дар миқёси Осиёи Миёна ва собиқ Шуравӣ бузургтарин иншоот ба ҳисоб мерафт, ки иқтидораш 3000 МВт мебошад [98, С. 230-235].

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати кишвар барои ташаккули системаи саноати миллӣ кӯшишҳои бисёре ба харҷ дода истода, дар заминаи рушди бахши саноатӣ асноди меъёриву-ҳуқуқии ҷавобгӯ ва илман асоснок гардида коркард карда, барномаҳо ва стратегияҳои ба рушди бахшҳои иқтисодӣ равонагардидаро мавриди коркард ва татбиқ қарор додааст. Дар даврони соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши рушд додани соҳаҳои саноати кишвар ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардидааст. Аз ҷумла дар солҳои охир ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи соҳаҳои асосии саноат ба таври назаррас рушд намудааст ва дар ин замина нишондиҳандаҳои он ба тамоюли афзоиши давра ба давра расида тавонистааст (ҷадвали 2.1.3).

Аз маълумотҳои омории ҷадвали 2.1.3 муайян мегардад, ки дар тағйирёбии ҳаҷми маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи соҳаҳои асосии саноат дар давраи солҳои 2015–2023 саноати истихроҷ 5,7

маротиба афзун гардида, саноати коркард бошад 3,6 маротиба афзоиш ёфта, истеҳсол ва тақсими неруи барқ, об, газ, гармидиҳӣ 3,5 маротиба зиёд шудаанд.

**Ҷадвали 2.1.3. – Тағйирёбии ҳаҷми маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи соҳаҳои асосии саноат бо нархҳои дахлдори сол, млн. сомонӣ**

| Бахшҳои саноат | 2015 | 2016 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/2015, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Тамоми саноат** | **12196** | **15090** | **30890** | **38829** | **43025** | **46857** | **3,8** |
| **Саноати истихроҷи маъдан** | **1641** | **3004** | **4309** | **8409** | **8906** | **9336** | **5,7** |
| аз ҷумла: маводҳои энергетикӣ | 203 | 222 | 429 | 485 | 582 | 578 | **2,8** |
| маводҳои ғайриэнергетикӣ | 1438 | 2782 | 3880 | 7924 | 8324 | 8758 | **6,1** |
| **Саноати коркард** | **8006** | **9368** | **19054** | **22313** | **26497** | **28537** | **3,6** |
| аз ҷумла: истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз он нӯшокиҳо ва тамоку | 3482 | 3690 | 7089 | 7608 | 10383 | 11621 | **3,3** |
| истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ | 1292 | 1520 | 2870 | 4096 | 4720 | 4500 | **3,5** |
| истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 41 | 49 | 91 | 120 | 137 | 133 | **3,2** |
| коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 77 | 103 | 142 | 125 | 147 | 203 | **2,6** |
| истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр | 143 | 115 | 182 | 210 | 272 | 417 | **2,9** |
| истеҳсоли маҳсулоти нафт | 52 | 62 | 87 | 123 | 77 | 85 | **1,6** |
| истеҳсоли кимиёвӣ | 86 | 95 | 182 | 268 | 439 | 602 | **7,0** |
| истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 61 | 85 | 291 | 390 | 524 | 533 | **8,7** |
| истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 1201 | 1655 | 2713 | 2856 | 2924 | 3122 | **2,6** |
| истеҳсоли металлургӣ ва маснуоти тайёри филизӣ | 1450 | 1850 | 4978 | 5967 | 6093 | 6486 | **4,5** |
| мошинсозӣ | 93 | 114 | 291 | 392 | 588 | 627 | **6,7** |
| ҳаргуна соҳаҳои саноат | 28 | 30 | 138 | 158 | 193 | 208 | **7,4** |
| **Истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ** | **2549** | **2718** | **7527** | **8107** | **7622** | **8984** | **3,5** |

**Таҳияи муаллиф аз рӯйи:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С.14–15.

Ин тафовути қариб як баробар ками истеҳсолоти маҳсулоти саноати коркард аз он далолат медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба истихроҷи он қафомонда мебошад. Дар бахши саноати коркард ҳиссаи истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ аз ҳама бештар нишондиҳандаи баланд дорад, ки дар давраи солҳои 2015–2023 афзоиши он 8,7 маротибаро ташкил додааст. Ин пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки солҳои охир созмони корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсоли маҳсулоти резинӣ ва пластмасӣ зиёд ба роҳ монда шуданд.

Аз ҷумла «дар Вилояти Суғд танҳо дар соли 2022 қариб 40 корхонаи саноатӣ ба кор дода шуданд, ки 15–тои он ба истеҳсоли масолеҳи пластмасӣ машғул мебошанд…» [180]. Ҳамчунин истеҳсоли масолеҳи кимиёвӣ дар кишвар дар давраи солҳои таҳлилӣ 7 маротиба афзун гардида, истеҳсоли масолеҳи металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ 4,5 маротиба ва истеҳсолот дар бахши мошинсозӣ бошад 6,7 маротиба афзоиш ёфтаанд.

Дар баробари ҳамаи ин бояд қайд намоем, ки афзоиши нишондиҳандаҳои мазкур метавонад ба ташаккули барномаҳои ба буҷет вобастабуда заминаи хуб бошад.

Барои самаранок гардонидани саҳми саноати кишвар ва дар ин замина устувор гардонидани саҳми даромади ин бахш ба буҷети давлатӣ, ба роҳ мондани коркарди масолеҳи ватанӣ ва ашёи хоми ватанӣ дар дохили кишвар мусоид хоҳад буд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз тадбирҳои андешидашуда ҳанӯз ҳам дар бахши саноати коркард дар қиёс ба саноати истихроҷ пешравии назаррас ба миён наомада бошад ҳам, аммо дар таркиби маҷмуи маҳсулоти саноатӣ тамоюли рушди давравӣ ба қайд гирифта шудааст (ҷадвали 2.1.4).

**Ҷадвали 2.1.4. – Динамикаи таркиби маҷмуи маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Бахшҳои саноат | 2015 | 2016 | 2018 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Тафовут |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Тамоми саноат, млн. сомонӣ** | **12196** | **15090** | **23894** | **30890** | **38829** | **43025** | **46857** | **34661,0** |
| **Саноати истихроҷ млн. сомонӣ** | **1641** | **3004** | **4686** | **4309** | **8409** | **8906** | **9336** | **7695,0** |
| Нисбат ба умумӣ бо % | 13,5 | 19,9 | 19,6 | 13,9 | 21,7 | 20,7 | 19,9 | +6,5 б.ф. |
| **Саноати коркард млн. сомонӣ** | **8006** | **9368** | **13520** | **19054** | **22313** | **26497** | **28537** | **20531,0** |
| Нисбат ба умумӣ бо % | 65,6 | 62,1 | 56,6 | 61,7 | 57,5 | 61,6 | 60,9 | -4,7 б.ф. |
| **Истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ млн. сомонӣ** | **2549** | **2718** | **5688** | **7527** | **8107** | **7622** | **8984** | **6435,0** |
| Нисбат ба умумӣ бо % | 20,9 | 18,0 | 23,8 | 24,4 | 20,9 | 17,7 | 19,2 | -1,7 б.ф. |

**Ҳисоби муаллиф аз рӯйи:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С.14–15.

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2.1.4 нишон медиҳанд, ки дар даври солҳои 2015–2023 ҳаҷми пурраи маҷмуи маҳсулоти саноатӣ 34661,0 млн. сомонӣ афзоиш ёфта, аз ин ҳисса саноати истиҳроҷ 6,5 банди фоизӣ зиёд шуда, аммо саноати коркард бошад баръакс 4,7 банди фоиз кам гардидааст.

Дар давраи таҳлилӣ нишондиҳандаҳои истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2015 ба миқдори 6435,0 млн. сомонӣ, афзоиш ёфта, ҳиссаи истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2015 ба 1,7 банди фоизӣ кам шуда аст.

Кам гардидани ҳиссаи саноати коркарду истеҳсолу тақсимоти неруҳ дар соли 2023 нисбат ба нишондиҳандаҳои умумиро метавон ба унвони шаҳодати кам гардидани сатҳи истеҳсолот дар манотиқи кишвар арзёбӣ

намуд, ки аз сатҳи паст ва камсамар истифода намудани захираҳои дар манотиқҳо мавҷудбуда маълумот медиҳад. Пас талаботе ба миён меояд, ки механизмҳои мавҷудбудаи иқтисодиву идорӣ дар самти ҳавасмандгардонӣ ва тадбирҳои рушд додани бахшҳои мухталифи иқтисодиёт, минҷумла саноати кишвар ва унсурҳои рақобатпазир гардидани маҳсулоти он такомул дода шуда, коркарди онҳо ба самти самаранокӣ нигаронида шавад, ки дар навбати худ таҳияи барномаҳои буҷетии мушаххас ва ислоҳот дар бахши идораи давлатиро талаб мекунад.

Вобаста ба ин месазад қайд намоем, ки ба ҳайси яке аз омилҳои ба рушди бахши саноат таъсиррасон рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ баромад мекунад. Дар давраҳои муайяни солҳои охир дар рушди ҳаҷми масолеҳи саноатӣ тамоюли рушди бараълои он ба қайдгирифта шудааст (ҷадвали 2.1.5).

**Ҷадвали 2.1.5. – Динамикаи ҳаҷми содирот ва воридоти саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Сол | Маҳсулоти саноатӣ, млн. долл. ИМА* | Содирот | | Воридот | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | млн. долл. ИМА | нисбат ба маҳсулоти саноатӣ, % | млн. долл. ИМА | нисбат ба маҳсулоти саноатӣ, % |
| **2015** | 1117,9 | 890,6 | 79,7 | 3435,6 | 307,3 |
| **2016** | 1383,1 | 898,7 | 65,0 | 3031 | 219,1 |
| **2017** | 1835,8 | 1198 | 65,3 | 2724,9 | 148,4 |
| **2018** | 2190,1 | 1073,3 | 49,0 | 3151 | 143,9 |
| **2019** | 2531,0 | 1174,3 | 46,4 | 3349,3 | 132,3 |
| **2020** | 2831,3 | 1406,9 | 49,7 | 3150,9 | 111,3 |
| **2021** | 3559,0 | 2149,6 | 60,4 | 4209,5 | 118,3 |
| **2022** | 3943,6 | 2142,0 | 54,3 | 5167,5 | 131,0 |
| **2023** | 4294,9 | 2448,8 | 57,0 | 5889,0 | 137,1 |
| **2023/2015, маротиба** | **3,8** | **2,8** | **– 22,7 б.ф.** | **1,2** | **– 170,2 б.ф.** |
| *Тибқи қурби асъори Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи декабри соли 2024 ҳисоб карда шудааст | | | | | |

**Ҳисоби муаллиф аз рӯйи:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С.38–39.

Аз маълумотҳои ҷадвали 2.1.5 бармеояд, ки ҳаҷми содироти бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015–2023 2,8 маротиба

афзоиш ёфта, нисбат ба соли 2022 бошад ба миқдори 306,8 млн. долл. ИМА зиёд шудааст. Дар баробари афзоиши содирот ҳаҷми воридот низ 1,2 % афзун гардидааст. Боиси қайд аст, ки дар давраи таҳлилӣ ҳиссаи воридот дар маҳсулоти саноатӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2015 170,2 банди фоизӣ кам шудааст. Вале дар баробари ин, ҳаҷми содирот аз ду маротиба зиёд афзоиш ёфта бошад ҳам, ҳиссаи он дар соли 2023 нисбат ба маҳсулоти саноатӣ дар соли 2015 22,7 банди фоиз кам гардидааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар доираи коркарди стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди саноат ва ҳангоми таҳияи буҷети барномавиву ҳадафманди ба сатмҳои саноат равона гардида, бояд дар мадди аввал, диққат ба самти рушд додани содироти масолеҳи саноатӣ ва мураттаб сохтани барномаҳои ҳадафманди ба он нигаронидашуда дода шавад.

Бояд қайд намоем, ки вобаста ба тадбирҳои Ҳукумати кишвар оид ба рушд додани соҳаи саноати миллӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардидааст. Дар ин радиф бахши саноати кишвар мутаносибан тибқи ҳадафҳои вогузоштаи ҳукумати кишвар тамоюли афзоишёбиро касб намуда истода, тадриҷан барои расидан ба нишондиҳандаҳои рушди устувор майл мекунад. Чуноне, ки қайд мегардад: «Дар ин давра 1382 коргоҳу корхонаи саноатӣ бо таъсиси 15 ҳазор ҷойи кории нав сохта, мавриди истифода қарор дода шуд. Умуман, агар соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошта бошад, пас дар замони соҳибистиқлолӣ 2500 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардида, соли 2022–юм 2800 корхонаи саноатӣ бо 85 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият карда истодаанд. Танҳо соли 2022–юм беш аз 500 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бо 6 ҳазор ҷойи нави корӣ ба фаъолият оғоз карданд ва барои то 43 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 мусоидат намуданд» [103]. Агар ба маълумотҳои дар боло зикр гардида нигарем, пас муайян мегардад, ки баъд аз ба соҳибистиқлолӣ ноил гардидани

Ҷумҳурии Тоҷикистон фақат миқдори корхонаҳои саноатӣ 7,8 маротиба афзоиш гардида, дар ин замина афзоиш ёфтани ҷойҳои корӣ низ қобили қайд мебошад (ҷадвали 2.1.6).

**Ҷадвали 2.1.6.–Динамикаи нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 2015 | 2016 | 2018 | 2020 | 2022 | 2023 | 2023/2015,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯйи соҳаҳои саноат, адад** | | | | | | | |
| **Тамоми саноат** | **2310** | **2043** | **2161** | **2283** | **2802** | **3453** | **149,5** |
| Саноати истихроҷи маъдан | 214 | 232 | 249 | 264 | 303 | 315 | **147,2** |
| Саноати коркард | 2071 | 1772 | 1806 | 1846 | 2318 | 2954 | **142,6** |
| Истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ | 25 | 39 | 106 | 173 | 181 | 184 | **736,0** |
| **Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ дар соҳаҳои саноат, ҳаз. нафар** | | | | | | | |
| **Тамоми саноат** | **83,9** | **80,9** | **85,6** | **84,3** | **86,3** | **87,5** | **104,3** |
| Саноати истихроҷи маъдан | 8,7 | 9,7 | 10,2 | 12,6 | 12,8 | 13,1 | **150,6** |
| Саноати коркард | 57,5 | 57,6 | 56,5 | 59,3 | 60,1 | 60,2 | **104,7** |
| Истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ | 17,7 | 13,7 | 18,9 | 12,4 | 13,4 | 14,2 | **80,2** |
| **Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо, сомонӣ** | | | | | | | |
| **Ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ** | **878,9** | **962,2** | **1233,8** | **1393,8** | **1760,3** | **2013,1** | **229,0** |
| Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо | 1900,6 | 1988,92 | 2422 | 2546,6 | 3395,2 | 3646,9 | **191,9** |
| Саноати коркард | 962,8 | 1139,3 | 1460 | 1698,3 | 2208,1 | 2373,4 | **246,5** |
| Неруи барқ, газ ва таъминоти об | 1306,6 | 1378,9 | 1676,5 | 2299,9 | 3311,9 | 3636,2 | **278,3** |

**Ҳисоби муаллиф аз рӯйи:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С.19–22.; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С. 129–134.

Чи хеле ки маълумотҳои ҷадвали 2.1.6 нишон медиҳанд, дар давраи солҳои 2015–2023 шумораи корхонаҳои саноатӣ дар кишвар 49,5 % зиёд гардида, аз ин шумора миқдори корхонаҳои саноати истихроҷ 47,2% зиёд шудаанд, ки тафовути онҳо 101 ададро ташкил медиҳад. Аммо дар ҳамин

давра миқдори корхонаҳои бахши саноати коркард бошад 4,7% зиёд шудаанд. Афзоиши истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ бошад назаррас буда, зиёда аз 7,4 маротибаро ташкил додааст. Ин бо он алоқаманд аст, ки дар давраи солҳои 2015–2023 дар кишвар ва минтақаҳои он шумораи зиёди коргоҳҳои ба ин самт мутаалиқ буда ба фаъолият даровarda шуданд.

Аз ҷумла, ба кор даровардани марказҳои барқу гармидиҳии ш. Душанбе, ба истифода додани агрегатҳои НБО–и Роғун ва кушодани якчанд нерӯгоҳҳои хурду миёна дар дигар манотиқи кишвар ба афзоиши нишондиҳандаи мазкури бахши саноати кишвар мусоидат намуданд. Дар ин радиф афзоиши шумораи кормандони саноатию истеҳсолӣ низ 4,3 %–ро ташкил дода, аз ин шумор миқдори кормандони саноати истихроҷи маъдан 50,6 фисад зиёд шудаанд. Кормандони бахши саноати коркард ба миқдори 4,7 % зиёд шуда бошанд ҳам, аммо шумораи кормандони бахши истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ 19,8 банди фоизӣ кам шудаанд. Камшавии нишондиҳандаи мазкур ба оғози кори дастгоҳҳо ва марказҳо алоқамандӣ дорад, зеро баъд аз ба итмом расидани корҳои сохтмонӣ ва корҳои бандубастӣ кормандони кироя ва коргарони бахши сохтмон аз кор мураххас мегарданд. Ин нишондиҳандаҳо ба тавозуни буҷети корхонаҳо таъсир мерасонанд ва онҳоро ҳангоми ташаккули буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди соҳавӣ ба инобат гирифтан мувофиқ ба мақсад хоҳад буд. Тағйирёбии музди меҳнати кормандони бахши саноатӣ дар давраи солҳои 2015–2023 дар ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар маҷмуъ 2,3 маротиба афзун гардидааст.

Ҳамзамон бояд қайд намоем, ки дар баробари таҳаққуқи ба буҷаи давлат аз ҳисоби рушд кардани бахши саноатӣ ворид гардидани воситаҳо, бояд хароҷотҳои бахши буҷет ба бахши саноат низ мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор дода шаванд, зеро масъалаи баҳогузории самаранокии воситаҳои буҷет мураккаб буда, тақсимоти онҳо бояд чунон ба роҳ монда

шавад, ки ба ҳалли проблеммаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ муосидат кунанд (ҷадвали 2.1.7).

Маълумотҳои ҷадвали 2.1.7 инъикосгари ҳолати кунуние мебошанд, ки инъикоси афзоиши хароҷотҳои буҷети давлатӣ дар бахши саноат дар давраи солҳои мавриди таҳлил қарор гирифтаро (давраи солҳои 2015 то 2023) нишон медиҳанд. Дар ин давра аз ҷумла афзоиши маҷмӯии он 3,9 маротибаро ташкил додааст, ки ба саҳми муҷтамаъҳои сӯзишворию энергетикӣ қариб 4,3 маротиба рост омада, дар бахши истихроҷу коркарди канданиҳои фоиданок, саноати истеҳсоли маъдани кӯҳӣ, сохтмон бошад, афзоиши 97,3 % ё ки қариб 2 маротибаро касб намуда аст ва албатта ин нишондиҳандаҳо инъикосгари саҳми назарраси хароҷотҳои давлатӣ дар бахши саноат мебошанд. Вале сохтори давравии хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба бахши саноати кишвар дар давраҳои мавриди таҳлил қароргирифта мутафовит мебошанд.

**Ҷадвали 2.1.7. – Хароҷотҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаҳои саноат, млн. сомонӣ**

| Солҳо | Ҳамагӣ дар бахши саноат | Комплекси сӯзишворӣ–энергетикӣ | Истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, саноати истеҳсоли маъдани куҳӣ, сохтмон |
|---|---|---|---|
| **2015** | 2253,3 | 2016,1 | 237,3 |
| **2016** | 4316,0 | 4099,0 | 217,0 |
| **2017** | 7085,2 | 6897,5 | 187,8 |
| **2018** | 7530,8 | 7343,0 | 187,8 |
| **2019** | 5271,4 | 5073,4 | 198,0 |
| **2020** | 4830,7 | 4654,4 | 176,3 |
| **2021** | 4659,0 | 4413,1 | 245,9 |
| **2022** | 7190,1 | 6900,1 | 290,0 |
| **2023** | 8834,1 | 8365,9 | 468,3 |
| **2023/2015,%** | **392,1** | **415,0** | **197,3** |

**Ҳисоби муаллиф аз рӯйи:** Молияи Тоҷикистон: 30 – соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.46–49; Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С.19–22.

Ҳамин тариқ агар ба тамоюли рушди хароҷотҳои буҷети давлатӣ дар бахшҳои саноат нигоҳ кунем, маълум мегардад, ки баъд аз соли 2018 ин тамоюл дар се соли баъдӣ тамоюли камшавӣ дошта, аз соли 2022 рӯй ба

афзоиш оварда аст. Аз як тараф кам гардидани хароҷотҳои буҷет бахши саноатро водор месозад, ки ба худмаблағгузорӣ таваҷҷуҳи бештар намояд, аз тарафи дигар бошад, ба самараи назорати давлатӣ аз болои ин соҳа ва таъмини равандҳои ба барномаҳои ҳадафманди ин соҳа алоқамандбуда таъсир хоҳад расонид.

Ҳамин тавр бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори хуби соҳавӣ дошта, устуворона рушд намудани он омили калидии рушди устувори буҷети давлатӣ шуда метавонад. Дар навбати худ барои рушди бахшҳои мухталифи саноат маблағгузориҳои буҷетӣ аҳаммияти хос доранд, ки миқдори онҳо дар буҷаи давлатӣ маҳдуд буда, тақсимоти онҳо ба таври максималӣ муносибати ҷиддиро талаб мекунад то ҳангоми амалишавӣ онҳо фарогири шарту шароити тамоми объектҳои раванди буҷетикунонӣ шуда тавонанд. Ташаккул ва амалӣ намудани барномаҳои ҳадафманди буҷетӣ ба хубӣ метавонад ба ин раванд муосидат кунад. Аз тарафи дигар механизми такомулёфтаи баҳогузории самаранокии маблағгузориҳои буҷетӣ дар бахши саноат то ҳанӯз дар кишвар мавриди татбиқи умумӣ ва пазируфташуда қарор гирифта нашуда боқӣ монда, дар ин самт печидагиҳо ва мураккабият то ба ҳол  ҳувайдо мебошанд. Ҳанӯз дар коргузорӣ, истифодаи усулҳо, барассмиятдарорӣ, баҳогузорӣ ва назорат сабку услубҳои нисбатан куҳна (замони шӯравӣ) мушоҳида мешаванд. Дар ҳоле, ки дар ҷаҳони муосир механимзмҳои пешрафта ва шаффофи ин раванд кайҳо дар амал татбиқ шудаанд ва эътирофи умумро соҳиб гаштаанд. Дар бахшҳои оянда ба ин мавзуъ равшанӣ хоҳем андохт.

## 2.2. Баҳогузории самаранокии буҷетикунонии рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тағйиротҳо ва тамоюлҳое, ки солҳои охир дар иқтисодиёти муосир ба вуҷуд меоянд, ба фаъолияти корхонаҳои соҳаҳои гуногун, аз ҷумла ба корхонаҳои бахши саноат таъсири мухталиф расонида истодаанд.

Ҳарчанд мушкилоти истеҳсолоти инноватсионӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти он, фарсудашавии фондҳои асосӣ, камчинии воситаҳои сармоягузорӣ аллакай чандин сол вуҷуд дошта бошанд ҳам, ба замми онҳо инчунин масоиле изофа гардидааст, ки мушкилоти дохиливу хориҷиро барои корхонаҳои саноатӣ эҷод намуда аст. Сабаби асосии зуҳуроти чунин мушкилот дар тағйирёбии вазъи иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсии баъзе кишварҳои пасошуравӣ таҷассум мегардад (масалан, мунокишаҳои байни Федератсияи Россия ва Украина, вазъи ноороми Шарқи Наздик, мунокишаҳои марзии Тоҷикистон бо Қирғизистон), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бештари ин кишварҳо ҳамкориҳои зичро ба роҳ мондааст. Ҳамаи ин, корхонаҳои бахши саноатро водор месозад, ки дар муддатҳои кӯтоҳтарин ба истеҳсолоти нави маҳсулоти саноатӣ шуруъ намуда, аз унсурҳои инноватсионии истеҳсолот ба таври фаъол истифода кунанд. Муҳимтар аз ин он аст, ки дар ин равандҳои печутобдор бозори чунин кишварҳо аз баъзе масолеҳ холӣ мемонад ва масъалаи пур кардани он ба миён меояд. Ин аз корхонаҳои ватанӣ тақозо мекунад, ки барои пурра гардонидани ҷойи холии бамиёномада мустақилона ташаббус намоянд ва дар навбати худ барои амалӣ шудани он маблағгузориҳои иловагӣ талаб карда мешаванд.

Солҳои аввали соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштан аз иқтисодиёти маъмурии аз Шуравӣ меросмонда ба иқтисодиёти бозорӣ зуҳур кард, ки дар он давра иқтисодиёти кишвар ба буҳронҳои шадид бархурдор гардида буд. Таъсири буҳронҳои ҳамонвақта ба буҷети давлатӣ назаррас буд, чун пояи моддии даромади буҷет бо дарназардошти ҷамъ нагардидани андозҳо ва даромади бахшҳои саноат коста гардида буд. Аз тарафи дигар аз кор бозмондани корхонаҳои саноатӣ, тороҷ гардидани онҳо, бо арзишҳои ночиз ба фуруш рафтани баъзе коргоҳҳо ва хусусигардонии моликият зуҳур карда, ба пояи даромади буҷети давлатӣ зарба мезаданд. Дар натиҷа аз соли 1991

инҷониб ҳаҷми фурӯши масолеҳи саноатӣ коста гашта, даромади буҷет низ кам гардида, солҳои 1993–1995 қариб бештари корхонаҳои саноатӣ аз фаъолият монда буданд.

Тибқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1991 шумораи корхонаҳои саноатии кишвар 2308 ададро ташкил медод ва дар соли 1995 шумораи онҳо ба 1129 адад коҳиш ёфта, то соли 2014 ба шумораи соли 1991 баробар нашуда, соли 2015 шумораи корхонаҳои саноатии кишвар аз нишондиҳандаи соли 1991 баланд гардид (2310 адад корхонаи саноатӣ дар ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудааст) [120, С. 8-24]. Омили аслии пастравии фаъолияти бахши саноати кишвар муноқишаҳои дохилӣ ба ҳисоб меравaнд, ки дар соли 1995 авҷ гирифта, ба тамоман ба сохтори буҷет зарбаи сахт расонид.

Ҳарчанд аз ҷониби ҳокимияти вақт барои кам намудани ноқисӣ дар буҷет тадбирҳое чун камтарин намудани хароҷотҳои давлативу дигар хароҷотҳо ба роҳ монда шуда бошанд ҳам, аммо дар маҷмуъ таъсири омилҳо тавсифи комплексиро ба худ гирифта буданд. Яъне ба мушкилоти мавҷудбудаи рақобатнопазирии маҳсулот, фарсудашавии воситаҳои асосӣ, норасогии маблағгузориҳо ва дигарҳо инчунин проблемаҳои камчинии маҳсулот дар бозор ба миён омада буд. Дар натиҷаи таъсири омилҳои бавуҷудомада сатҳи истеҳсолоти саноатӣ паст гардида, даромади буҷети давлатӣ аз соҳаи мазкур коста гардид.

Айни замон низ нобаробариҳо ва мушкилоти соҳавӣ, чи дар бахши сисетмаи саноат ва чи дар ташаккули сиёсати саноатӣ мавҷуд мебошанд, ки ёфтани роҳҳои бартарафсозии онҳо ва самаранок гардонидани равандҳои истеҳсоливу тиҷоратии бахши мазкурро талаб мекунанд. Талаботи мазкур дар назди ҳукумати кишвар ва доираҳои илмиву–банақшагирӣ масъалаи ворид сохтани ислоҳот дар бахшҳои саноат ва системаи сиёсати саноати миллиро вогузор мекунад. Маҳз давлат тавони ин ҳама масоилро ҳал намудан ва дар заминаи мавҷудияти молиявии худ,

бо ҳамгироии захираҳои кадриву мақомотҳои ваколатдори хеш ба рушди соҳаҳои саноатӣ мусоидат намуданро доро мебошад. Дар ин раванд масоили фарохи омодасозии инфрасохтори саноатӣ ва ҳалли масоили васеи бахши омодасозии бинову таҷҳизот ва дигар мушкилоти соҳа тавассути захираҳои молиявии давлат имконпазир мегардад. Аммо бояд зикр намуд, ки танҳо мавҷудияти захираҳои молиявӣ агарчанде тавсифи заруриятнокӣ дошта бошанд ҳам, вале бе назардошти то чи андоза, дар доираи ин ё он лоиҳа, самаранок истифода ва татбиқ мешаванд, муҳимтар мебошад.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди бахши саноат дар доираи якчанд санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва барномаҳову консепсияҳое, ки тавассути онҳо равандҳои фаъолият ва идоракунии ба соҳаи саноат мутааллиқбуда ба низом даровварда мешаванд, мавриди коркард ва татбиқ қарор гирифтааст. Дар ин замина санади асосие, ки бештар ба муҳтавои он такя карда мешавад ин «Стратегии миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мебошад, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.12.2016 №636 тасдиқ ва қабул гардидааст. Баъдан дар пояи ноил гардидан ба ҳадафҳои дар ин санад зикр гардида, аз ҷониби Ҳукумати кишвар бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16.06.2021 таҳти № 441 «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» қабул гардид, ки дар он тадбирҳои превентивӣ, индустриалӣ, инноватсионӣ – рушди устувор ва муаммоҳои нав пешниҳод гардидаанд. Ғайр аз ин дар кишвар «Консепсияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 4 декабри соли 2003, № 523) низ мавриди истифода қарор гирифта шудааст. Мақсади асосии дар барномаҳои зикргардида ироашуда, дар таҷассуми ташаккули саноати устувор ва истеҳсолкунандаи маҳсулоти рақобатпазири бозоргир ифода меёбад, ки битавонад самаранокона ва устуворона рушд намуда, дар доираи татбиқи

ҳадафҳои иқтисодиву сиёсии давлат ба ҳалли масоили калидии кишвар, дар радифи таъмини озуқаворӣ, истеҳсоли масолеҳи саноатии пешрафта, ташаккули бозори маҳсулоти инноватсионӣ замина гузорад. Чун заминагузорие дар чунин навъ метавонад такони ҷиддие ба рушди маҷмуавии иқтисодиёти миллӣ бирасонад.

Қобили қайд аст, ки низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои принсипҳои махсуси ба худ хос мебошад, ки аз ҷумла «Принсипи самаранок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ маънои таҳия ва иҷрои буҷетро бо назардошти зарурати расидан ба натиҷаҳои беҳтарин ҳангоми истифодабарии ҳаҷми тасдиқшудаи маблағҳои буҷетӣ ё расидан ба натиҷаҳои гузошташуда бо истифода аз ҳаҷми камтарини маблағҳои буҷетиро дошта, принсипи натиҷанокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ маънои самт ва истифодабарии маблағҳои буҷетиро барои расидан ба натиҷаҳои пешакии муайянгардида ва нишондиҳандаҳои дахлдори миқдорӣ ва сифатӣ дорад» [158, С. 19].

Бояд зикр намоем, ки амалишавии принсипи самаранокии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон вобаста ба талаботҳои меъёрии аз ҷанбаҳои буҷетикунонии лоиҳавиву ҳадафманд берун меомада, бо норасогиҳои соҳавӣ дучор омада аст. Дар заминаи ин ё он барномаи давлатие, ки маблағҳои буҷетӣ ба он масраф мешаванд, вобаста ба ҳадафҳои онҳо ва тибқи қонунгузории буҷетӣ, диққат ба нигоҳ доштани таносуби натиҷаҳои бадастомада ва хароҷотҳои онҳо дода мешавад. Чи хеле ки Ф.Ш. Беков ва Ф.Ф. Одинаев иброз медоранд «Дар шароитҳои муосир вобаста ба хусусиятҳои хоси системаи молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти ҳалношудаи механизми баланд бардоштани самаранокии истифодаи воситаҳои буҷетӣ ҷой доранд. Айни замон роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷории мукаммалгардонии самаранокии механизмҳои истифодаи воситаҳои буҷети давлатӣ, беҳтаргардонии идоракунии низоми хароҷотҳо бо дарназародошти таҷрибаи кофии

хориҷӣ ва моделсозии риёзии равандҳои буҷетӣ ба таври кифоя асоснок карда нашудаанд» [20, С. 335].

Ҳамин тавр бояд дар назар дошт, ки вазъияти мазкур метавонад омили камтаъсир гардидани алоқамандиҳои чорабиниҳо ва тадбирҳое гардад, ки ҳангоми қабули қарорҳои барномаҳои буҷетӣ ва принсипи маблағгузории хароҷотҳои буҷет, ки принсипи асосӣ ба ҳисоб меравад, татбиқ мешаванд. Дар натиҷаи ба вуқуъ омадани чунин авзоъ ва дар ҳолати кам шудани масрафи воситаҳо ба барномаҳои давлатӣ, кам гардидани маблағгузориҳои буҷетӣ ба қисматҳои алоҳидаи бандҳои барнома ва ё тамоман маблағгузорӣ нашудани онҳо ба миён омаданаш мумкин аст, ки ин омил метавонад ба самаранокии амалишавии лоиҳаҳо ва ноил гардидан ба ҳадафҳои дар доираи барномаи гузошташуда таъсири манфӣ расонад. Дар ин замина, ҳангоми коркарди лоиҳаҳои буҷетикунонии ҳадафманд, талаботи баҳогузорӣ намудани онҳо бамаротиб зиёд мегардад ва омили мукаммал гардонидани механизмҳои ба баҳогузорӣ вобастабударо ба миён меорад.

Дар доираи таҳлил ва баррасии таҳқиқотҳои иқтисодӣ, адабиёт ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ва санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф мекунад), муайян гардид, ки тавсияҳои методии сершуморе оид ба баҳогузории самаранокии лоиҳаҳои буҷетӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд ва дар маҷмуъ аз муҳтавои онҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки нишондиҳандаи асосии самаранокии лоиҳаи буҷетӣ – ин даромади пулии софи буҷет мебошад, ки дар асоси фарқияти дисконтиронии даромад ва хароҷотҳои буҷет муайян карда мешавад. Ҳамчунин меъёри даромади дохилӣ ва индекси даромаднокии буҷет дар давраҳои муайян низ ба инобат гирифта мешаванд [ниг. масалан ба: 39; 68; 71; 72; 87; 106; 139; 168; 175].

Ҳамин тавр, натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашударо ба инобат гирифта, метавон чунин хулоса баровард, ки дар навбати аввал самаранокии буҷети лоиҳавӣ пеш аз ҳама ин таъсири бевоситаи натиҷаи лоиҳаи маблағгузоришуда ба даромад ва хароҷоти буҷет мебошад, ки дар афзоиши даромади буҷети лоиҳавӣ ва кам шудани хароҷотҳои он дар давраи муайяни вақт инъикос гардида, ҳамчун нишондиҳандае ба ҳисоб меравад, ки таносуби даромади буҷети лоиҳа нисбат ба хароҷоти онро инъикос менамояд. Дар навбати дуюм самаранокии буҷети лоиҳавӣ бояд бо мақсади камхарҷ гардонидани воситаҳои буҷетӣ ва мусоидат намудан ба воридоти иловагӣ ба буҷет, дар ифодаи мутлақ тағйир ёбад. Аммо бояд дар назар дошт, ки ҳамаи авомили зикргардида бидуни дастгирии давлатӣ амалӣ намешаванд ва иштироки бевоситаи мақомотҳои давлатӣ дар раванди таҳияи буҷети лоиҳавӣ ва коркарди методикаи ҳисоби самаранокии буҷети лоиҳавиву ҳадафманд зарур мебошад.

Ҳамин тариқ аз нигоҳи мо нишондиҳандаи асосие, ки барои асоснок гардидани маблағгузориҳо ба лоиҳаи ҳадафманд истифода бояд шавад, «самаранокии лоиҳаи буҷетӣ» буда, ҳангоми ба ҳисоб гирифтани он пеш аз ҳама фарқияти даромаду хароҷоти буҷет бо дарназардошти дисконтиронишавии ин нишондиҳанда бояд ҳисоб карда шавад. Дар ин маврид самаранокии лоиҳаи буҷетӣ бо фарқи воситаҳои имконпазири маблағгузориҳои давлатӣ аз даромадҳои андозии (ҳатмӣ) солҳои муайян ва афзоиши он ба қиммати дисконтиии маблағҳои лоиҳа ҳисоб карда мешавад, ки таснифи он чунин шаклро мегирад:

$СЛ_б = \sum (ДА_t – ВИМД_t) * Қ_д$

дар ин ҷо:

$СЛ_б$ – самаранокии лоиҳаи буҷетӣ;

$ДА_t$ – даромадҳои андозии солҳои муайяни t;

$ВИМД_t$ – воситаҳои имконпазири маблағгузориҳои давлатӣ дар давраи солҳои муайяни t;

$Қ_д$ – қиммати дисконтиронии лоиҳаи маблағгузоришуда.

Дар ин вазъият қиммати самараи лоиҳаи буҷетӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаи маблағгузоримешуда бояд манфӣ набошад, то лоиҳа мақбул дониста шавад.

Нишондиҳандаи дигари аслие, ки барои лоиҳаи буҷетӣ бояд ба ҳисоб гирифта шавад «индекси самаранокии лоиҳаи буҷетӣ» ($И_{сл}$) мебошад ва он тариқи муайян гардидани нисбати маҷмуи даромадҳои ҳатмӣ ба воситаҳои имконпазири маблағгузориҳои давлатӣ ҳисоб карда шуда, шакли зеринро мегирад:

$$И_{сл}=\sum (ДА_t *Қ_д) / (\sum ВИМД_t* Қ_д)$$

Қиммати индекси самаранокии лоиҳаи буҷетӣ бояд аз воҳид баланд бошад, то лоиҳа самаранок ба ҳисоб равад.

Ғайр аз индекси самаранокии лоиҳа инчунин «индекси даромаднокии лоиҳаи буҷетӣ» ҳисоб карда мешавад, ки он аз нисбати самаранокии лоиҳаи буҷетӣ ба маҷмуи даромадҳои ҳатмӣ ба воситаҳои имконпазири маблағгузориҳои давлатӣ иборат буда, тавсифи он чунин шакл дорад:

$$И_{сл}= СЛ_б / (\sum ВИМД_t* Қ_д)$$

Бояд тазаккур дод, ки дар давраҳои муайян аз буҷети давлатӣ тавассути маблағгузориҳои ҷудогона, аз ҷумла аз буҷетҳои маҳаллӣ ба лоиҳаҳои гуногун маблағҳои муайян масраф мегарданд. (ҷадвали 2.2.1).

Аз маълумотҳои дар ҷадвали 2.2.1 инъикосгардида бармеояд, ки дар давраи солҳои 2015–2023 ҳаҷми даромади умумии буҷети маҳаллӣ (бо дарназардошти иловаи грантҳо) 2,2 маротиба афзун гардида, дар соли 2023 таносуби он 5780227 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дар ин радиф даромад аз ҳисоби андозҳои буҷети маҳаллӣ 2,1 маротиба афзоиш ёфта, ҳаҷми воқеии афзоиши он дар соли 2023 нисбат ба соли 2015 4816632,9 ҳазор сомонӣ мебошад. Воридоти ғайриандозӣ бошад, дар давраи

таҳлилӣ зиёда аз ду маротиба афзун гардида, дар соли 2023 он 47362,2 ҳазор сомониро ташкил додааст.

**Ҷадвали 2.2.1.–Буҷети тасдиқшудаи маҳаллӣ барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҳазор сомонӣ**

| Давраҳо | Даромади умумӣ | Даромади умумӣ | | Хароҷотҳо ба лоиҳаҳои саноатӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | андозӣ | ғайриандозӣ | |
| **2015** | 4763714,2 | 3651817 | 62523,3 | 57091,4 |
| **2016** | 5369350,2 | 4085676 | 66965,2 | 85543,1 |
| **2017** | 5725853,1 | 4445076 | 88801,2 | 9760 |
| **2018** | 6384633,2 | 4874722 | 5353,2 | 12569 |
| **2019** | 6924017,5 | 5698543 | 104629,0 | 31409,2 |
| **2020** | 7197272,5 | 5802037 | 87644,1 | 27918,1 |
| **2021** | 8463606,1 | 6824885 | 35805,2 | 53633,4 |
| **2022** | 9247766,2 | 7635854 | 137199,4 | 57230,9 |
| **2023** | 10543941,2 | 8468449,9 | 109885,5 | 36477,1 |
| **2023/2015, %** | **221,3** | **231,9** | **175,8** | **63,9** |

**Ҳисоби муаллиф тибқи:** Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, АОНПЧТ, 2024. – С. 57–66.

Аммо дар баробари ҳамаи ин хароҷотҳо ба бахши соҳаҳои саноат (ҳамҷоя бо сохтмон) дар давраи солҳои 2015–2022 анқариб бетағйир боқӣ монда, дар соли 2023 ба миқдори 36,1 банди фоизӣ кам шуда аст. Гузашта аз ин маълумотҳои омории дар ҷадвал инъикосгардида нишон медиҳанд, ки дар баъзе давраҳо маблағгузориҳо ба ин бахш динамикаи манфӣ доранд. Масалан нишондиҳандаи солҳои 2017–2020 дар ин раддабандӣ аз ду маротиба зиёд кам гаштаанд ва ҳатто нишондиҳандаи соли 2022 нисбат ба нишондиҳандаи соли 2016 ба миқдори 49,5 % камтар буда, дар соли 2023 боз ҳам кам шудаанд.

Ҳамин тавр, агар ба ҳиссаи хароҷотҳо ба лоиҳаҳои бахши саноатӣ назар афканем (расми 2.2.1), онгоҳ маълум мешавад, ки хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ барои лоиҳаҳои саноатӣ дар давраи солҳои 2015–2023 тамоюли мутавофит доранд. Аз ҳама ҳиссаи баланди хароҷотҳои буҷет дар соли 2016 ба назар мерасад, ки дар ин нуқта ҳиссаи хароҷот нисбат ба даромадҳои андозӣ 2,1 фисад буда, ҳиссаи хароҷотҳо нисбат ба даромади умумӣ 1,6 фисадро ташкил додааст. Дар соли 2017 нишондиҳандаи мазкур

якбора паст гардида, тадриҷан дар солҳои баъдина тамоюли афзуншавиро касб намудааст. Ҳиссаи хароҷотҳо нисбат ба даромадҳои андозӣ дар соли 2021 нисбатан ба як наздик гардида (0,8), аммо соли 2022 бошад, ба як воҳид кам шудааст (0,7). Ҳиссаи хароҷотҳо нисбат ба даромадҳои умумӣ бошад, дар соли 2021 0,6 фисадро ташкил намуда, соли 2022 бетағйир боқӣ мондааст.




**Расми 2.2.1. - Динамикаи ҳисаи хароҷотҳои лоиҳаҳои саноатӣ аз буҷети маҳалӣ дар даварҳои солҳои 2015–2023**

**Сарчашма:** коркарди муаллиф

Афзоиши ҳиссаи хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ нисбат ба даромадҳои умумӣ ва даромадҳои андозӣ дар солҳои 2015–2016 ва баъдан дар соли 2017 якбора 9,5 фисад кам гардиданашон пеш аз ҳама дар кам шудани шумораи корхонаҳои саноатӣ дар кишвар таҷассум мегардад, ки дар ин бора дар боло (параграфи 2.1) таҳлилҳо оварда шудаанд.

Чи хеле ки арз гардида буд, тамоюли тағйирёбии буҷети маҳаллӣ аз динамикаи тағйирёбии буҷети давлатӣ (ҷумҳуриявӣ) вобаста буда, таҳлили тамоюлҳои он нишон медиҳад, ки буҷети далатӣ дар давраи солҳои 2015–2023 афзоиши нисбӣ дорад. Бояд тазаккур дод, ки тамоюли тағйирёбии динамикаи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши мусбат дошта, ин раванд пеш аз ҳама бо татбиқи самтҳои асосии стратегии рушди

иқтисодиёти миллӣ ва бахшҳои мухталифи он аз қабили саноат, кишоварзӣ, сайёҳӣ, тиҷорат ва равандҳои рақамикунонии бахшҳои мухталифи иқтисодиёт вобастагӣ дорад (ҷадвали 2.2.2.), ки он ба ҷараёни ташаккули лоиҳаҳои буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд таъсир мерасонад.

**Ҷадвали 2.2.2.–Динамикаи буҷети ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраи солҳои 2015–2023, млн. сомонӣ**

| Давраҳо | Ҳаҷми умумӣ | ДАРОМАД | | | | ХАРОҶОТ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | умумӣ | андозӣ | ғайри-андозӣ | сармояву грантҳо | умумӣ | бахши саноат |
| **2015** | 15724,3 | 12447,7 | 11329,1 | 1018,6 | 100 | 17054,2 | 237,3 |
| **2016** | 18777,9 | 13553,6 | 12150,5 | 1055,1 | 348 | 20234,0 | 217,0 |
| **2017** | 20772,6 | 14804,0 | 13296,1 | 1141,4 | 366,4 | 25425,1 | 187,8 |
| **2018** | 22850,5 | 16963,6 | 14740,2 | 1818,4 | 1159,2 | 26755,0 | 187,8 |
| **2019** | 23929,1 | 17934,6 | 16121,5 | 1813,0 | 618,5 | 26062,2 | 198,0 |
| **2020** | 24709,8 | 18507,0 | 15548,6 | 1728,4 | 1765,6 | 27382,6 | 176,3 |
| **2021** | 28595,2 | 20550,6 | 18818,7 | 1431,9 | 317,1 | 30454,7 | 245,9 |
| **2022** | 34775,1 | 23822,0 | 20490,7 | 2042,8 | 1853,5 | 37603,4 | 290,0 |
| **2023** | 41715,9 | 26674,2 | 24180,0 | 1907,0 | 794,3 | 44357,7 | 468,3 |
| **2023/2015, %** | **265,3** | **214,3** | **213,4** | **187,2** | **794,3** | **260,1** | **197,3** |

**Ҳисоби муаллиф тибқи:** Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, АОНПҶТ, 2024. – С. 12–22.

Маълумотҳои ҷадвали 2.2.2 далолат ба он медиҳанд, ки дар давраи солҳои 2015–2023 ҳаҷми афзоиши умумии буҷети ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,7 маротибаро ташкил дода, дар ин раванд тафовути он 25991,6 млн. сомонӣ мебошад. Даромади умумии буҷети ҷумҳуриявӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2015 ба миқдори 2,1 маротиба зиёд гардида, аз ин шумора ҳаҷми афзоиши даромадҳои андозӣ зиёла аз 2 маротиба, даромадҳои ғайриандозӣ бошанд дар соли 2022 зиёда аз 2 маротиба ва дар соли 2023 87,2 %-ро ташкил додаанд. Дар баробари ин афзоиши хароҷотҳои буҷети ҷумҳурявӣ низ тамоюли мусбат дошта, дар соли 2023 ҳиссаи афзоиши он 2,7 маротибаро ташкил медиҳад. Аммо чи хеле ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеояд афзоиши хароҷотҳо ба бахши саноатӣ дар буҷети ҷумҳуриявӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2015 22,2 %–ро ташкил дода, соли 2023 бошад, нисбат ба давраи ибтидоӣ ба миқдори 97,3 % зиёд шуда аст.

Агар ба сатҳи сохтори ташаккули буҷети умумӣ назора намоем, пас маълум мегардад, ки ҳиссаи буҷетҳои маҳалливу ҷумҳуриявӣ дар ин таркиб динамикаи мусбати мутаввасит дорад ва дар таркибёбии буҷети давлатӣ даромаду хароҷотҳои онҳо назаррас мебошад (ҷадвали 2.2.3).

**Ҷадвали 2.2.3.–Динамикаи сохтори ташаккули даромад ва тақсимоти хароҷоти буҷети давлатӣ аз рӯйи сатҳи низоми буҷетӣ барои солҳои 2015–2023 бо фоиз**

| Давраҳо | БУҶЕТИ ҶУМҲУРИЯВӢ БА ҲИСОБИ ФОИЗ АЗ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ | | | БУҶЕТИ МАҲАЛЛӢ БА ҲИСОБИ ФОИЗ АЗ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Даромадҳои умумӣ ва грантҳо | Хароҷотҳо | | Даромадҳои умумӣ ва грантҳо | Хароҷотҳо | |
| | | Умумӣ | Бахши саноат | | Умумӣ | Бахши саноат |
| **2015** | 57,8 | 44,3 | 32,5 | 39,2 | 27,8 | 14,0 |
| **2016** | 56,9 | 41,3 | 55,1 | 41,9 | 27,8 | 42,8 |
| **2017** | 57,8 | 52,0 | 83,0 | 40,2 | 26,8 | 6,2 |
| **2018** | 59,6 | 48,4 | 94,2 | 38,7 | 26,9 | 8,9 |
| **2019** | 57,3 | 45,2 | 86,8 | 39,3 | 29,6 | 16,0 |
| **2020** | 57,8 | 46,4 | 87,1 | 39,9 | 30,1 | 16,0 |
| **2021** | 56,3 | 42,2 | 81,0 | 41,4 | 31,1 | 21,2 |
| **2022** | 60,7 | 45,2 | 81,4 | 37,7 | 26,1 | 19,8 |
| **2023** | 51,5 | 43,3 | 93,0 | 31,2 | 24,7 | 7,8 |

**Ҳисоби муаллиф тибқи:** Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, АОНПЧТ, 2024. – С. 27–36.

Маълумотҳои ҷадвали 2.2.3 таҷассумгари бозтоби даромади мутавассити буҷети ҷумҳуриявӣ буда, дар ниҳоят нишон медиҳанд, ки хароҷотҳои умумӣ низ динамикаи устувор доранд. Аммо ҳиссаи фоизи даромадҳои буҷети маҳаллӣ нисбатан номутавозин буда, хароҷотҳои бахши саноат дар он нисбат ба хароҷотҳои умумиаш низ номутавозин мебошанд. Агар шарти асосии пайдо намудани роҳҳои дурусти ҳалли масоили гуногуни ба бахши саноат аз ҷониби давлат чи дар таҷдидсозӣ ва чи дар ташаккули субъекти фаъолияти саноатӣ ин мавҷудияти захираҳои молиявӣ бошад ҳам, аммо танҳо он наметавонад кафили устувор гардидани раванди тамоми фаъолият гардад. Чун кафолати дуруст ва мақсаднок истифода шудани захираҳои молиявии аз буҷет масрафмегардида низ шарти зарурӣ ва кифоягӣ мебошад. Аз ин лиҳоз то чи андоза самаранок истифода шудани онҳо дар доираи лоиҳаҳои

мушаххас ва барномаи давлатии буҷетикунонии ҳадафмандонаи бахши саноат аосноктар мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон санади меъёриву ҳуқуқии равандҳои тақсимот ва банақшагирии буҷетро идоракунанда – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Тибқи муҳтавои он «Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои ташкилии идоракунии молияи давлатӣ, ба низом даровардани буҷет ва гурӯҳбандии он, таҳия, ташаккул, тақсимот ва истифодаи маблағҳои марказонидашудаи пулиро муайян, муносибатҳои молиявии байнибуҷетиро танзим намуда, мавқеи мақомоти ҳокимият, идоракунии давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин дигар иштирокчиёни раванди буҷетиро дар таҳия ва баррасии лоиҳаҳои буҷетҳо, таҳияву тасдиқи ҳисобот ва назорати иҷрои онҳоро муқаррар менамояд» [72].

Дар баробари муайян намудани асосҳои ҳуқуқии созмон ва ташаккули принсипҳои аслии идора ва танзими молияи давлатӣ ва системаи буҷетӣ, қонуни мазкур равандҳои таснифоти буҷет ва лоиҳаҳои буҷетӣ ва тақсимоти маблағҳои марказонидашударо ба танзим даровардa, мақому мартаба ва функсияҳои ниҳодҳои зарурӣ вобаста ба иҷроиши онҳоро муайян мекунад, ки ниҳоди аслӣ дар ин раванд Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Вобаста ба иҷрои бандҳои қонуни мазкур ва бардошти самараи иқтисодӣ аз он дар навбати худ аз ҷониби Вазорати молияи кишвар як қатор санадҳои зарурӣ қабул ва татбиқ гардида истодаанд, ки мисоли мушахасси онҳо дастурамал оид ба «Таснифоти даромаду хароҷотҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дастурамал оид ба «Таҳияи лоиҳаҳои буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои муайян)» мебошанд, ки асоси заминаи татбиқи онҳоро қонунҳо ва стратегияҳои давлатӣ ташкил медиҳанд. Дастурамалҳои мавриди татбиқ қароргирифта

пеш аз ҳама барои ба танзим даровардани равандҳои таснифоти иқтисодӣ ва функсионалии даромаду хароҷотҳои буҷети давлатӣ равона гардидаанд. Бояд тазаккур дод, ки вобаста ба татбиқи равандҳои ба сиёсати буҷетии кишвар мутобиқбуда ҳамасола аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоишот ва таъйиноти мушаххас оид ба муайян сохтани мақому ухдадориҳои иштирокчиёни раванд (Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои дахлдор) қабул карда мешавад.

Дар раванди банақшагирии буҷет тавсияҳо ва ё худ «дастурамалҳо» нақши муассир мебозанд. Масалан тадриҷан аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду дастурамали ба буҷет мутаалиқбуда коркард карда мешавад, ки таввассути онҳо давраҳои хоси банақшагирии буҷети давлатӣ танзим карда мешавад. Дар давраи аввал аз ҷониби вазорат дастурамале, коркард карда мешавад, ки нишондиҳандаҳои буҷет барои се соли оянда муайян карда мешаванд, ки фарогири самтҳои асосии сиёсати молиявию андозии ин давраҳо мебошад.

Давраи дуюм бошад фарогири як соли ташкили буҷет буда, дар он ташкили буҷет барои як соли оянда ва нишондиҳандаҳо барои ду соли боқимонда пешгӯӣ карда мешаванд. Дар доираи дастурамали дар ин давра коркардмешуда лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои муайян тартиб дода мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки вобаста ба татбиқи принсипи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастурамалҳое мавриди коркард қарор гирифта шудаанд, ки дар марҳилаи аввал – ин дастурамале мебошад, ки тавассути он татбиқи таснифоти буҷети барномавӣ дар вазоратҳои пешсаф ва аҳаммияти хосдошта истифода мешавад. Ин дастурамал татбиқи равиши барномавӣ дар якчанд вазоратҳоро дар мегирад, ки онҳо тибқи қонуни ҳамасолина

дар бораи буҷети давлатӣ, истифодакунандагони асосии воситаҳои буҷетӣ мебошанд.

Дар навбати дуюм дастурамали муайянкунандаи нишондиҳандаҳои буҷети барномавӣ коркард карда шудааст, ки тавассути он Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои вобаста ба барномаро муайян намуда, ҳар кадоми онро шарҳ медиҳад ва тибқи онҳо равандҳои таҳлили маълумотҳоро муайян месозад.

Маврид ба зикр аст, ки дар раванди татбиқи буҷети лоиҳавӣ дар доираи барномаҳои бахши саноатӣ «Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [ ниг. ба 130] ва фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи нақшаи татбиқи буҷетикунонии барномавӣ барои давраҳои солҳои 2020–2022» нақши муассир доранд.

Дар идома, дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда ва барои муайян сохтани самаранокии буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ (вобастагии корелиятсионии даромади умумӣ ва хароҷот ба соҳаи саноат)-ро дида мебароем. Аз сабаби он ки муташобеҳоти нишондиҳандаҳои буҷети маҳалливу ҷумҳуриявӣ қариб, ки тамоюли ба ҳам монанд доранд, моделсозиро нисбат ба нишондиҳандаҳои буҷети ҷумҳуриявӣ мегузаронем. Чун буҷети ҷумҳуриявӣ дар ниҳояти қаринӣ бо нишондиҳандаҳои буҷети маҳаллӣ алоқамандии ба ҳам шабеҳ дошта, дар ниҳояти шумораи бештар мавқеъ гирифтаанд. Аз ин лиҳоз мо дар ҷараёни моделсозии риёзӣ ба онҳо иктифо менамоем. Таҳлили гузаронидашудаи муайянсозии вобастагиҳои коррелятсионии омилҳоро дар ҷадвали 2.2.4 инъикос менамоем.

**Ҷадвали 2.2.4. – Нишондиҳандаҳои матритсаи коррелятсияи ҷуфти омилҳои моделсозӣ**

| | *Ҳаҷми умумӣ* | *Даромади умумӣ* | *Даромади андозӣ* | *Даромади ғайриандозӣ* | *Хароҷоти умумӣ* | *Хароҷоти бахши саноат* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Ҳаҷми умумӣ*** | 1 | | | | | |
| ***Даромади умумӣ*** | 0,991321 | 1 | | | | |
| ***Даромади андозӣ*** | 0,98234 | 0,989498 | 1 | | | |
| ***Даромади ғайриандозӣ*** | 0,776101 | 0,819676 | 0,765135 | 1 | | |
| ***Хароҷоти умумӣ*** | 0,982348 | 0,967859 | 0,950944 | 0,788548 | 1 | |
| ***Хароҷоти бахши саноат*** | 0,537031 | 0,488555 | 0,528676 | 0,129055 | 0,438213 | 1 |

**Ҳисоби муаллиф**

Бояд тазакур дод, ки дар ҷараёни моделсозии риёзӣ-иқтисодӣ нишондиҳандаҳои даромади буҷет аз сармоягузориҳо ва грантҳоро ба инобат намегирем, чун дар назар аст, ки барои ташаккули лоиҳаҳои буҷети барномавиву ҳадафманди бахши корхонаҳои саноатӣ беш аз ҳама бояд таъсири хароҷотҳои ҷории буҷети давлатӣ ба бахши саноат ба эътибор гирифта шаванд ва вобастагии онҳо муайян гарданд.

Чи гунае ки аз натиҷаи таҳлили омилии нишондиҳандаҳои ба таҳлили коррелӣ фарогирифташуда бармеояд, дар байни омилҳо вобастагии зиччи коррелӣ ҷой дошта, танҳо нишондиҳандаҳои хароҷоти бахши саноат нисбат ба ҳаҷми умумии буҷет (0,537031) ва даромадҳои андозӣ (0,528676) вобастагии паст дошта, дар мисоли коррелятсия дигар омилҳо вобастагӣ надорад. Аз як тараф агар нишондиҳандаҳо таҷассумгари ҳолати воқеъии таъсири хароҷотҳои ҷории буҷети давлатӣ ба бахши саноатро ифода кунанд ҳам, аммо аз тарафи дигар ҳолати дар байни омилҳо вобастагии зиччи коррелӣ ҷой надоштанашон водор месозад, ки мо чигунагии вобастагии даромади умумии буҷети ҷумҳуриявӣ нисбат ба хароҷотҳои бахши саноатро ба таври аниқтару возеҳтар муайян созем ва алоқамандиҳои байни нишондиҳандаҳои онҳоро аниқ кунем.

Барои муайян сохтани ҳолати ба ин масъала ҷавобгӯй, аз усули сенариясозӣ истифода менамоем. Ҳамин тариқ сенарияи шиддатнокии воридоти маблағҳо ба хароҷоти лоиҳаҳои ҳадафманди бахши саноатро мавриди татбиқ қарор медиҳем. Фарз мекунем, ки хароҷотҳо ба бахши саноат барои амали сохтани лоиҳаҳои ҳадафманд тавассути ҷалби сармоягузориҳо афзоиш дода мешаванд (дар ҳар соли оянда ба миқдори аз соли гузашта як маротиба зиёд). Дар натиҷа нишондиҳандаҳои омилҳои дигар бетағйир боқӣ монда, нишондиҳандаҳои хароҷотҳо ба бахши саноат чунин шаклро мегиранд (ҷадвали 2.2.5).

**Ҷадвали 2.2.5.–Нишондиҳандаҳои шиддатнокии хароҷотҳои бахши саноат барои таҳлили коррелятсионии сенариявӣ**

| Давраҳо | Ҳаҷми умумӣ | Даромади умумӣ | Даромади андозӣ | Даромади ғайриандозӣ | Хароҷоти умумӣ | Меъёри афзоиши давравӣ | Хароҷоти бахши саноат |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **2015** | 15724,3 | 12447,7 | 11329,1 | 1018,6 | 17054,2 | 1 | 237,3 |
| **2016** | 18777,9 | 13553,6 | 12150,5 | 1055,1 | 20234 | 2 | 434 |
| **2017** | 20772,6 | 14804 | 13296,1 | 1141,4 | 25425,1 | 3 | 563,4 |
| **2018** | 22850,5 | 16963,6 | 14740,2 | 1818,4 | 26755 | 4 | 751,2 |
| **2019** | 23929,1 | 17934,6 | 16121,5 | 1813 | 26062,2 | 5 | 990 |
| **2020** | 24709,8 | 18507 | 15548,6 | 1728,4 | 27382,6 | 6 | 1057,8 |
| **2021** | 28595,2 | 20550,6 | 18818,7 | 1431,9 | 30454,7 | 7 | 1721,3 |
| **2022** | 34775,1 | 23822 | 20490,7 | 2042,8 | 37603,4 | 8 | 2320 |
| **2023** | 41715,9 | 26674,2 | 24180 | 1907 | 4214,7 | 9 | 468,3 |

**Ҳисоби муаллиф**

Дар натиҷа таҳлили коррелятсиониро гузаронида, муайян месозем, ки вобастагии коррелятсионии омилӣ чӣ гуна мешаванд (ҷадвали 2.2.6)

Маълумотҳои ҷадвали 2.2.6 нишон медиҳанд, ки дар миёни ҳамаи нишондиҳандаҳои таҳлили коррелятсионӣ вобастагии зичи омилӣ мавҷуд мебошад. Нишондиҳандаҳои омили хароҷот ба бахши саноат баъди шиддат гирифтан нисбат ба тамоми омилҳо вобастагии зич (аз 0,9 калон) дошта, танҳо нисбат ба омили чорум, яъне даромадҳои ғайриандозӣ вобастагии эътидолӣ (0,7052) дорад.

**Ҷадвали 2.2.6.–Нишондиҳандаҳои матритсаи коррелятсияи ҷуфти омилҳои моделсозӣ тибқи сенария**

| | Даврах о | Ҳаҷми умумӣ | Даромад и умумӣ | Даромад и андозӣ | Даромади ғайриандоз ӣ | Хароҷот и умумӣ | Хароҷот и бахши саноат |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Давраҳо** | 1 | | | | | | |
| **Ҳаҷми умумӣ** | 0,96321 | 1 | | | | | |
| **Даромади умумӣ** | 0,98290 | 0,99132 | 1 | | | | |
| **Даромади андозӣ** | 0,97334 | 0,98234 | 0,98949 | 1 | | | |
| **Даромади ғайриандоз ӣ** | 0,79197 | 0,77610 | 0,81967 | 0,76513 | 1 | | |
| **Хароҷоти умумӣ** | 0,94058 | 0,98234 | 0,96785 | 0,95094 | 0,78854 | 1 | |
| **Хароҷоти бахши саноат** | 0,94857 | 0,9870 | 0,97936 | 0,98316 | 0,7052 | 0,9464 | 1 |

**Ҳисоби муаллиф**

Дар навбати баъдӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои омилии сенариясозишуда таҳлили регрессиониро гузаронида, мавҷудияти таъсири баланди трендӣ доштани омилҳоро тавассути муодилаи регрессияи ҳисобкардашуда муайян месозем (ҷадвали 2. 2.7).

Ҳамин тавр аз натиҷаи таҳлили регрессонӣ муодилаи регрессияро муайян менамоем, ки шакли зеринро мегирад:

$У=7238,035 + 0,224501X_1 – 0,15091X_2 + 0,669114X_3 + 0,35213X_4 + 4,613233\ X_5$

Муодилаи регрессияро истифода намуда, метавон тренди нишондиҳандаҳои пешгӯишавандаро муайян кард.

Дар маҷмуъ, аз натиҷаҳои таҳлили иҷрошудаи равандҳои моделсозии коррелятсионӣ ва регрессионӣ, инчунин татбиқи сенариявии равандҳои моделсозӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки айни замон хароҷотҳои воқеии буҷети давлатӣ барои татбиқи ҳадафмандонаи лоиҳаҳои буҷетии бахши саноат нокифоя буда, маблағгузориҳои мушаххасро талаб мекунанд.

**Ҷадвали 2.2.7.–Нишондиҳандаҳои асосии таҳлили регрессионӣ**

| | | | |
|---|---|---|---|
| *Омори регрессионӣ* | | | |
| Қиммати R–и маҷмуӣ | 0,999122 | | |
| Квадрати R | 0,998245 | | |
| Квадрати R–и меъёришуда | 0,993857 | | |
| Мушоҳида | 8 | | |
| *Таҳлили дисперсионӣ* | | | |
| | | *Қиммати F* | *Аҳаммиятнокии F* |
| Регрессия | 5 | 227,4963 | 0,004382 |
| *Коэффитсиентҳо* | | | |
| Y–ҳисобӣ | 7238,035 | | |
| Даромади умумӣ | 0,224501 | | |
| Даромади андозӣ | –0,15091 | | |
| Даромади ғайриандозӣ | 0,669114 | | |
| Хароҷоти умумӣ | 0,35213 | | |
| Хароҷоти бахши саноат | 4,613233 | | |

**Ҳисоби муаллиф**

Аз як тараф, агар нокифоя будани сармоягузориҳо ва грантҳои ҷалбгардида собит шуда бошад ҳам, аз тарафи дигар бояд дар раванди ташаккули буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба афзоиш додани хароҷотҳои буҷет ба бахши саноат таваҷҷуҳ намуда, ҳамзамон мониторинги иҷроиши он дар доираи лоиҳаҳои ҳадафмандро ба таври зарурӣ бояд ба роҳ монд. Таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ нишон дод, ки ташаккули низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар бахши саноат хароҷотҳои банақшагирифташудаи тартибиро талаб мекунад.

Ҳамин тавр айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шарту шароитҳои ибтидоӣ барои татбиқи буҷети барномавию ҳадафманди лоиҳаҳои бахши саноатӣ мавҷуд мебошанд ва татбиқи онҳо марҳила ба марҳила мавриди иҷроиш қарор гирифта истодаанд. Вазоратҳои асосие, ки барномаҳои ҳадафманди буҷетиро корбарӣ менамоянд, ҳанӯз аз соли 2018 сар карда дархости лоиҳаҳои хешро ба буҷетикунонии барномавию ҳадафманд мутобиқ гардонида истодаанду баъзеашон ба натиҷаҳои назаррас низ ноил гардиданд. Таҷрибаи онҳо аз ҷониби шарикони рушд дастгирӣ ёфта, метавон арз намуд, ки татбиқи лоиҳаҳои буҷети барномавию ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар кӯтоҳтарин муддат ба

натиҷаҳои ба нақшаҳои стратегии давлат мутобиқбуда ноил мегардад ва устуворона барои рушди иқтисодӣ ва барқарор намудани равандҳои пуррасозии буҷети давлатӣ мусоидат хоҳанд кард. Дар навбати худ барои ба ҳадафҳои барномаҳои буҷети лоиҳавии ҳадафманди бахши саноати кишвар ноил гардидан, имрӯз буҷетикунонии бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҷдидсозӣ ниёз дошта, таъмини самаранок ва мақсадноки молиявии ин бахш метавонад барои ҳалли масоили бахши саноати кишвар ва барои тақвият бахшидан ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ замина гузорад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки хароҷотҳо барои лоиҳаҳои ҳадафманди бахши саноат айни замон ба талаботҳои ноил гардидан барои ҳадафҳои стратегӣ нокифоя буда, сарчашмаи маблағгузориҳои шиддатноки иловагиро талаб мекунанд. Барои ин бояд ҷалби сармояҳо ва раванди ҷалби онҳо вусъатнок гардонида шавад, ки пеш аз ҳама талаби баланд бардоштани ҷолибият ё худ ҷаззобияти муҳити сармогузорӣ дар бахшҳои саноати кишварро тақозо мекунад, ки мо арзёбӣ ва баррасии ҳолати ҷаззобияти муҳити саромоягузориҳои соҳаи саноати кишварро дар бахши ояндаи таҳқиқоти хеш ҷой хоҳем дод.

### 2.3. Таҳлили ҷаззобияти сармоягузории бахши саноат чун заминаи буҷетикунонии ҳадафманди рушди он

Масъалаи таъминоти сармоягузорӣ ба бахшҳои мухталифи иқтисодӣ яке аз масъалаҳои рӯзмарра ва мубрами бахши таҳлилҳои корҳои татқиқотию илмӣ дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ айни замон корҳои сершумори олимон ба ҷанбаҳои мухталифи ҷалби сарчашмаҳои сармоягузорӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, масоили ҷаззобияти сармоягузорӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт, хусусан ҷаззобияти он дар бахши саноат кушода боқӣ мемонад.

Аслан ҷаззобияти сармоягузорӣ аз лиҳози пешниҳоди таърифи муаллифӣ инъикоси ягонаи таорифи истилоҳро надошта, аз ҷониби ҳар муаллиф вобаста ба бархӯрди он дар ин ё он соҳаи истифодашавӣ пешниҳод шудааст. Масалан О.В. Буторина ва И.В. Шишкина қайд менамоянд, ки «Ҷаззобияти сармоягузорӣ гуфта бузургиеро дар назар медоранд, ки на танҳо бо тавсифи пардохтшавӣ ва устувории ҳолати молявии корхона инъикос мегардад, инчунин самаранокии истифодаи моликияти он, рушд кардани он аз ҳисоби баланд шудани даромаднокиаш, имкониятҳои устувор нигоҳ доштани истеҳсолот, рушди рақобатпазирӣ ва истеҳсоли босифати молу маҳсулотро фаро мегирад ва аз ҳамин лиҳоз метавон иброз дошт, ки ҷаззобияти сармоягузории корхона – ин нишондиҳандаи маҷмуии миқдоран муайянкунандаи сармоягузориҳо ва воситаҳои ба корхонаи мушаххас вогузоштащуда мебошад» [30, С. 207].

Бояд тазаккур дод, ки дар бештари корҳои таҳқиқотии мавриди назари таҳлилии мо қарор гирифта, оид ба мафҳуми «ҷаззобияти сармоягузорӣ» аз лиҳози дар кадом бахш равона гардидани он (дар кишвар, минтақа, соҳа, бахш, корхона ва ғ.) таърифоти мухталиф пешниҳод карда шудааст. Аммо И.В. Чистов ва А.В. Газукин дар таҳқиқоти худ истилоҳи мазкурро дар якчанд бахшҳои аслии иқтисодиёт кушода намудаанд, ки муҳтавояш чунин мебошад: «... таҳти ҷаззобияти сармоягузорӣ дар сатҳи макро бояд шароитҳое (иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғ.) фаҳмида шавад, ки аз ҷониби давлат барои тамоми субъектони хоҷагидорӣ, инчунин сармоягузорони хориҷӣ барои сармоягузории даромаднокро бо мақсади рушди иқтисодиёти миллӣ амалӣ намуда, коркард карда шудааст. Таҳти ҷаззобияти сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёт тавсифи интегралии соҳаҳои ҷудогонаи иқтисодиёт бояд фаҳмида шавад, ки онҳо ҷанбаҳои афзалиятнокии рушд, даромаднокии

сармоя ва сатҳи хатарҳои сармоягузориро инъикос намоянд» [161, С. 134-137].

Ҷолиб аст, ки муаллифон ба ҷаззобияти сармоягузории бахши саноат диққати махсус дода, дар қатори таърифоти ба бахшҳои гуногуни асосии иқтисодиёт мутааликбуда ҷаззобияти он дар бахши корхонаҳои саноатиро ҷудо намуда, дар маркази таҳқиқоти хеш қарор додаанд, ки аз нигоҳи мо писандидатар мебошад: «Ҷаззобияти сармогузории корхонаҳои саноатӣ – категорияи иқтисодие мебошад, ки самаранокии истифодаи захираҳои корхона, тавони онҳо барои мустақилона рушд кардан ва баланд бардоштани сатҳи истеҳсолоти баланди аз лиҳози таъмини техникӣ устувор ва сифати баланду рақобатпазирдоштаву дорои ҳолати молиявии устувор тавсиф карда мешавад. Ҷаззобияти сармоягузории корхона тавсифи маҷмуии афзалиятнокӣ, самаранокӣ ва камхавф будани маблағҳои сармоягузоримешударо инъикос менамояд, ки барои рушди худаш аз маблағҳои сармоягузорон ва маблағҳои молиявии худаш истифода мекунад» [161, С. 137].

Олими ватанӣ Ҳофизов Ҳ.А. дар масоили ҷалби сармоягузорӣ барои аз худ намудани захираҳои табиии минтақа ҷаззобияти сармоягузориро дар масири омӯзиши он бо дарназардошти потенсиали сармоягузорӣ ва хавфҳои сармоягузорӣ дида баромада, иброз медорад, ки «ҷаззобияти сармоягузорӣ аз вобастагии рушд кардани потенсиали он ва камтарин намудани таъсири хавфҳои имконпазири ба он алоқамандӣ дошта, дар доираи ҷаззобияти муҳити сармоягузорӣ, дар раванди афзоиш ёфтани потенсиали сармоягузорӣ хавфҳои он кам гардида, баракси он, яъне кам шудани хафҳои сароягузорӣ ба афзун гардидани потенсиали сармоягузорӣ мусоидат мекунад» [153; 154; 155; 156].

Ҳамин тавр таҳлилҳо далолат ба он медиҳанд, ки баҳогузории ҷаззобияти сармоягузорӣ раванди мураккаб буда, ҷанбаҳои сершумори равишҳои таҳлилиро фаро мегиранд. Равишҳои арзёбии ҷаззобияти

сармоягузории бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла саноат низ дар навбати худ мураккаб буда, бештар дорои усулҳое мебошанд, ки асоси онҳоро баҳоҳои нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳо, нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи фаъолиятҳои молиявию хоҷагидорӣ, арзёбии таъсири омилҳои берунаву дохила ба сатҳи ҷаззобияти сармоягузориҳои корхонаҳоро ташкил медиҳанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ҳиссаи сармоягузориҳо дар бахшҳои саноат нисбат ба дигар бахшҳои иқтисодӣ назаррас мебошад (расми 2.3.1).

Агар ба харитаи сармоягузории тартибдодаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бингарем, маълум мегардад, ки бештари ҳиссаи сармоягузориҳо ба бахши лоиҳаҳаои саноатӣ равона гардидаанд. Ин албатта ба ҷаззоб будани соҳаи саноат нисбат ба дигар бахшҳои иқтисодиёти миллӣ вобаста ба ҷалби сармоягузориҳоро инъикос намояд ҳам, аммо танҳо тақсимоти сармоягузориҳо ва равона кардани бахши калони онҳо ба соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонад инъикосгари пурра ва комили ҷозиб будани соҳа бошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз захираҳои табиӣ ғанӣ буда, самарнокона истифода бурдани онҳо омили асосии рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад, ки он аз мӯҳтавои барномаҳои стартегӣ ба монанди «Стартегияи миллии рушд барои давраҳои то солҳои 2030» бурун меояд.

Раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутавофит буда, он тамоюли гуногун дорад. Маслан тибқи омори расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 690,4 млн. долларро ташкил додааст, ки ин нишодиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба ҳаҷми 113,6 млн. доллар ё 4,4 фоиз зиёд мебошад.




**Расми 2.3.1. - Харитаи сармоягузории лоиҳаҳои бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма**: Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон https://investcom.tj/investmap.html (санаи муроҷиат ба сомона: 20.03.2024)

Афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ асосан аз ҳисоби дигар намуди сармоягузорӣ ба ҳаҷми 510,7 млн. доллар ё 26,1 фоиз таъмин гардидааст.Дар ин давра, воридоти сармояи мустақими хориҷӣ 221,4 млн.

долларро ташкил дода, нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми 397,0 млн. доллар ё 64,2 фоиз коҳиш ёфтааст» (расми 2.3.2) [127].




**Расми 2.3.2. - Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба бахшҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2022–2023.**

**Сарчашма:** Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Захираи электронӣ. URl: https://investcom.tj/uploads/post_docs/506/vhJ5VP8rlDgU.pdf (санаи муроҷиат ба сомона 25.11.2024)

Че хеле, ки аз маълумотҳо бармеояд, пас аз соли 2017 нишондиҳандаҳои ҷалби сармоягузориҳо дар давраи солҳои 2018-2021 тамоюли пастшавӣ доранд. Ин бо он алоқаманд аст, ки соли 2018 бӯҳрони молиявӣ зуҳур карда, баъдан дар пайи пайомади пандемияи «COVID–19» солҳои 2019–2020 номуайянӣ дар масири ҷаҳон ба вуҷуд омада буд ва аз ин лиҳоз бозори сармоягузорӣ ба таҳлука афтода буд.

Маълумотҳои ҷадвали 2.3.1нишон медиҳанд, ки дар соли 2022 зиёда аз 33 фисади сармоягузориҳои ҷалбгардида ба бахши саноат равона гардида, аз ин ҳисса ба саноати коркард зиёда аз 7,7 % ва ба бахши саноати истихроҷ 25,5 % ҷалб карда шудаанд. Дар соли 2023 бошад, ҳамагӣ 11,8 фисади маблағҳо ба бахши саноат ҷудо гардидаанд, ки 1,4 % и он ба бахши саноати коркард ва 10,4 фоизи он ба бахши саноати истихроҷ равона гардидаанд.

**Ҷадвали 2.3.1.– Сармоягузориҳо аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023, млн. долл. ИМА**

| Сармоягузорӣ ба бахши саноат | | Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ | | Сармоягузориҳои ҷомадонӣ ва дигар намуди онҳо | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| **Ҳамагӣ** | **2022** | **2023** | **2022** | **2023** | **2022** | **2023** |
| | 2576,8 | 2690,4 | 618,4 | 2784,1 | 1958,4 | 2499,9 |
| Дар бахшҳои саноат | 856,9 | 316,7 | 458 | 175,5 | 398,9 | 191 |
| **Нисбат ба маҷмуъ, %** | **33,3** | **11,8** | **74,1** | **6,3** | **20,4** | **7,6** |
| Аз ҷумла: саноати коркард | 199,7 | 37,7 | 104,4 | 50 | 95,3 | 3,8 |
| **Нисбат ба маҷмуъ, %** | **7,7** | **1,4** | **16,9** | **1,8** | **4,9** | **0,2** |
| саноати истихроҷ | 657,2 | 279 | 353,6 | 125,5 | 303,6 | 187,2 |
| **Нисбат ба маҷмуъ, %** | **25,5** | **10,4** | **57,2** | **4,5** | **15,5** | **7,5** |

**Ҳисоби муаллиф тибқи:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, АОНПҶТ, 2024. – С. 248.

Дар маҷмуъ дар соли 2023 саромоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба бахши саноат 175,5 млн. долларро ташкил медиҳанд, ки он 6,3 % -и ҷамъи сармоягузориҳо дар ин солро ташкил дода, 7,6 %–и сармоягузориҳо ба бахши саноатро сармоягузориҳои ҷомадонӣ ва дигар намуди сармоягузориҳо ташкил медиҳанд. Аз миқдори умумии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар соли 2023 ба бахши саноати коркард 0,2 % (3,8 млн. долл. ИМА) ҷалб гардидаанд, ки он нисбат ба тамоми сармоягузориҳои кишвар 7,5 %–ро ташкил медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки самараи фаъолияти сармоягузорӣ аз баҳраманд будани низоми идоракунӣ ва ташкили дурусти равандҳои сармоягузорӣ вобаста буда, ҷаззобияти сармоягузориро муайян мекунад. Барои баҳогузории дурусти нишондиҳандаҳои фаъолияти сармоягузорӣ

таҳлили ҳолати тавсифии он ба инобат гирифта мешавад, ки унсурҳои сифативу миқдориро фаро мегирад ва ҷаззобияти сармоягузорӣ ва муҳити он фарогири объектҳои гуногуни фаъолияти сармоягузорӣ мегардад. Ин объектҳо дар навбати худ дорои ҷанбаҳои гуногуни арзёбӣ буда, муайян сохтани ҷаззобияти сармоягузорӣ нисбат ба ҳар кадоми он муҳтавои гуногунро мегирад.

Дар адабиёти иқтисодӣ методика ва усулҳои муайян намудани ҷаззобияти сармоягузорӣ аз атрофи гуногуни он ба таври мухталиф пешниҳод мегардад, ки онҳо тавсифи универсалии фарогирандаи ҳамаҷонибаро надоранд. Аз нигоҳи мо, онҳо бояд аз лиҳози фаро гирифтани равишҳое, ки лоақал миқдори максималии омилҳоеро, ки ба ҷаззобияти сармоягузорӣ таъсиррасонро ба назар гирифта битавонанд, тавсеа ва таҷдиди назарро талаб мекунанд.

Муаллифони сершуморе тарафҳои хуб ва ҷанбаҳои камбудидоштаи усулҳоро мавриди таҳлил қарор дода, хулоса мекунанд, ки барои арзёбии дурусти ҷаззобияти сармоягузории корхонаҳои мушаххас усули универсалӣ ва мукаммалсохташудае истифода шавад, ки он ҷанбаҳои сершумори омилҳои берунаву дохиларо фарогиранда ва барои амалӣ сохтани баҳогузории дурусти ҷаззобияти сармоягузорӣ ба маълумотҳои зарурӣ ва кифоягӣ таъмин бошад [Ниг. масалан ба: 30; 67; 90; 109; 146; 155; 162; 169; 170]. Албатта истифодаи усул ва ё методикаи фарогири бештари ҷанбаҳои ба ҷаззобияти сармоягузории корхонаҳо мутаалиқ буда барои ҳам корхона ва барои сармоягузори потенсиалӣ имконияти мақсаднок ва самаранок тартиб додани лоиҳаҳоро фароҳам меоварад. Аммо бояд тазаккур дод, ки дар раванди татбиқи усулҳои арзёбӣ, ба як қатор мушкилот дучор меоянд. Масалан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дастрасӣ ба маълумотҳо дар бораи маблағҳои корхонаҳо ва лоиҳаҳои мақсадноки онҳо душвор мебошад. Зеро онҳо маълумотҳои мазкурро расонаӣ ва пешниҳоди ҳамагонӣ намекунанд.

Омилҳои мазкур ва пешниҳоди усулҳои дар адабиёт инъикосгардидаи мавриди таҳлил ва баррасии мо қароргирифтаро ба инобат гирифта, кӯшиши гузаронидани арзёбии нисбии баҳои рейтингии корхонаро амалӣ месозем ва бо ин ваҷҳ мақоми корхона барои сармоягузорӣ намуданро муайян месозем.

Барои тартиби дурусти методӣ бояд ба нишондиҳандаҳое такя кунем, ки битавонанд ба таъсири ҷаззобияти сармоягузории корхона саҳми калон доштанашонро инъикос намоянд. Яке аз нишондиҳандаи фаъолияти мусбати (молиявӣ) корхонаро инъикоскунанда ин нишондиҳандаи коэффитсиенти гардиши молия мебошад, ки онро дар баъзе сарчашмаҳо коэффитсиенти гирдгардиш ҳам ном мебаранад. Баъдан коэффитсиенти даромаднокӣ, ки баргардонидашавандагии дороиҳоро дар назар дорад, истифода мешавад. Пасон нисбати арзиши активҳои фаъолу ӯҳдадориҳои фаъолро ба инобат мегирем, ки онро коэффитсиенти бозоргирӣ ном мебаранд. Нишондиҳандаи махсуси дигаре, ки бояд мо онро ба инобат гирем ин нишондиҳандаи ҳиссаи дороиҳои худии корхона мебошад, ки онро ҳамчун коэффистиенти соҳибихтиёрӣ ифода мекунанд. Барои пурратар гардидани раванди ҳисобҳо ҳамчунин иқтидори захираҳои молиявӣ ва нишондиҳандаи фишангҳои амалиётиро, ки барои дар нигоҳи сармоягузор ба хотири камтарин инъикоскунандаи хавфи сармоягузорӣ баромад мекунад, ба инобат гирифта мешаванд.

Нишондиҳандаҳои мазкурро истифода намуда, нишондиҳандаи (интегралӣ) ҷаззобияти сармоягузории корхонаро баҳогузорӣ менамоем, ки асосноккунии он тавассути формулаи зерин амалӣ карда мешавад:

$$К_{чс} = \sqrt{\left(\sum_{i-1}^{n} * 1 - \frac{Y_{ij}}{Y_{iм}}\right)^2},$$

Дар ин ҷо $К_{ҷс}$ – нишондиҳандаи (интегралӣ) ҷаззобияти сармоягузории корхона;

n – миқдори коэффитсиентҳои молиявии дар раванди ҳисобкунӣ баинобатгирифташуда;

$Y_{ij}$ – қиммати коэффитсиенти молиявии $i$, ки онро корхонаи $j$ доро мебошад;

$Y_{iм}$ – қиммати меъёрии коэффитсиенти $i$ мебошад.

Ҳамин тавр нишондиҳандаҳои се корхонаи ватаниро аз минтақаҳои гуногун мегирем, ки онҳо дар соҳаи ба ҳамдигар мувофиқ фаъолият мебаранаду аз нишондиҳандаҳои онҳо қиммати меъёриро аз миёни нишондиҳандаҳои бартаридоштаи онҳо қабул менамоем. Ин корхонаҳо ҶММ «Моҳир семент»–и вилояти Хатлон, ҶММ «Ганҷ 2000»–и НТҶ ва ҶММ «Суғд семент»–и вилояти Суғд буда, асоси фаъолияти онҳоро саноати коркард ташкил дода, ба истеҳсоли семент шуғл доранд.

Бояд тазаккур дод, ки интихоби онҳо ихтиёрӣ ва ё тахминӣ набуда, дар доираи интихоб намудани онҳо авомили гуногун ба инобат гирифта шудаанд. Интихоби онҳо ба он асос меёбад, ки дар сатҳи кишвар фаъолияти ин корхонаҳо дар доираи фаъолияти корхонаҳои молиявии миёна ба инобат гирифта мешаванд. Онҳо ҳамчун корхонаҳои бахши саноати коркард, дорои нишондиҳандаҳои ба ҳам тавъам доранд ва аз лиҳози географӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар ҷойгир шудаанд. Ғайр аз ин барои муайян сохтани ҷаззобияти сармоягузории корхонаи мушаххас, бояд нишондиҳандаҳои мавриди таҳлил қарормегирифта ба таври максималӣ аз якдигар дар масофаи каноран дур ҷойгир набошанд. Нишондиҳандаи корхонаҳои интихобшуда нисбатан ба ҳамдигар тамоюли мутавофит доранд (аз қабили шумораи кормандон, ҳаҷми истеҳсолоти солона, даромади умумӣ, хароҷот ва ғ.) ва ҳангоми ҷойгир намудани нишондиҳандаҳои онҳо дар маҷрои хаттӣ, онҳо дар маҷрои хати рости дар масири масофаҳои канорӣ мавқеъ гирифта, наздик ҷойгир

мешаванд. Ҷойгиршавии парокандаи авомили таҳлилӣ дар раванди ҳисобкуниҳо аз рӯйи маслиҳат набуда, тибқи натиҷаи онҳо пешниҳод ва ё хулосабарории мувофик намудан саҳеҳ нест ва ба он эътимод намудан шубҳанок мебошад. Илова ба ин, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додани чунин шакли корхонаҳо метавонад дар оянда ба рушди корхонаҳои миёнаи бахшҳои мухталифи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд. Чунин фаъолияти раванди истеҳсолӣ барои ба миён омадани истеҳсолоти рақобатпазир мусоид хоҳад буд, ки дар навбати худ татбиқи унсурҳои навини инноватсионӣ дар раванди фаъолиятро тақозо мекунад. Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши саноат дар он ҳанӯз қадамҳои ибтидоии хешро устуворона гузошта, барои рушд кардан ва самаранок гардидан кӯшиш намуда истодааст. Дар ин росто, рушд кардани корхонаҳои хурду миёна аҳаммияти хосса доранд ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин бахши иқтисодӣ бештар ба сармоягузориҳо ниёз дошта, афзун гардидани потенсиали фаъолияти онҳо ва дар ин асос рушд кардани ҷаззобияти муҳити сармоягузорӣ ба ин бахш, дар маҷмуъ таконбахши соҳаи саноат хоҳад гардид.

Маълумотҳое, ки дар раванди таҳлил истифода мешаванд, аз ҷониби худи корхонаҳо пешниҳод гардидаанд, ки онҳо ба таври зайл инъикос шудаанд. Дар соли 2023 истеҳсолот дар корхонаи «Моҳир семент» 302,4 ҳазор тонна, «Ганҷ 2000» 81,1 ҳазор тонна ва дар «Суғд семент» бошад 746,3, ҳазор тоннаро ташкил додааст. Ҳаҷми дороиҳои гардони ҶММ «Моҳир семент» 95250,0 ҳазор сомониро ташкил дода, дороиҳои ҶММ «Ганҷ 2000» бошад, дар маҷмуъ 44147,9 ҳазор сомонӣ ва дар ҶММ «Суғд семент» 38565,4 ҳазор сомониро ташкил додааст. Барои осонии равандҳои ҳисобкунӣ аз таъминоти барномавии технологияҳои иттилоотии муосир, аз қабили ҷадвали электронии MS–Exel истифода намудан ба фоидаи кор буда, дар ин раванд аз авомили молиявии он, ки дар замимаи «Мастер функции» ҷойгир карда шудаанд, истифода мебарем (ҷадвали 2.3.2).

Натиҷаи таҳлил ва ҳисобкуниҳои дар ҷадвали 2.3.2 овардашуда далолат ба он медиҳанд, ки дар байни нишондиҳандаҳо аз рӯйи қиммати меъёрӣ тамоман номутаносибӣ ҷой дошта, тибқи он муайян намудани корхонае, ки дар ҳама нишондиҳандаҳо мавқеи ҳамаҷонибаи ба қиммати меъёрӣ мувофиқ бошад, мавҷуд нест. Чун мебинем, ки қиммати меъёрӣ дар нишондиҳандаҳои корхонаҳо бояд лоақал аз се нишондиҳанда бархӯрдор бошад.

**Ҷадвали 2.3.2.–Нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳо дар ҳисоби интегралӣ**

| Нишондиҳандаҳои ҳисоб | | ҶММ «Моҳир семент» | ҶММ «Ганҷ 2000» | ҶММ «Суғд семент» | Қиммати меъёрӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Коэффитсиентҳо** | **гирдгардиш** | 1,46 | 1,36 | 0,84 | 1,46 |
| | **даромаднокӣ** | 0,32 | 0,91 | 0,75 | 0,91 |
| | **бозоргирӣ** | 4,12 | 3,82 | 3,01 | 4,12 |
| | **соҳибихтиёрӣ** | 0,010 | 0,118 | 0,054 | 0,118 |
| **Иқтидори захираҳои молиявӣ** | | 0,31 | –0,14 | 0,41 | 0,41 |
| **Фишангҳои амалиётӣ** | | 1,21 | –2,62 | 3,1 | 3,1 |
| **Сумма** | | 7,4 | 3,4 | 8,2 | 10,1 |

**Ҳисоби муаллиф тибқи:** Маълумотҳои Вазорати саноат ва технологияҳои навӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон / https://industry.tj/tj/services/rayesati–madan/korkhona–oi–so–a/ (санаи муроҷиат: 16.03.2024)

Аммо натиҷаи ҳисоббарориҳо нишон доданд, ки танҳо ду корхона (ҶММ»Моҳир семент» ва ҶММ «Суғд семент») фақат дорои ду нишондиҳандаи меъёрӣ гардидаанд. Ин ҳам бошад дар мисоли корхонаи аввала нишондиҳандаи 1,46–и коэффитсиенти гирдгардиш бар муқобили 4,12–и коээффитсиенти бозоргирӣ ва дар мисоли корхонаи баъдӣ 0,41–и иқтидори захиравӣ бар муқобили 3,1–и фишангҳои амалиётӣ буда, барои хулосаи ниҳоӣ баровардан нокифоя мебошанд.

Агар дар таҳлили гузаронидашуда мақоми корхона вобаста ба ҷозиб будани муҳити сармоягузориаш муайян мегардид, он гоҳ ҳисоби коэффитсиенти интегралӣ онро комил мегардонид. Ҳарчанд дар таркиби ибтидоӣ мақоми корхона дар инъикоси ҷозиб буданаш барои сармоягузорон ба таври мукаммал асоснок нашуда бошад ҳам, аммо бо

итминон метавон қайд намуд, ки ҳисоб кардани қиммати интегралии он ба пуррагӣ метавонад мақоми корхонаро вобаста ба ҷаззобияти сармоягузорӣ муайян созад. Натиҷаи ҳисобро дар ҷадвали 2.3.3 инъикос менамоем.

Ҳамин тавр мақоми аввалро дар раддабанди корхонаи ба сармоягузорӣ ҷозибро ҶММ «Суғд семент» бо коэффитсиенти интегралии 1,12 касб менамояд. Мақоми дувум насиби ҶММ «Моҳир семент» (1,74) гардида, дар ин раддабандӣ ҷои охиронро ҶММ «Ганҷ 2000» (3,91) ишғол менамояд.

**Ҷадвали 2.3.3.–Нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳо дар ҳисоби интегралӣ**

| **Нишондиҳандаҳо** | **ҶММ «Ганҷ 2000»** | **ҶММ «Моҳир семент»** | **ҶММ «Суғд семент»** |
|---|---|---|---|
| Қиммати интегралии ҳисобидашуда | 3,91 | 1,74 | 1,12 |
| **Мақоми корхона (рейтинги он тибқи ранг)** | **3** | **2** | **1** |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф

Аз нигоҳи аввал шояд аҷоиб намояд, ки корхонаи бо иқтидори молиявии камтарин дар раддабандӣ мақоми намоёнро дар бахши ҷозиб будани сармоягузорӣ касб намуда, корхонаи молияаш бештарро мегузарад. Аммо ташкили фаъолият дар ин корхона нишон медиҳад, ки корхона мавқеи устуворро касб намудааст аз лиҳози нишондиҳандаҳои касбияти кормандон ва шумораи онҳо нисбат ба корхонаҳои дигари дар раванди таҳлил қарордошта бартарӣ дорад. Дар баробари шумораи бештари кормандонро ба фаъолият фаро гирифтан, корхона дорои иқтидори захираҳои молиявии устувор мебошад, ки ба дар раванди ҳисобкунӣ ба он коэффитсиенти баландатрини меъёрӣ дар миёни нишондиҳандаҳо (0,41) далолат медиҳад. Ҳамчунин маълум гардид, ки дар корхонаи мазкур фишангҳои амалиётӣ нисбат ба дигар корхонаҳо хуб татбиқ гардидаанд, ки коэффитсиенти он (3,1) нисбат ба нишондиҳандаҳои ду корхонаи дигар бамаротиб баланд мебошад.

Мусаллам аст, ки татбиқ ва истифодаи методикаи мазкур дар доираи муайян сохтани мақоми корхона ва ҷудо намудани мавқеи нисбии он нисбат ба дигар корхонаҳо раванди баҳогузориро ба таври содда инъикос менамояд ва корхонаеро интихоб мекунад, ки воқеан дорои нишондиҳандаҳои беҳтарини қиёсӣ буда, натиҷаҳои молиявии назаррас дорад. Таҳлили дар доираи татбиқи усули пешниҳодгардида барои ба таври фаврӣ ва зудтар ошкор намудани мақоми корхона вобаста ба ҷозибияти муҳити сармоягузориаш абзори хуб мебошад.

Бояд қайд намоем, ки муайян сохтан ва арзёбӣ намудани ҷаззобияти муҳити сармоягузории корхона фарогири авомили сершуморе мебошад, ки бештари онҳо дорои қимматҳои калони нишондиҳандаҳои хусусӣ буда, дар рванди ба ҳисоб гирифтани нишондиҳандаҳои интегралӣ мураккабиро ба вуҷуд меоваранд ва ба баҳоҳои муайян сохтани ҷаззобияти сармоягузории корхонаҳои мавриди таҳлил қарор мегирифта таъсир мегузоранд. Аз дигар тараф, барои сармоягузор ҳолатҳои аниқи нисбии ҷаззобияти сармоягузорӣ ва хавфҳои имконпазир норавшан боқӣ мемонад, ки дар доираи таҳлили бо ин методика фаро гирифташуда онҳоро муайян намесозанд. Илова ба ин дар усули мазкури тамойилҳои рақамии нишондиҳандаҳо метавонанд дар як ҳолат ночиз бошанду дар ҳолатҳои дигар фарқияти калон дошта бошанд.

Натиҷаҳои таҳлили корхонаҳои бахши саноат аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки потенсиали мавҷуда дар самти ҷалб ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо ба таври кофӣ истифода намешаванд. Ин пеш аз ҳама бо сатҳи рушди нокифояи идора ва менеҷменти равандҳои сармоягузорӣ ва татбиқи номукаммали технологияҳои рақамии муосир дар ҷараёни азхуд кардани маблағҳову воситаҳои ҷудомешуда пайвастагӣ дорад.

Барои дуруст ба роҳ мондани равандҳои ҷалби сармоягузорӣ бояд дар корхонаҳо шуъбаҳои менеҷменти сармоягузорӣ ташкил дода шаванд.

Чун таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳое, ки дорои низоми ҷудогонаи идора ва танзими фаъолияти сармоягузориро дошта бошанд, хеле каманд ва масоили ба равандҳои сармоягузорӣ вогузошта ба дӯши шуъбаи умумии иқтисодӣ меафтад, ки сарбории онҳоро зиёд намуда, дар натиҷа самаранокӣ коҳиш меёбад. Дар ин замина менеҷменти сармоягузорӣ низомеро инъикос мекунад, ки усулҳо ва принииспҳои татбиқ ва амалисозии қарорҳои идоракунии фарогирандаи равандҳои мухталифи сармоягузориро дар бар мегирад.

Бо мурури рушд ёфтани корхона равандҳои тиҷоратӣ ва банақшагирии лоиҳаҳои буҷетии корхона мураккабтар мегардад ва он талаб мекунад, ки масоили фаъолияти сармоягузорӣ ҷудо ва ба тарзи алоҳида мавриди баррасӣ қарор гиранд. Менеҷменти сармоягузории корхона ҳамчунин метавонад дар алоҳидагӣ таҳлили хавфҳои сармоягузории корхонаҳоро ба таври фарох ва мушаххас ба роҳ монад. Инчунин дар доираи фаъолияти худ менеҷменти сармоягузории корхона интихоби тарзи сармоягузориро амалӣ месозад, ки ин аҳаммияти хосса дорад. Масалан равандҳои маблағгузориҳо метавонанд сарчашмаҳои гуногун дошта бошанд, аз қабили сармоягузориҳои мустақиму ҷомадонии хоричи, қарзӣ бонкӣ, лизинг, маблағгузориҳои худи корхона аз ҳисоби фоидаи фаъолияти истеҳсолиаш, истифодаи қоғазҳои қимматнок ва ғ. Илова бар ҳамаи инҳо менеҷмент ва идораи сармоягузорӣ бояд дар робита ба ироаи иттилооти зарурии фаъолияти корхона, дастовардҳо ва рекламаи дурусти самранокии фаъолияти корхона ташаббус зоҳир намояд, ки дар назари сармоягузори потенсиалӣ арзишманд ба ҳисоб меравад. Аз ҳама муҳим бо дарназардошти бурдани чунин фаъолияти фарогири омилҳои сершумори равандҳои сармоягузорӣ ба менеҷменти сармоягузории корхона шароит фароҳам меоварад, ки банақшагирӣ ва тартиб додани лоиҳаҳои ҳадафманди корхонаро дуруст ва самаранок ба роҳ монад.

Ҳамин тавр, таҳлили методикаҳои сершумори дар адабиёти иқтисодӣ дарҷгардида далолат ба он медиҳад, ки нишондиҳандаҳои мавҷудбуда наметавонад нишондиҳандаи ягонаи инъикоскунандаи сатҳу дараҷаи натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти корхона бошанд. Ин бошад водор месозад, ки дар раванди арзёбии равандҳои сармоягузорӣ аз маҷмуи методикаҳое истифода шаванд, ки онҳо битавонанд ҳамаҷониба фаъолияти корхонаҳоро таҳлил намуда, манфиатҳои ҳам корхона ва ҳам сармоягузорро ба инобат гиранд.

Ҳамин тавр ҷаззобияти сармоягузории соҳаҳо ва корхонаҳои ба онҳо шомил фарогири авомили сершумор буда, онҳо тағйирпазир мебошанд. Дар ин замина тартиб додани барномаҳои ҳадафманди лоиҳаҳои маблағгузорӣ метавонанд асоси татбиқи сиёсати дурусти сармоягузорӣ ва ҷалби онҳо гардида, ҳамзамон омили муайянкунандаи камбудиҳо дар фаъолияти маҷмӯии бахшҳои иқтисодӣ  гарданд ва заминаи андешидани тадбирҳои рафъ сохтани ин норасогиҳоро фароҳам биоваранд. Ҷозиб будани бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорон заминаи дуруст ба роҳ мондан ва татбиқ намудани усули барномавиву ҳадафманди соҳавӣ шуда метавонад.

**Хулоса аз рӯйи боби 2-юм**

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштан аз шакли аграрӣ–саноатӣ ба саноатӣ–аграриро ҳадафи миллӣ қарор додааст. Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати кишвар барои ташаккули системаи саноати миллӣ кӯшишҳои бисёре ба харҷ дода истода, дар заминаи рушди бахши саноатӣ асноди меъёриву-ҳуқуқии ҷавобгӯ ва илман асоснок гардида коркард карда, барномаҳо ва стратегияҳои ба рушди бахшҳои иқтисодӣ равонагардидаро мавриди коркард ва татбиқ қарор додааст. Дар даврони соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши рушд додани соҳаҳои саноати кишвар ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардидааст. Аз ҷумла дар солҳои охир ҳаҷми маҳсулоти

саноатӣ аз рӯйи соҳаҳои асосии саноат ба таври назаррас рушд намудааст ва дар ин замина нишондиҳандаҳои он ба тамоюли афзоиши давра ба давра расида тавонистааст.

2. Барои самаранок гардонидани саҳми саноати кишвар ва дар ин замина устувор гардонидани саҳми даромади ин бахш ба буҷети давлатӣ, ба роҳ мондани коркарди масолеҳи ватанӣ ва ашёи хоми ватанӣ дар дохили кишвар мусоид хоҳад буд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз тадбирҳои андешидашуда ҳанӯз ҳам дар бахши саноати коркард дар қиёс ба саноати истихроҷ пешравии назаррас ба миён наомада бошад ҳам, аммо дар таркиби маҷмуи маҳсулоти саноатӣ тамоюли рушди давравӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар баробари ҳамаи ин, афзоиши нишондиҳандаҳои мазкур метавонад ба ташаккули барномаҳои ба буҷет вобастабуда заминаи хуб бошад. Вобаста ба тадбирҳои Ҳукумати кишвар оид ба рушд додани соҳаи саноати миллӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардидааст. Дар ин радиф бахши саноати кишвар мутаносибан тибқи ҳадафҳои вогузоштаи ҳукумати кишвар тамоюли афзоишёбиро касб намуда истода, тадриҷан барои расидан ба нишондиҳандаҳои рушди устувор майл мекунад.

3. Бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори хуби соҳавӣ дошта, устуворона рушд намудани он омили калидии рушди устувори буҷети давлатӣ шуда метавонад. Дар навбати худ барои рушди бахшҳои мухталифи саноат маблағгузориҳои буҷетӣ аҳаммияти хос доранд, ки миқдори онҳо дар буҷаи давлатӣ маҳдуд буда, тақсимоти онҳо ба таври максималӣ муносибати ҷиддиро талаб мекунад то ҳангоми амалишавӣ онҳо фарогири шарту шароити тамоми объектҳои раванди буҷетикунонӣ шуда тавонанд. Ташаккул ва амалӣ намудани барномаҳои ҳадафманди буҷетӣ ба хубӣ метавонад ба ин раванд муосидат кунад.

4. Натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашударо ба инобат гирифта, метавон чунин хулоса баровард, ки дар навбати аввал самаранокии буҷети лоиҳавӣ пеш аз ҳама ин таъсири бевоситаи натиҷаи лоиҳаи маблағгузоришуда ба даромад ва хароҷоти буҷет мебошад, ки дар афзоиши даромади буҷети лоиҳавӣ ва кам шудани хароҷотҳои он дар давраи муайяни вақт инъикос гардида, ҳамчун нишондиҳандае ба ҳисоб меравад, ки таносуби даромади буҷети лоиҳа нисбат ба хароҷоти онро инъикос менамояд. Дар навбати дуюм самаранокии буҷети лоиҳавӣ бояд бо мақсади камхарҷ гардонидани воситаҳои буҷетӣ ва мусоидат намудан ба воридоти иловагӣ ба буҷет, дар ифодаи мутлақ тағйир ёбад. Аммо бояд дар назар дошт, ки ҳамаи авомили зикргардида бидуни дастгирии давлатӣ амалӣ намешаванд ва иштироки бевоситаи мақомотҳои давлатӣ дар раванди таҳияи буҷети лоиҳавӣ ва коркарди методикаи ҳисоби самаранокии буҷети лоиҳавиву ҳадафманд зарур мебошад.

5. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шарту шароитҳои ибтидоӣ барои татбиқи буҷети барномавию ҳадафманди лоиҳаҳои бахши саноатӣ мавҷуд мебошанд ва татбиқи онҳо марҳила ба марҳила мавриди иҷроиш қарор гирифта истодаанд. Вазоратҳои асосие, ки барномаҳои ҳадафманди буҷетиро корбарӣ менамоянд, ҳанӯз аз соли 2018 сар карда дархости лоиҳаҳои хешро ба буҷетикунонии барномавию ҳадафманд мутобиқ гардонида истодаанду баъзеашон ба натиҷаҳои назаррас низ ноил гардиданд. Таҷрибаи онҳо аз ҷониби шарикони рушд дастгирӣ ёфта, метавон арз намуд, ки татбиқи лоиҳаҳои буҷети барномавию ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар кӯтоҳтарин муддат ба натиҷаҳои ба нақшаҳои стратегии давлат мутобиқбуда ноил мегардад ва устуворона барои рушди иқтисодӣ ва барқарор намудани равандҳои пуррасозии буҷети давлатӣ мусоидат хоҳанд кард.

6. Барои ба ҳадафҳои барномаҳои буҷети лоиҳавии ҳадафманди бахши саноати кишвар ноил гардидан, имрӯз буҷетикунонии бахши

саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҷдидсозӣ ниёз дошта, таъмини самаранок ва мақсадноки молиявии ин бахш метавонад барои ҳалли масоили бахши саноати кишвар ва барои тақвият бахшидан ба рушди иқтимоиву иқтисодӣ замина гузорад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки хароҷотҳо барои лоиҳаҳои ҳадафманди бахши саноат айни замон ба талаботҳои ноил гардидан барои ҳадафҳои стратегӣ нокифоя буда, сарчашмаи маблағгузориҳои шиддатноки иловагиро талаб мекунанд. Тартиб додани барномаҳои ҳадафманди лоиҳаҳои маблағгузорӣ метавонанд асоси татбиқи сиёсати дурусти сармоягузорӣ ва ҷалби онҳо гардида, ҳамзамон омили муайянкунандаи камбудиҳо дар фаъолияти маҷмӯии бахшҳои иқтисодӣ гарданд ва заминаи андешидани тадбирҳои рафъ сохтани ин норасогиҳоро фароҳам биоваранд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БУҶЕТИКУНОНИИ БАРНОМАВИЮ ҲАДАФМАНДИ БАХШИ САНОАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Коркард ва татбиқи лоиҳаҳои омузишии буҷетикунонии ҳадафманди рушди бахши саноат

Умуман самтҳои афзалиятноки рушди молияи давлатӣ ва ворид намудани ислоҳоти идораи он дар мувофиқат бо санадҳои меъёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Масалан дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ҳамчун самти муҳимми ворид намудани ислоҳот ба идораи молияи давлатии кишвар, татбиқи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда дар маркази самтҳои пешниҳодгардида ҷой гирифтааст. Умуман дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда ҳанӯз аз охири даҳаи асри XXI маншаъ мегирад, ки 20.03.2009 «Стратегияи идораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида буд ва тибқи муҳтавои он бояд то соли 2018 лоиҳаҳои буҷети мақсадноки ба натиҷа нигаронидашуда, амалӣ карда шаванд.

Дар ин замина коркарди лоиҳаҳои буҷети ҳадафманди корхонаҳо аҳаммияти махсуси дорои унсурҳои навгонидоштаро касб менамояд, ки амалисозии он метавонад воситаи пурқуввати идораи молияи корхона ва устувор гардидани равандҳои идоракунии фаъолияти корхона гардад. Чун дар назди буҷетикунонӣ ҳамчун вазифаи аввалиндараҷа таъмини фаъолияти самараноки корхона меистад. Ҳамин тавр бояд аз равишҳое истифода намуд, ки фаро гирифтани ҷанбаҳои равандӣ, гузориши дурусти масъала, равиши комплексӣ ба ташаккули сохтори молиявию буҷетӣ буда, унсурҳои бунёдии модели буҷетикунонӣ дар корхонаҳоро таҷассум намуда тавонанд. Дар ин замина аз усулҳои қиёсӣ низ истифода бурдан ба фоидаи кор мебошад.

Дар ташаккули фаъолияти идоракунии корхонаҳо баъзан ҳолатҳое мешавад, ки ба татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ, низомият,

банақшагирӣ ва барои фаъолият намудани онҳо ҳамчун механизми ягона, истифодаи равишҳои методологии дурусти ба онҳо мусоид аз назар дур мемонанд ва ҳамгирой намудани нақшаҳои стратегӣ бо тахассусияти равандҳои фаъолияти корхона ва буҷетикунонии ҳадафманди онҳо дуруст ба роҳ монда намешаванд. Ба ҳамин маъно А.И. Мастеров қайд менамояд, ки «Дар шароити ба вуҷуд омадани талабот ба тағйирёбии низоми буҷетикунонӣ, нақши созанда ва ҳавасмандгардонандаи давлат, барои иқтисодиётро рушд додан, афзун мегардад. Дар алоқа ба ин ба зиммаи давлат ва системаи буҷетикунонии давлатӣ сарбории зарурати дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузории корхонаҳо ва соҳаҳои мушкилотдори бахши иқтисодӣ илова мегардад ва дар натиҷа мутавозинии бе ин ҳам ноустувори буҷетӣ мушкилтар мегардад. Дар натиҷаи зуҳуроти чунин намуди мушкилӣ, абзори банақшагирии буҷет мақоми хоссаро касб намуда, имконияти ёфтани роҳи дурусти ҳалли мушкилиҳо, самаранок гардонидани хароҷотҳои буҷетиро фароҳам меоварад ва яке аз ин восита ё абзор ин буҷетикунонии барномавию ҳадафманд ба ҳисоб меравад» [84, С. 46].

Аз нигоҳи мо ҳангоми ташаккули лоиҳаи буҷети ҳадафманди корхона, аз тартиби муайяншудаи пайдарпай истифода намуда, дар аввал модели мавҷудбудаи корхона таҳлил ва омӯхта шуда, баъд аз он ба ташаккули сохтори молиявии корхона бархӯрд намуда, ба ташкили сохтории буҷетии он оғоз намудан лозим аст. Баъдан дар такя ба усулҳои эътимодноки банақшагирӣ барномаи буҷетикуниро интихоб намудан лозим аст.

Яке аз сабабҳои асосии ғайрисамаранок ба роҳ мондани равандҳои буҷетикунонӣ нарасидани кадрҳои мутахассис дар соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад. Дар назар аст, ки заминаҳои ибтидой барои татбиқи лоиҳаҳои ҳадафманди буҷети барномавӣ аз зинаҳои поёнии идорӣ сарчашма мегиранд, ки ин раванд мавҷудияти мутахассисини донандаи асосҳои

буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахшҳову соҳаҳоро талаб мекунад. Маҳз, бо ҳамин хотир дар доираи фаъолияти бахшҳои ба молияи мақомотҳои маҳалливу минтақавӣ (ҷамоат, шаҳр, вилоят) мутааллиқбуда бояд лоиҳаҳои омӯзишӣ–тренингӣ коркард ва дар амал татбиқ карда шаванд.

Мусаллам аст, ки сатҳи нокифояи дониши одамон вобаста ба равандҳои молиявӣ чи дар сатҳи хонавода ва чи дар сатҳи идораи объектҳои иқтисодӣ ба самаранокии фаъолияти онҳо латма мезанад. Ба андешаи А.Е. Судакова «Сатҳи поёнии донишҳои молявии аҳолӣ на танҳо ба некӯаҳволии одамон таъсири манфӣ дорад, балки дар маҷмуъ метавонад таъсири баде ба кулли системаи молиявӣ расонад. Масалан аз нодуруст ба нақша гирифтан ва мавҷуд набудани дарки дурусти даромаду хароҷотҳо метавонад ба қарздор, муфлис шудан оварда, ҳамчунин боиси пайдо шудани равандҳои фиребгарӣ ва пайдо шудани аҳромҳои молиявӣ гардад, ки дар миқёси бузургаш ин омилҳо метавонанд ба сар задани буҳронҳои молиявӣ мусоидат намоянд» [132].

Дар шароити муосир сармояи инсонӣ омили муҳимтарини пешрафт ва рушди иқтисодиёт мебошад. Аз рушд ёфтан ва инкишоф кардани сармояи инсонӣ, мутахассисони идоракунанда, махсусан дар зинаҳои идоракунии поёнии омодасозандаи лоиҳаҳову ҳуҷҷатҳо, коркард ва татбиқи самараноки лоиҳаҳои буҷети ҳадафманд вобастагии зич дорад. Айни замон вобаста ба муҳити идоракуние, ки дар кишвар инкишоф ёфта истодааст, аксари мутахассисони идоракунанда, махсусан дар сатҳи минтақаҳову маҳалҳо бештари фаъолияти худро пас аз гирифтани супоришҳо аз ҷониби мақомоти зинаҳои болоӣ амалӣ мекунанд, яъне фаъолияти онҳо қолабӣ буда, аз унсури ташаббускорӣ орӣ мебошад. Дар ҳоле, ки дар назди онҳо, ҳамчун вазифаи асосӣ пайдо намудани мушикилот дар ҷодаҳои рушд кардани маҳалҳо ва омода сохтани лоиҳаҳои ҳадафманди зарурӣ барои бартараф намудани омилҳои

боздорандаи рушд, фаъол гардонидани равандҳои ба рушди соҳаву корхонаҳо мусоидаткунанда, ва ҷалби сармоя барои татбиқи ин лоиҳаҳо меистад.

Ҳамин тавр, мутахассисони бахшҳои иқтисодӣ, махсусан мутахассисони бахши молия барои бурдани корҳои ба молия, молиёт, тиҷорат, азнавтаҷдидсозӣ, харидани таҷҳизот ва амсоли инҳо сарукор дошта, иттиллооти вобаста ба таҳлили ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти молиявии корхонаҳоро доро мебошанд ва ҳангоми қабули қарорҳои дахлдори молиявӣ ва ба ҷалби сармоягузориву равандҳои буҷетикунонӣ таъсир мерасонанд. Иштироки бевоситаи мутахасисини донишманду кордон дар ташаккули буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд саҳим буда, аз онон доштани маҳорату малакаи касбиро талаб мекунад, ки алъон мушкилоти асосӣ дар набудани донишҳои кофии тахассусии мутахассисон дар зинаҳои поёнии идоракунандаи мақомотҳои маҳаллӣ ва бахши менеҷменти корхонаҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳол он ки аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол тадбирҳои зарурии ҷалби сармоягузориҳо ба бахшҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоии кишвар андешида мешаванд ва то андозае ин тадбирҳо самараи худро оварда истодааст ва он ба лоиҳаҳои мақсадноки бахшҳои иқтисодиёт равона карда шудааст. Чуноне ки аз маълумотҳои омории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд «...Дар давраи ҳисоботии соли 2022 (то 1 январи соли 2023) дар доираи лоиҳаҳои амалкунанда 5 339,0 млн. сомонӣ (526,4 млн. доллар) аз худ карда шудааст, ки ин дар маҷмуъ ба 108 фоизи нақшаи молиявии давраи ҳисоботии соли ҷорӣ баробар аст. Дар маҷмуъ маблағҳои азхудкардашуда дар энергетика дар доираи 16 лоиҳа 2 015,1 млн. сомонӣ (197,6 млн. доллар), ё ин ки 103 фоизи нақша, дар нақлиёт дар доираи 13 лоиҳа 1 561,9 млн. сомонӣ (153,1 млн. доллар), ё ин ки 120 фоизи нақша, тандурустӣ дар доираи 9 лоиҳа 333,6 млн. сомонӣ (32,7 млн.

доллар) ё ин, ки 122 фоизи нақша, хоҷагии манзилию коммуналӣ дар доираи 12 лоиҳа 312,2 млн. сомонӣ (30,6 млн. доллар), ё ин ки 103 фоизи нақша, кишоварзӣ дар доираи 2 лоиҳа 148,0 млн. сомонӣ (14,5 млн. доллар), ё ин ки 95 фоизи нақша, экология ва ҳолатҳои фавқулодда дар доираи 6 лоиҳа 205,0 млн. сомонӣ (20,1 млн. доллар), ё ин ки 103 фоизи нақша, маориф дар доираи 5 лоиҳа 331,5 млн. сомонӣ (32,5 млн. доллар), ё ин ки 104 фоизи нақша, ирригатсия/обёрӣ дар доираи 3 лоиҳа 217,3 млн. сомонӣ (21,3 млн. доллар), ё ин ки 141 фоизи нақша, дигар соҳаҳо (гумрук, молия, сайёҳӣ ва ғ.) дар доираи 6 лоиҳа 240,7 млн. сомонӣ (23,6 млн. доллар) ё ин, ки 88 фоизи нақшаро ташкил медиҳанд (расми 3.1.1)» [127].




**Расми 3.1.1 - Маълумот оид ба иҷрои нақшаҳои молиявӣ дар моҳҳои то аввали соли 2023, дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда аз рӯйи соҳаҳо, млн. доллари ИМА**

**Сарчашма:** Маълумотҳои расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маълумот оид ба иҷрои нақшаҳои молиявӣ, дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда аз рӯйи соҳаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки дар маҷмуъ ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳо то аввали соли 2023 дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт самаранок аз худ карда шудаанд. Аз ҷумла, сармоягузориҳо дар бахши саноат ва энергетика дар кишвар тайи солҳои охир хело вусъатнок ҷалб гардидаанд. Чун аз маълумотҳои расмии омории дарболоовардашуда бармеояд,

сармоягузориҳои бахши саноат дар соли 2022 нисбат ба дигар соҳаҳо ҳиссаи бузургро касб намудааст.

Тадбирҳои Ҳукумати кишвар дар доираи ҷалби сармоягузориҳо барои лоиҳаҳои миллӣ самаранокии худро бараъло ифода карда истода бошанд ҳам, аммо дар ин замина коркарди лоиҳаҳои буҷетикунонии мақсадноки корхонаҳо, соҳа дар вилоёту минтақаҳо ва шаҳрҳо мураккаб боқӣ мемонад.

Чи хеле ки дар боло зикр карда шуд, мушкилоти асосӣ дар малакаи кормандони зинаҳои поёнии бахши молияи соҳаҳову корхонаҳо, ноҳия ва минтақаҳо дар ташаккулдиҳии лоиҳаҳои ҳадафманди буҷетикунонӣ зоҳир меёбад. Қисмати зиёди лоиҳаҳои буҷетие, ки аз ҷониби онҳо коркард ва пешниҳод карда мешаванд, дар бештари ҳолатҳо, қабул нагардида, мавриди татбиқ қарор намегиранд, ки боз ҳам зарурат доштани ташкили лоиҳаҳои омӯзиширо айён менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кадрҳои идоракунанда, махсусан дар самти идоракунии равандҳои молиявӣ аз касбият ва дараҷаи қобили қабул ҷиҳати коркард, пешниҳод, муаррифӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи буҷетикунонии ҳадафманд бархӯрдор нестанд.

Ҳамин тавр барои ташкили лоиҳаҳои омӯзишӣ пеш аз ҳама омодасозии лоиҳаи мақсадноки хароҷотҳои ба он равонамегардида зарур мебошад. Бояд тазаккур дод, ки дар адабиёти муосир лоиҳаи омӯзиширо бо истилоҳи «тренинг» ифода мекунанд, ки он шакли омӯзиши интенсивиест, ки вобаста ба вақти муайян дар он маҳорату малакаи зарурӣ аз ҷониби мутахассисони варзида ба аудитория пешниҳод карда мешавад, ки равандҳои баргузории он метавонад бо иштироки мутахассис ва бе иштироки он (онлайнӣ) амалӣ карда шавад. Дар он усулҳои махсуси интихобии таъсиррасонӣ нисбат ба шунавандагон истифода гардида, тавассути онҳо рушди маҳорати касбӣ ва малакаҳои ихтисосии иштирокчиён ташаккул дода мешаванд.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи вазорату ташкилотҳо баргузории тренингҳои дорои хусусиятҳои хоси соҳавии омӯзишӣ ба таври фарох ба роҳ монда шудаанд. Муҳаққиқон бар он назаранд, ки «...мубрамият ва пешрафти тренинг ҳамчун шакли фаъолият, ки ба дараҷаи баланди таҳқиқотбарӣ ва рушд додани малакаи худии иштирокчиён равона мегардад, омили асосии шинохту ташаккули шахсият мебошад ва метавонад дар рушди касбии шахсиятҳо таъсири баланд расонад» [38, С. 42; 123; ].

Баргузории тренинг дар ибтидо кори сода намояд ҳам, аммо дар асл он аз сохтори мураккабе таркиб меёбад, ки татбиқи он шароити мусоид барои иртиботи байни иштирокчиёнро фароҳам меоварад. Худи таркиби баргузории тренинги омӯзишӣ барои ноил гардидан ба мақсадҳои дар раванди таълимот ва омӯзиш вогузошташуда дар дараҷаи хело баланд мусоидат менамояд. Дар ин замина бо дарназардошти мавқеи фаъол ва таҷрибаи кории мутахассисоне, ки дар доираи тренинг фаро гирифта мешаванд, маҳоратҳои касбии онҳо афзоиш меёбанд ва дар натиҷа, истифодаи амалии донишҳои азбаршуда ва табодули иттилооти нав барои қабули қарорҳои дуруст поя хоҳад гузошт.

Пеш аз ҳама бояд дар назар дошт, ки баргузории лоиҳаи омӯзишии ташаккули банақшагирии буҷети ҳадафманд бояд дар заминаи давраҳои амалишавии он дида баромада шавад ва модели баргузорӣ ва амаликунии он пешопеш ба нақша гирифта шавад. Таҳлили адабиёт ва корҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ки ба ташаккул ва баргузории лоиҳаҳои омӯзишии ҳадафманд нигаронида шудаанд, нишон медиҳад, ки ин раванд тартиби хос ва диққати махсусро талаб мекунад. Аз ҷониби мо таҳлилҳои омӯхташуда дар намуди расми 3.1.2 хулосабарорӣ карда шуда, консепсияи таҳияшудаи тартиби ташкил ва баргузории лоиҳаҳои омӯзишии ҳадафманд пешниҳод карда мешавад.




**Расми 3.1.2. - Консепсияи ташаккули равандҳои лоиҳаи омӯзишии буҷетикунонии ҳадафманд**

**Сарчашма:** коркарди муаллиф

Ҳамин тавр, метавон иброз намуд, ки тартиби ташкил ва баргузории лоиҳаҳои омӯзишии ҳадафманд чорабинии мураккаб мебошад ва диққати махсусро талаб мекунад. Бояд қайд намоем, ки дар раванди ташкил ва тартиби лоиҳаи омӯзишӣ барои дастрас намудани маълумоти кофии зарурӣ ва татбиқ намудани маълумотҳои омӯхтамешуда бояд тибқи нақшаи дуруст тартибдодашуда ва баркашидашуда ба роҳ монда шавад.

Тартиби амалисозии лоиҳаи омӯзишӣ барои ташкили лоиҳаҳои ҳадафманди буҷет чор давраро фаро гирифта, ҳар як давра марҳилаҳои омӯзишии ба худ хосро доро мебошад ва тавассути ду модели асосӣ амалӣ карда мешавад. Дар ин раванд донишҳои иштирокчиён ва таҷрибаҳои онҳо, инчунин маҳорату малакаи дар раванди омӯзиш гирифташудаи онҳо истифода шуда, дастаҷамъона оид ба мушкилот ва мураккабиёти дар доираи ташаккул додан ва татбиқ намудани лоиҳаҳои ҳадафманди буҷетӣ зуҳуркунанда бо истифода аз абзори мутафовити муосири техникӣ қарорҳои мусоид қабул карда мешаванд ва лоиҳаҳои омӯзишӣ тартиб дода мешаванд. Дар навбати худ аз ҷониби координаторҳо лоиҳаи тартибдодашуда мавриди ташхис, таҳлил, баррасӣ ва баҳодиҳӣ қарор мегирад.

Мақсади асосии ташкили лоиҳаи омӯзишӣ ин ташаккули инъикоси системавии идораи буҷетикунонии ҳадафманд ва омӯзонидани принсипҳои ташкил додани сохтори молиявии корхонаҳо, маҳалҳо ва минтақаҳо буда, дар ин замина бояд сохтори фарққунандаи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд ҳамчун роҳ ё усули самаранок ифшо гардида, барои банақшагирии стратегӣ аҳаммияти калон доштани он аниқ карда шавад. Зеро дар замони муосир буҷетикунонии барномавию ҳадафманд чи дар доираи корхонаҳо ва чи дар доираи минтақаҳои алоҳида воситаи асосӣ ва самаранок барои ба мақсад ноил гардидан ба ҳисоб меравад.

Албатта баргузор намудани барномаи омӯзиши ё тренинг вобаста ба ҳадафҳояш хароҷоти муайянро талаб мекунад, ки онро пешакӣ бояд таҳия намуд. Таҳия, баррасӣ ва тасдиқи хароҷоти лоиҳаҳои тренингии ба омӯзиш, коркард ва татбиқ намудани лоиҳасозӣ дар бахши буҷетикунонии барномавию ҳадафманди корхонаҳои саноатӣ бахшидамешуда аз худ як навъ омодасозии лоиҳаи буҷетиро инъикос мекунад. Ҷанбаҳои молиявии лоиҳаи омӯзишӣ бояд тавассути маъмурияти ташкилкунандагони лоиҳа ба назар гирифта шаванд. Аз ҷумла, хароҷотҳо бояд дар доираи татбиқи лоиҳаи омӯзишӣ тавассути меъёрҳои дар доираи амалишавии он баинобатгирифташуда тақсимот карда шаванд ва бояд сода бошанд. Пеш аз ҳама таснифоти онҳо, гуруҳбандӣ ва мутобиқ гардонидани хароҷотҳо, тартиб додани лоиҳаҳи пешакӣ таҳлишуда ва тасдиқгардидаро талаб мекунад. Хароҷотҳо барои ташкили лоиҳаи омӯзишии буҷетикунонии ҳадафманди бахши саноат аз таснифоте иборат буда метавонанд, ки онҳо дар намуди модели консептуалии 3.1.3 инъикос гардидаанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар баргузории лоиҳаи омӯзишӣ, хароҷотҳо қаблан ба нақша гирифта шуда, дар доираи лоиҳа ба инобат гирифта мешаванд. Ба тариқи мисоли мушаххас мо метавонем инъикоси лоиҳаеро пешниҳод кунем, ки дар доираи баргузор намудани барномаи байналмилалии «TEMPUS» хароҷотҳо барои як нафари дар доираи лоиҳаи омӯзишӣ фаъолияткунанда, вобаста ба кишварҳо ба таври зерин муайян карда шудааст (ҷадвали 3.1.1).




**Расми 3.1.3. - Таснифоти хароҷотҳои лоиҳаи омӯзишии буҷетикунонии ҳадафманд**

**Сарчашма:** коркарди муаллиф

Айни ҳол тибқи дастури бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кормандони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се сол як маротиба аз аттестатсия гузаронида мешаванд. Омӯзиш, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани тахассуси кормандони давлатӣ солҳои охир яке аз масоили муҳим шуморида мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омӯзишҳои ҳадафманд дар самти баланд бардоштани маърифати

молиявии кормандони давлатӣ, бахусус, дар минтақаҳо ва ҳудудҳои деҳот, ба таври кофӣ ва самаранок ба роҳ монда нашудааст. Аз ҷумла, фарогирии мутахассисон дар доираи баргузории лоиҳаҳои омӯзишии буҷетикунонии ҳадафманд дар минтақаҳои кишвар то ин замон ба вуқуъ наомада, дар доираи корхонаҳо бошад аслан мавҷуд нест.

Аз ҷониби мо, дар мавриди амалисозии таҳлили кори таҳқиқотӣ, дар бештари корхонаҳои саноатии манотиқи гуногуни кишвар, муайян гардид, ки мутахассисони бахши молияи корхонаҳо ва идораҳои мақомоти давлатии маҳалҳо то ба ҳол дар мавриди коркард ва татбиқи лоиҳаҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд маълумоти кофӣ надоранд.

Аз ин лиҳоз барпо намудани лоиҳаҳои омӯзишӣ дар ин бахш боз ҳам аҳаммиятнокии хосса пайдо менамояд, ки дар ин замина нақши боризи марказҳои такмили ихтисос дар заминаи вазоратҳо ва муассисаҳои олии таълимӣ хеле баланд мебошад.

**Ҷадвали 3.1.1. – Меъёрҳо ва тарофаҳои хароҷотӣ барои як нафар дар доираи ташкил намудани лоиҳаи омӯзишӣ, воҳиди шартӣ**

| **Кишвар** | **Мудирияти барнома** | **Коркарди маводҳо** | **Ашхоси ёридиҳанда** | **Дигар шахсон** |
|---|---|---|---|---|
| Олмон | 420 | 311 | 210 | 204 |
| Испания | 322 | 221 | 181 | 118 |
| Лаҳистон | 110 | 93 | 66 | 50 |
| Молдова | 81 | 72 | 51 | 36 |
| Россия | 176 | 152 | 111 | 81 |
| Украина | 141 | 126 | 96 | 71 |
| Гурҷистон | 101 | 91 | 71 | 51 |
| Узбекистон | 61 | 51 | 41 | 36 |

**Таҳияи муаллиф**
**Сарчашма:** **https://bsaa.edu.ru/science/gorizont2020/akuljshina_byudzhet_proekta.pdf**

Дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Маркази такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии соҳаи молияи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» фаъолият менамояд, ки он бештар барои баргузории дарсҳои машваратӣ–омӯзишӣ барои хизматчиёни давлатӣ курсҳо ташкил менамояд ва дар заминаи маркази мазкур «Маркази

такмили ихтисоси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» таъсис ёфтааст ва дар самти баланд бардоштани савияи тахассуси кормандони Донишгоҳ ва хизматчиёни давлатии соҳаи молия фаъолият менамояд.

Ин марказ 03.11.1998 ҳамчун ташкилкунанда ва баргузоркунандаи курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси кормандони роҳбарикунанда ва мутахассисони мақомотҳои низоми молиявии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дода шуда, аз соли 2009 ҳамчун «Маркази такмили ихтисоси кормандони молия» кору фаъолият менамояд.

Тайи солҳои 2006–2012 дар марказ давоми як сол дар доираи 4 курси омӯзишӣ семинарҳои таълимӣ–омӯзишӣ баргузор карда мешуданд, ки дар ин давра дар маҷмуъ 56 тренинг гузаронида шуда, 1568 мутахассисони соҳаи молия бо бозомӯзӣ фарогирӣ карда шудаанд. Аз моҳи январи соли 2012 шуруъ намуда, барои васеъ намудани тахассусияти курсҳои бозомӯзии мутахассисон, дар маркази мазкур аз 6500 ва зиёда муассисаҳои дар доираи буҷети кишвар кору фаъолияткунанда беш аз 150 нафар мутахассиси варзида аз шумори мутахассисини бевосита ба тақсимоти буҷет сарукор дошта, ба ҳайси мураббӣ интихоб гашта, дар раванди баргузории машваратҳои тренингӣ дарс гузаштанд.

Дар ин давра бештар аз тарафи дастаи теренерони ба курсҳо вобастагардида ба бухгалтерони бахшҳои гуногуни фаъолият се давраи омӯзиши тахассусӣ ба роҳ монда шуда, гузаштан аз ҳисоби маъмули пешина ба ҳисобҳои нав, омодасозии ҳуҷҷатҳо барои ҳисоботҳои нав ва омӯзонидани мукотиба тибқи нақшаи ягонаи ҳисобҳо ва инчунин тартиби омода намудани ҳисоботҳои молиявӣ амалӣ карда шуданд. Баъдан доираи фаъолияти тахассусии курсҳои омӯзишии марказ дар соли 2015 афзоиш ёфта, миқдори кормандони дар таълимот фаромегирифта танҳо аз Вазорати молия 2160 нафарро ташкил дод. Солҳои минбаъда (солҳои

219–2020) низ фаъолияти марказ васеъ гардонида шуда, семинарҳо ва курсҳо зиёд шуданд.

Аммо бояд зикр намуд, ки сол ба сол курсҳои тренингии марказ зиёд гардида бошанд ҳам, вале, чи хеле ки аз ҳисоботҳои солонаи пешниҳоднамудаи марказ бармеояд, дар доираи курсҳои омӯзишӣ вобаста ба таълими буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, чи дар доираи лоиҳаҳои корхонаҳо, чи дар доираи лоиҳаҳои маҳалҳову минтақаҳо баргузор намудани курс ва ё семинари махсус ба қайд гирифта нашудааст. Ин пеш аз ҳама ба он вобастагӣ дорад, ки фаъолияти марказ то ба ҳол ба дараҷаи ба мақсади татбиқи лоиҳаҳои буҷетии ҳадафманд мутобиқ мувофиқ карда нашудааст. Гарчанде маълумотҳои пешниҳодшудаи марказ далолат ба он медиҳанд, ки дар доираи барномаҳои омӯзишӣ унсурҳои хоси ба буҷетикунонии барномавию ҳадафманд созгорбуда ва дар раванди татбиқи он истифодашаванда аз қабили «Барномаи SGB. net», «Усулҳои идоракунии буҷети ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ», «Банақшагирии буҷети давлатӣ (кор бо SGB. net)», «Банақшагирии буҷети давлатӣ» ва амсоли онҳо солҳои охир дар масири омӯзиши мутахассисон қарор гирфтааст [159].

Чи хеле ки аз таҳлилҳо бармеояд, ҳанӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани ташкили дурусти лоиҳаҳои омӯзишии буҷетикунонии ҳадафманд дар бахши саноат ва коркарди онҳо дар корхонаҳои саноатӣ инкишоф наёфтааст. Ин аз як тараф ба аҷзи системаи буҷетикунонии корхонаҳову бахшҳои иқтисодиёти миллӣ вобаста ба татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд ишора намояд ҳам, аз тарафи дигар водор месозад, ки ба ташкили лоиҳаҳои омӯзишӣ барои мутахассисони бахши молияи соҳаҳову корхонаҳо нигоҳи ҷиддӣ дошта бошем. Аз ин лиҳоз коркард ва татбиқи лоиҳаҳои омузишии буҷетикунонии ҳадафманд дар бахши саноат метавонад ба заминаҳои

гузошташудаи нақшаҳои стратегии миллӣ дар бахши буҷетикунонии бахшҳои иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи саноати кишвар такони ҷиддӣ диҳад.

Вобаста ба татбиқи лоиҳаҳои омузишии буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар бахши саноат Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд барои ташкили марказҳои таълимӣ–бозомӯзии кадрҳо дар маҳалҳову минтақаҳои кишвар ҳамчун ниҳоди асосии идоракунандаи фаъолияти буҷетии кишвар ташаббуси махсуси ташаккулдиҳиро ба роҳ монад. Коркард ва татбиқи лоиҳаҳои омузишии буҷетикунонии ҳадафманд дар бахши саноат дар фарқият аз лоиҳаҳои омӯзишии мавҷудбуда бояд дорои унсури хоси инноватсионӣ ва ба талаботҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳои иқтисодӣ ҷавобгӯ буда, махсусан фарогири чунин ҳадафҳо бошад:

– коркарди буҷетҳои ба ҳам алоқаманди бахшҳову корхонаҳо вобаста ба ҳадафҳо, натиҷа, даромад, зарар ва тавозуни буҷет;

– муайян сохтани давраҳои коркард ва татбиқи буҷети барномавию ҳадафманди корхона ва омӯзиши тамоюлҳои он;

– баҳогузории эътимодноки лоиҳаҳои буҷети барномавию ҳадафманди корхонаҳо;

– татбиқи воситаҳои муосири таҳлили дуруст ва эътимодноки иҷроиши уҳдадориҳои буҷет, ки ба бахшҳо вобаста карда шудаанд;

– истифодаи методика ва усулҳои фаъоли банақшагирии лоиҳаҳои буҷетӣ ва тиҷоратӣ;

– муайян кардани равишҳои муосири пешрафтаи буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла бахши саноат ва корхонаҳои ба он мутааллиқбуда;

– муайян сохтани принсипҳои асосии системаи буҷетикунонии ҳадафманди корхона вобаста ба сохтори молиявии он.

Дар ҳолати ба таври дуруст ба роҳ мондани ҳадафҳои зикргардида, ташкили лоиҳаҳои омӯзишии буҷетикунонии ҳадафманд метавонад барои

самаранок гардидани системаи молиявӣ ва баланд бардоштани савияи маҳоратҳои касбии мутахассисон замина гузорад. Маърифати молиявии кормандони давлатӣ, махсусан, дар сатҳи манотиқи камтаррушдёфтаи ҷумҳурӣ метавонад боиси ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисодии кишвар гардад. Суръат бахшидан ба фаъолияти сармоягузории давлатӣ ба бахшҳои мухталифи иқтисодиёти минтақаҳо аз маърифати молявӣ ва савияи касбии кормандони давлатӣ вобастагии зиёд дорад.

Ҳамчунин, бояд дар назар дошт, ки ташкил намудан ва ба роҳ мондани лоиҳаҳои омӯзишии буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд мутобиқ ба талаботҳои замони муосир, аз ҷумла дар доираи гузариши иқтисодиёт ба шаклҳои нав (иқтисоди рақамиву инноватсионӣ) омили асосӣ мебошад ва ба рушд намудани бахшҳои иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард. Аз ин лиҳоз, дар навбати худ, ворид сохтани унсурҳои равандҳои иқтисоди рақамӣ дар мукаммалгардонии равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди корхонаҳои саноатӣ таҳлили ҳамаҷониба ва фарохро талаб мекунад, ки онро дар бахши ояндаи кори таҳқиқотӣ ироа хоҳем намуд.

## 3.2. Хусусиятҳои татбиқи буҷетикунонии ҳадафманди рушди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ

Аслан муносибатҳои молиявӣ дар доираи равандҳои молиявии дилхоҳ намуди фаъолият, воситаҳои (фондҳои) пулии марказонидашуда ва ғайримарказонидашударо истифода бурда, равандҳои тақсимоти онҳоро идора мекунанд. Аз ин лиҳоз усулҳои ба равандҳои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ , истифода ва муайян намудани роҳҳои самаранокона хароҷот намудани онҳо чи аз ҷониби давлат ва чи аз ҷониби корхона бошад, гуногуншакл буда, аз омилҳои сершуморе вобастагӣ дорад, ки муносибатҳои ҷиддии ҳуқуқиву иҷтимоиро талаб мекунад.

Дар заминаи воридшавии рақамикунонӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ ҳамчун унсури зарурӣ ва ногузири бавуҷудомада, буҷетикунонӣ ва равандҳои ба он алоқаманд, аз ҷумла буҷетикунониии барномавию ҳадафманд ҳамчун соҳаи мувофиқаткунанда ба ин раванд баромад мекунад. Аз тарафи дигар, бахши буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дорои авомили махсусгардонидашудаи категорияҳои иқтисодӣ мебошад, ки метавонад нисбат ба дигар соҳаҳо раванди татбиқи рақамикунониро дар худ ба таври мусоид ва муфид таҷассум намояд. Ба ақидаи Н.В. Омелехина «хусуситяти хоси дар дараҷаи баланд ба рақамикунонӣ мусоид будани буҷет дар он ифода меёбад, ки элементи марказии он – яъне буҷет худ дорои «муҳтавои рақамӣ» мебошад. Чун агар ба рақамикунонӣ ҳамчун криптографикунонии иттилоот тавассути коде бингарем, ки аз рақамҳо иборат буда, табодул ва нигоҳдории ин иттилоот тавассути барандаҳои ғайриқоғазӣ (яъне тавассути воситаҳои электронӣ ва алоқаҳои телекомуникатсионӣ) амалӣ мегардад, пас метавон тасдиқ намуд, ки рақамикунонии (бо дигар ибора компютерикунонӣ) буҷет амалӣ шудааст» [101, С. 128].

Ҳамин тавр дар давроне, ки равандҳои рақамикунонӣ бо суръати баланд идома доранд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати коркарди мутобиқати равандҳои ба буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳо (аз ҷумла, дар доираи корхонаҳои саноатӣ) дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, амри ногузир буда, такомули сиёсати буҷетӣ ва мукаммалгардонии методикаи тартиб додани лоиҳаҳои ба ин намуди буҷетикунонӣ алоқаманд, аҳаммияти хосса пайдо мекунанд. Дар ин замина рақамикунонии буҷет, ки то ба ҳол самаранокии татбиқи итилоотикунониро бархӯрдор намебошад, бояд бо равандҳои пешсафи рақамикунонӣ мутобиқ гардонида шавад. Чун айни замон иттилоотикунонӣ дар доираи равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳо дар доираи корхонаҳо орӣ аз самаранокии мутобиқ

ба ҳадафҳои гузошташуда буда, автоматикунонӣ ва банақшагирии лоиҳаҳои буҷетӣ танҳо дар доираи замимаҳои электронии имкониятҳояшон маҳдуд ва номубрам амалӣ карда мешавад. То ба ҳол дар доираи ташаккули лоиҳаҳои буҷетикунонӣ воситаи пешқадами мавриди истифода ҷадвалҳои электронӣ буда, мубодилаи иттилоот то ба ҳол васоити коммуникатсионии куҳна ва ҳуҷҷатнигории қоғазиро истифода мекунад. Ҳол он ки дар ҷаҳони мутамаддин бештари равандҳои хоҷагидорӣ ба равандҳои рақамикунонии пешсаф мутобиқ гардонида шудаанд.

Вобаста ба муҳтавои буҷетикунонӣ дар шароитҳои рақамикунонии иқтисодиёт аз ҷониби О.С. Евменчик қайд мегардад, ки «Таҳти маҳфуми буҷетикунонии рақамӣ, бидуни иддао кардан ба таърифи ягона, метавон иброз намуд, ки он чунин тарзи ташкили равандҳои буҷетие мебошад, ки дар доираи равандҳои банақшагирӣ, назорат, таҳлил ва танзиму идоракунии буҷетикунонӣ иттилооти ба он вобаста ғолибан тавассути усулҳои рақамӣ коркард карда мешаванд» [47].

Иттилооти буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар шакли рақамӣ бештар фаҳим гардида, барои ҷузъҳои дигари равандҳои он дар равандҳои банақшагирӣ ва назорати натиҷаҳои бадастмеомада осон мегардад ва дар натиҷа равандҳо содатар гардида, самаранокӣ афзун мегардад.

Ҳамин тавр дар натиҷа се ташкилдиҳандаи буҷетикунонии рақамиро ҷудо мекунанд, ки нахустини он «иттилооти рақамӣ» мебошад, ки кулли маълумотҳои буҷетӣ ба намуди рақамӣ табодул гардида, танҳо дар асоси онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд. Дар навбати дуюм «равандҳои рақамӣ» меистанд, ки тибқи онҳо тамоми равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд автоматикунонида гардида, дар натиҷа хароҷотҳо ва муҳлати тасдиқ кам мегарданд. Мақоми сеюмро «муҳити рақамӣ» касб менамояд, ки низомҳои иттилоотии доираи

буҷетикунонӣ дар муҳити ягонаи он амал карда, самаранокии рақамиро афзоиш медиҳанд [47].

Таҷрибаҳо исбот намудаанд, ки татбиқи рақамикунонии равандҳои буҷетикунонӣ самараи хуби иқтисодии хешро инъикос карда тавонистааст. Аз ин лиҳоз ҳар чи барвақттар ба он аҳаммияти ҷиддӣ додан ва тақвият бахшидан ба равандҳои ташаккулу татбиқ намудани он дар доираи буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар доираи коркарди лоиҳаҳои буҷетии корхонаҳои саноатии он ба мақсад мувофиқ буда, дар масъалаҳои самаранокӣ ва шаффофияти буҷетикунонии барномавию ҳадафманд такон хоҳад дод.

Чи тавре ки дар бахшҳои пешинаи кори таҳқиқотӣ масъалаи коркард ва татбиқи лоиҳаҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида буд, дар алоқамандии мантиқӣ ба он мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додани воситаҳо ва абзорҳои ба рақамикунонии равандҳои буҷетикунони муосидаткунанда ва аз лиҳози илмӣ асоснок кардани онҳо ба мақсади таҳқиқот мувофиқ мебошад. Тақозои замони муосир ва табодули иқтисодиёт ба рақамишавии донишҳои соҳавиву технологии муосиру навини ихтисосиро ба миён гузошта аст.

Дар шароитҳои муосири рушди бемайлони равандҳои ҳам дохиликорхонавиву ҳам равандҳои беруна, барои корхонаҳои бахши саноатӣ доштани воситаҳо ва абзори идоракунӣ шарти зарурӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳадафмандона таъсир расонидани онҳо муайян карда шуда, аз ҷониби мутахассисони бахшҳои идоракунӣ ба таври мустақил дар таҷриба ва амалия истифода хоҳанд шуд. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки айни замон дар доираи равандҳои фаъолияти аксари корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон машваратҳои доимӣ оид ба ташаккул ва идоракунии хароҷотҳои буҷеташон хело кам амалӣ карда мешаванд, ки

ин бошад боз ҳам мубрамияти татбиқи принсипи худомузии корхонаҳоро асоснок мекунад. Ҷузъиёти онро кушода, метавон иброз намуд, ки барои татбиқи амалии ин раванд танҳо имконияти (мавҷудият) доро будан ба истифодабарии абзори зарурӣ кифоя мебошад, ки он абзор ва ё восита айни замон фаъолият мекунад ва онро метавон дар доираи фаъолияти корхонаи мушаххас амалан татбиқ намуд ва чунин васоит бояд на танҳо идораву танзими ташаккулдиҳӣ, назоратбарӣ ва куллан мутобиқ кардани мақсадҳои ноилмегардидаро ба инобат гирад, балки барои дар оянда ба паёмадҳо аксуламал нишон додан ва ба дарки онҳо расиданро низ амалӣ карда тавонад.

Аз ҷониби мо, ба ҳайси яке аз низомҳои идорӣ, пешниҳод карда мешавад, ки чунин як тарзи буҷетикунонии барномавию ҳадафманде дида баромада шавад, ки битавонад на танҳо ба ҳайси буҷете баромад кунад, ки хароҷотҳои корхонаро дар бурришҳои гуногун аниқ ва дуруст асоснок гардонад, балки тамоюлҳо ва тағйирёбиҳои гуногунсамти бамиёнмеомадаи равандҳои фаъолиятро муайян карда, онҳоро ба тартибу танзим дароварда, алоқаи баръакси ба равандҳо мутобиқро таъмин бикунад. Дар ин асно равандҳои идоракунӣ (дар дораи танзим ва идораи равандҳои буҷетӣ) тавассути низомҳои баҳисобгирӣ мутобиқ ба намудҳои асосии иттилоот амалӣ карда шуда, дар натиҷа дар доираи баргузории таҳлилҳои амиқ тамоюлҳо муайян гардида, баҳогузорӣ намудани ҳолатҳои бамиёнмеомада ва мутобиқгардонии қарорҳои қабулмегардида амалӣ мешаванд.

Ҳамин тавр барои ноил гардидан ба самаранокии идоракунӣ ва назорати равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди корхонаҳои саноатӣ, бояд назорати доимии тамоюлҳои бамиёнмеомадаи корхонаҳои саноатӣ амалӣ карда шаванд ва таъсири онҳо муайян карда шуда, роҳҳои пешгирӣ намудани таъсири номуносиби онҳо коркард карда шаванд. Ин равандро татбиқи воситаҳои муосири рақамӣ суръатнок гардонида,

самаранокии онро бамаротиб афзоиш медиҳад. Барои татбиқи алоқамандии тарҳи густурдаи стратегии корхона бо тарҳи идораи равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди он аз ҷониби мо, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додани таъминоти барномавии муосири ба равандҳои рақамикунонии томи буҷетикунонӣ дар доираи барномаҳои ҳадафмандаш мутобиқаткунанда пешниҳод мегардад, ки мувофиқ ба мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ мебошад.

Низоми муосире, ки татбиқи хешро дар таҷриба ба ҳайси низоми мусоидаткунандаи татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар корхонаҳои саноатӣ муаррифӣ кардааст, «низоми банақшагирӣ, сохтани барномаҳо ва буҷетикунонӣ» – ба истилоҳ «Planning programming budgeting system (PPBS)» мебошад [34].

Маҳаки асосии татбиқи усули таҳлил аз рӯйи моддаҳои сохтори буҷет дар муайянсозии ҷанбаҳои муҳимми стратегии идора намудани лоиҳаҳои буҷети барномавию ҳадафманд инъикос мегардад, ки дорои имкониятҳои фарох мебошад. Аз ҷумла, восита, абзор ва замимаи хуби таҳлилӣ ва пешниҳодкунандаи барномаҳои аосноки лоиҳаҳои буҷети ҳадафманд буда, сохтори фаъолияти асосии корхонаҳоро муайян месозад. Дар доираи гузаронидани таҳлилҳо барномаҳои ба ҳам монанд ва бартарияти онҳоро муайян месозад. Ин усул расман шакли барномасозие мебошад, ки дар ташаккул додани буҷет, дар асоси таҳлили арзишии лоиҳаҳои буҷетӣ ва барномаҳое (лоиҳа), ки барои таҳлил ва баррасии хароҷоти буҷет ва натиҷаҳои интизорбуда равона гардидаанд, истифода мешавад.

Ҳамин тавр, дар асоси омӯзиш ва таҳлили таҳқиқотҳо ва хулосабарории корҳои олимони ватаниву хориҷӣ якчанд таъминоти барномавии низоми PPBS дида баромада шуданд, ки муҳтавои фаъолияти онҳо ва иқтидори технологии онҳо доир ба коркард ва татбиқи лоиҳаҳои

буҷетикунонии барномавию ҳадафманд ба таври зайл пешниҳод карда мешаванд:

**ADAYTUME. PLANNING.** Имкониятҳои ташаккули моделҳои дорои тахассусияти тиҷоратӣ ва миқёси калонро фарогиранда дошта, сохтори ташкилотии корхона ва банақшагирииии дастаҷамъонаро ба инобат мегирад ва алоқаҳои риёзӣ–мантиқиро татбиқ мекунад.

**BJET.** Тамоми равандҳои буҷетикунониро фарогир буда, ҷузъбандии дилхоҳ намуди маълумотҳоро иҷро мекунад. Вобастагии байни натиҷаҳои молиявӣ, фаъолияти корхонаву зерсохторҳои ба он мутааллиқбуда ва мавҷудияти воситаҳои буҷетии дар ихтиёри онҳо бударо мавриди таҳлил ва коркард қарор дода, имконияти содда намудани назорати иҷроиши буҷетро фароҳам меоварад.

**КОНТУР КОРПОРАЦИЯ. БЮДЖЕТ.** Дорои механизмҳои мантиқии молиявӣ буда, бурдани тамоми намудҳои ченкунии татбиқи лоиҳаҳои буҷетӣ дар корхонаҳо ва самтҳои мухталифи фаъолияти онҳоро таъмин менамояд. Имконияти паҳновари муттаҳидсозии маълумотҳо аз рӯйи вақт ва таҳлили буҷет доир ба натиҷагирии онро фароҳам оварда, унсурҳои таҳлилии банақшагирии буҷет аз рӯйи технологияҳои гуногунро доро мебошад. Таҳлили буҷетҳои марказонидашуда ва ғайримарказонидашударо амалӣ карда метавонад.

**PLAN DESIGNER**. Имконияти ба моделҳои сохташудаи буҷетӣ ворид сохтани тағйиротҳоро дошта, таҳлили ҳамаҷонибаи маълумотҳоро фаро гирифта, моделсозии визуалиро иҷро мекунад. Равандҳои автоматикунонии комплексии ташкил, банақшагирӣ, тасҳеҳият, моделсозиҳои сенариявӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти тамоми сохторҳои корхонаҳо, назорати маҷроҳои молиявӣ, тағйирёбиҳои захираҳои молиявиро таҳлил мекунад.

**PROPHIX.** Маълумотҳоро метавон ба система ба содагӣ ворид намуд. Имконияти васеи консолидатсияи автоматишудаи маълумотҳои

корпоративиро дошта, нақшаҳоро аз боло ба поён ва ё баракс муқоиса намуда, пешгӯӣ намудани тағйирёбиҳоро амалӣ мекунад. Эътимоднокии маълумотҳо, сенариясозиҳои гуногунро доро буда, сифати таҳлилро баланд мекунад ва бо қаторҳои вақтӣ ва тамоюли онҳо ҳисоббарорӣ мекунад.

**COMSHARE MPC.** Тавассути механизмҳои мантиқии молиявӣ алгоритми ҳисоб дар тамоми давраҳои буҷетикунониро доро буда, дар лаҳзаи вақти воқеӣ имконияти гузаронидани ҷузъиёткунӣ ва муайян сохтани хатоиҳоро фароҳам меоварад.

**HYPERION PILLAR.** Алгоритми ҳисоб тавассути механизми ягонаи танзимкунии шаблонҳо амалӣ карда мешавад. Имкониятҳои фарохи моделсозиро доро буда, тавассути ҷабаҷогузории шаблонҳо татбиқи маълумотҳои воқеӣ дар намуди натуралӣ ва намуди пулиро доро буда, имконияти ҳисоб кардани тағйирёбандаҳои системавӣ дар доираи тамоми давраҳои буҷет ва ҳисоби хароҷотҳои он ва ба назар гирифтани натиҷаҳои моливиро фароҳам меоварад.

**MS EXCEL**. Ҷадвали электроние, ки дар замимаи системаи омилии Windows кор мекунад ва имкониятҳои сершумори фарогирии равандҳои молиявиро доро буда, интерфейси сода ва оммафаҳм дорад. Дар фарқият аз масолеҳи дарболозикргардида воситаҳои ба раванди буҷетикунонӣ равонагардидаи маҳдудтар дошта бошад ҳам, аммо ба ҳайси абзори ҳисобкунандаи равандҳои автоматикунонидашуда метавон онро татбиқ намуд.

Ҳамин тавр, метавон иброз намуд, ки ба замми таъминоти барномавии дар болоовардашуда боз барномаҳои серушмори муосире аз қабили “Trello”, “Asana”, “Microsoft Teams” ва “Slack” мавҷуданд, ки дар доираи коркарди лоиҳаҳо ва масъалаҳои вобаста ба буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд ва барои самаранокона идора ва танзим намудани равандҳои таҳлилӣ ва бурдани мониторинги он истифода

гардиданашон мумкин аст, мавҷуд буда, тадриҷан такомул ёфта истодаанд. Аммо бояд дар назар дошт, ки яке аз омилҳои осон гардонидани таҳқиқоти маълумотҳои ба буҷетикунонии барномавию ҳадафманд мутаалликбуда, табодул намудани онҳо дар намуди рақамӣ мебошад ва дар таъминоти барномавии пешниҳодшуда, ки татбиқи амалии онҳоро дар доираи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд судманд мешуморем, пеш аз ҳама мусаллам аст, ки бурдани таҳлили маълумотҳои рақамӣ дорои шаклҳои гуногун буда, ҳар як субъекти хоҷагидори бахши саноат, дар доираи амалисозии лоиҳаҳои буҷети ҳадафманди хеш, бояд системаи буҷетикунонии мутобиқашро бо такя ба меъёрҳои пешниҳодгардида мавриди таҳлил қарор дода, амалӣ гардонад.

Банақшагирии буҷетӣ дар худ пешгӯии ноилгардӣ ба нишондиҳандаҳои ҳадафмандонаи равандҳои ба буҷет мутааликро инъикос менамояд ва ба принсипҳои гуногун такя мекунад. Барои ҳамин ҳам тавсия дода мешавад, ки ҳар як мутахассис бояд мустақилона таъминоти барномавии заруририро вобаста ба принсипҳои ба талаботҳои рушди корхона мутобиқ дар асоси равишҳои сенариявӣ танзим ва коркард намояд. Таъминоти барномавие, ки дида баромада шуданд, бештарашон ҳангоми истифодабарӣ ҳузури мутахассисони техникии махсусро талаб намекунанд. Кофӣ аст, ки мутахассисон онҳоро дар доираи курсҳои махсус ташкилшуда ва ё мустақилона биомӯзанд, ки он вақти зиёдро талаб намекунад.

Ҳисоб кардан ва ба инобат гирифтани кулли хароҷот кори мураккаб мебошад. Татбиқи таъминоти барномавии мувофиқ метавонад раванди онро зудтар ва боэътимодтар гардонад. Бояд қайд намоем, ки дар раванди ҳисоб кардани хароҷотҳои буҷетикунонии лоиҳавиву ҳадафманди корхонаҳои саноатӣ аз татбиқи усулҳои рақамикунонӣ истифода намудан, ба ҷараёни бурдани таҳлил ва эътимоди натиҷаҳову назорати комили уҳдадориҳо вусъат ва сифат бахшида метавонад. Аз ин лиҳоз, аз

ҷониби мо мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додани ҷанбаҳову омилҳое, ки дар шароити рақамикунонӣ ба ин раванд муассиранд ва дар ҷараёни коркард ва татбиқи рақамикунонии равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди корхонаҳои саноатӣ ба инобат гирифтани нишондиҳандаҳои онҳо ва коркарди нишондиҳандаҳои онҳо тавассути таъминоти барномавии дарболономбаршуда аҳаммияти назарраси калон доранд, ба таври зайл пешниҳод карда мешавад:

1) **Маҳдудияти сармоягузорӣ дар вақт ва фазо.** Чи хеле ки дар зербоби пешинаи кори таҳқиқотӣ зикр гардида буд, айни замон муҳити сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вусъати нав пайдо карда истодааст. Аммо тамоюлҳои солҳои охир дар бештари кишварҳои шарик ва кишварҳои аз лиҳози стратегӣ наздик дар ҳоли коҳишёбӣ мебошад. Аз ин лиҳоз дарк намудани мӯҳтавои аҳаммиятнок будани сармоягузорӣ дар вақт ва фазо имконияти интихоби дуруст ва асоснокгардидаи сарф намудани ин вақтро фарохтар мегардонад. Чун, афзалиятҳои хешро муайян намуда, метавон ба уҳдадориҳои буҷетӣ, маҳдуд будани захираҳои он баҳои дуруст дода, ба сифатнок ва дуруст иҷро шудани онҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуд ва вақтро беҳуда сарф нанамуд. Зеро вақти боҳушона масрафгардида ба ихтисор намудани хароҷотҳо мусоидат мекунад.

Дар миқёси ҷаҳонӣ баъд аз зуҳуроти пандемияе, ки тамоми кишварҳои сайёраро фаро гирифта буд, «...дар соли 2020 сармоягузориҳои мустақим паст гардида, дар соли 2021 боз вусъат гирифта, аммо соли 2022 бошад боз ба 12 % кам шуданд. Ин оҳисташавии сармоягузорӣ аз сабабҳои буҳронҳои муноқишаи Украина, баланд шудани нархи озуқа ва энергия ва дигар сабабҳо ба амал омад. Душвор гардидани шароитҳои маблағгузориҳо, баланд гардидани меъёрҳои фоиз ва номуайянӣ дар бозорҳои молиявӣ ба маблағгузориҳои лоиҳавии молиявии ҷаҳонӣ таъсири манфӣ расониданд. Дар соли 2022 суммаи шартномаҳои байналмилалии маблағгузорӣ 25 % кам гардида, амалиётҳои ҳамгироии

байналхалқӣ 4 % кам шуданд.... Аммо тамоюли сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои «аз сифр оғозшаванда» то аввали соли 2023 то 15 % афзун гардида, дар ибтидои семоҳаи аввали соли 2023 устувор буданд» [44].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2022 дар кишварҳои рӯ ба рушд сармоягузориҳои байналмилалӣ вобаста ба «Рушди устувор» ва лоиҳаҳои ба он алоқаманд тамоюли афзуншавӣ дошта, аз ин миён дар маҷмуъ барномаҳои бахши инфрасохторӣ, энергетика, тандурустӣ, маориф, кишоварзӣ афзуншавии қавӣ дошта бошанд ҳам, аммо дар баъзе бахшҳои ба рушди устувор нигаронидашуда, тағйирёбӣ на он қадар калон мебошад. Ин номутавозунӣ ба он оварада расонид, ки дар аввали соли 2023 ҳаҷми маҷмуавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ паст гардиданд. Ҳамин тавр сармоягузориҳои байналмилалии хусусӣ дар бахши инфрасохтори нақлиётӣ, коркард ва истеҳсоли қувваи барқ ва алоқа 16 % дар давраи солҳои 2015–2022 афзун шуда, афзоиши он дар соли 2022 нисбат ба соли 2021 26 %–ро ташкил медиҳад. Ба ҳамин монанд, истеҳсоли нерӯ аз сарчашмаҳои барқарор шаванда дар давраи солҳои 2021–2022 21 % афзоиш ёфта, дар соли 2022 нисбат ба соли пешина 8 % зиёд шудааст. Дар қисмати таъмин намудан бо об ва обкашонӣ ба бахши саноат дар давраи солҳои 2015–2022 13 % афзоиш ёфта, дар соли 2022 нисбат ба соли 2021 афзоиши он 20 % –ро ташкил додааст.

Бояд қайд намоем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи маълумотҳои оморӣ сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар давраи солҳои 2022–2023 тамоюли манфӣ дорад (расми 3.2.1).




**Расми 3.2.1. - Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022 – 2023 аз рӯйи соҳаҳо** [33].

Чи хеле ки аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, «... дар моҳҳои январ–декабри соли 2023 воридоти сармояи мустақими хориҷӣ 221,4 млн. долларро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 дар ҳаҷми 397,0 млн. доллар ё 64,2 фоиз коҳиш ёфтааст. Коҳишёбии воридоти сармояи мустақими хориҷӣ асосан дар соҳаҳои саноати коркард ва истихроҷ дида мешавад, ки дар моҳҳои январ–декабри соли 2023 ин нишондиҳанда мутаносибан ба ҳамин давраи соли 2022 дар ҳаҷми 70,5 млн. доллар ё 67,5 фоиз ва 256,9 млн. доллар ё 72,6 фоиз кам шудааст. Афзоиши воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар моҳҳои январ–декабри соли 2023 дар соҳаи кишоварзӣ дида мешавад, ки воридоти сармоя ба ин соҳа нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 дар ҳаҷми 21,1 млн. доллар ё 5176,6 фоиз зиёд гардидааст» [33]. Соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бештар ба саноати коркард ва истихроҷ нигаронида шудааст, дар фазои сармоягузорӣ дар давраи солҳои 2022–2023 ба камшавии маҷрои сармоягузорӣ нисбат ба давраҳои пешина дучор гардидааст, ки бешак ба

коркард ва татбиқи лоиҳаҳои ҳадафманди буҷетикунонии барномавию ҳадафманди корхонаҳои саонатӣ таъсир мерасонад.

Дар таҳқиқоти худ аз ҷониби мо лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар замимаи таҳқиқот оварда мешаванд ва аз рӯйи онҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар давраи соли 2022 то аввали соли 2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи лоиҳаҳои давлатии сармоягузории амалкунанда аз оғози татбиқ 16,8 млрд. сомонӣ маблағҳо барои хариди мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ азхуд гардида, аз 72 лоиҳаҳи умумӣ 29–тои он дар доираи бахши саноатӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ (16 лоиҳа дар саноат ва 13 лоиҳа дар бахши инфрасохтори нақлиётӣ) мавриди иҷроиш қарор гирифтаанд. Дар бахши молия бошад танҳо 2 лоиҳа мавриди иҷроиш қарор гирифтаанд.

Ҳамин тавр, ҷалби сармоягузорӣ дар вақт ва фазо ба равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳои иқтисодӣ, махсусан ба соҳаи саноат таъсири бевосита дошта, таназзули он метавонад равандҳои алоқамандро сустасар намуда, равнақи он ба пешрафту рушд оварад. Аз ин лиҳоз дар таркиби барномаҳои ҳадафманди корхонаҳои саноатӣ ҷой додан ба ҷазобияти сармоягузорӣ унсури волоиятдор ба ҳисоб меравад. Аз тарафи дигар худи методикаи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар замони муосир воситаи хубе барои ҷаззоб ва ҷолиб будани муҳити сармоягузорӣ дар вақт ва фазо гардидааст, ки дар таҷрибаи ҷаҳони аллакай, дар ин замина созгор будани аносири худро таҷассум намудааст. Албатта барои амалишавии пешниҳоди мазкур пеш аз ҳама тавони фикрии мутахассисон ва сатҳи баланди кордонӣ, касбият ва тахассуси созгори кормандони бахши молиявӣ ва иқтисодӣ зарур аст, ки мо сатҳи онро дар навбати баъдина мариди таҳқиқот ва ироаи пешниҳодот қарор хоҳем дод.

**2) Нисбатан поин будани сатҳи тахассус ва касбияти кормандони давлатӣ дар бахши молиявӣ, муҳосибот, аудит ва назорат.**

Дар қисмати пешинаи таҳқиқот арз гардида буд, ки дар доираи ташаккулдиҳӣ ва коркарди барномаҳои ҳадафманди буҷетикунонии бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла дар доираи корхонаҳои саноатӣ мушкилоте, ки айни замон ба ин раванд бархӯрд мекунад, ин набудани донишҳои кофии тахассусии мутахассисон дар сатҳҳои идоракунандаи мақомотҳои маҳаллӣ ва бахши менеҷменти корхонаҳо мебошад. Масоили вобаста ба норасогии кадрҳои идоракунанда ва ба талаботҳои муосири соҳаҳои молиявии корхонаҳо вобаста ба ташаккули буҷетикунонии барномавию ҳадафманд ҷавобгӯбуда мубрам буда, мароқи бахшҳои гуногуни иқтисодиётро барои ҷалби мутахассисони баландихтисос зиёд менамояд. Ин мароқ пеш аз ҳама бо он алоқаманд аст, ки баъди гузаштан аз идораи маъмурии аз овони Шӯравӣ боқимонда ба шаклҳои муосири танзиму идоракунӣ ва буҷетикунонӣ як навъ холигиҳое ба вуҷуд омаданд, ки ба аз байн рафтани баъзе ихтисосҳо ва ба миён омадани ихтисосу касбҳои нав алоқаманд мебошанд. Дар ин замина усулҳои навини арзёбии тахассусияти кормандон ва талаботи муайян сохтани омилҳои ба норасогии кадрҳои зарурӣ таъмин кардани бахшҳои иқтисодиёт ба вуҷуд омада, коркарди тавсияҳои муфид барои ҳалли ин масъалаҳоро тақозо мекунад.

Потенсиали тахассусиятӣ одатан аз дидгоҳи ташкилдиҳандаи потенсиали меҳнатии инсон баҳогузорӣ карда шуда, фарогири унсурҳои меҳнатӣ, тавони корбарӣ, дорои маълумоти зарурӣ будан, малака ва маҳорати хуб доштани кормандро инъикос менамояд, ки онҳоро ҳангоми фаъолият ва дар вақти муайяни ба масоилу мушкилот рӯбарӯ гардидан истифода мекунад. Аммо новобаста ба сатҳи омӯзиши ин мавзуъ дар доираи фарохи илми иқтисодӣ, вобаста ба навгониҳои дар ҳудуди

тағйирёбиҳои ихтисосҳо ва касбияти мутахассисон масоили фарохи авомилии он кушода боқӣ мемонад.

Ба ақидаи мо дар маҷмуъ давраҳои таҷассумкунандаи идомаёбии потенсиали тахассусӣ иборат аз давраҳои ибтидоӣ, рушд, субот, давраи бомайлон ва давраи таназзул мебошад, ки ҳар кадом аз ин давраҳо дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд. Оғоз аз давраи ибтидоӣ, ки аз бар намудани донишҳои аввалини соҳавӣ дар таълимгоҳи махсусро дар назар дошта, рушд намудани он донишҳо тавассути таҷрибаи корӣ ва такомул ёфтану устувор гардидани он дар раванди фаъолият ва истифодаву татбиқи маҳорату малакаи истифодаи технологияи рақамии замонавиро дар назар дорад, бояд устувор гардад.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши молиявӣ мавҷудияти мутахассисони баландихтисоси дорои маҳорату малакаи касбии замонавӣ ва бо технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба таври фаъол сарукордошта зарурати хосса пайдо намудааст. Дар соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 21,2 ҳаз. нафар кормандони бахши молиявӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки 0,94 %–и шумораи дар иқтисодиёт машғулбударо ташкил медиҳанд. Аз 3492 адад шумораи корхонаҳои умумии то аввали соли 2024 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташуда 322 корхонаи саноати истихроҷ ва 2999 корхонаи саноати коркард ( бо иловаи 72 корхонаи таъминкунандаи энергия ва 99 корхонаи коркарди партовҳо) дар ш. Душанбе ҷойгир шудаанд. Аз ҷониби мо 57 корхонаҳои миёна ва калони ба марказ наздики ш. Душанбе (саноати коркард) мавриди пурсиш қарор дода шуда, муайян гардид, ки қариб дар тамоми ин корхонаҳо норасогии мутахассисони бахши молиявӣ, ки бо буҷетикунонии барномавию ҳадафманд алоқамандӣ дошта бошанд, ҷой дорад. Аз нигоҳи мо омилҳои асосии ба ин раванд муассир инҳо мебошанд:

1. Муассисаҳои таълимӣ, ки тамоми ихтисосмандон аз он ҷо меоянд мутахассисонро танҳо дар доираи қоидаҳои умумии фаъолиятбарӣ омода месозанд ва онҳо дар мавриди ба амал омадани ҳолатҳои мураккаби дар раванди фаъолият бавуқуъмеомада танқисӣ мекашанд;

2. Тадриси мутахассисон дар аксари муассисаҳои таълимӣ тибқи адабиётҳои куҳна ба роҳ монда шуда, пояи моддиву техникии назариявӣ дар онҳо ғайримубрам гардидаанд. Дар барномаҳои таълимӣ ҷанбаҳои муосири идоракунӣ ва мутобиқ гардонидани равандҳои идоракунӣ то ба ҳол аз ҳолатҳои пешинаи иқтисодиёт берун нарафта, қолабҳои муосир кам дида баромада мешаванд;

3. Муассисоти таълимӣ то ба ҳол диққати хос ва такя ба донишҳои назариявӣ намуда, пайванди амалияро сарфи назар мекунанд. То ба ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳуротҳои маъмулу санҷидашудае ба мисли таълимоти дуалӣ ва ё таълимоти пешрафтаи муосир мавриди татбиқ қарор дода нашудааст.

Ҳамин тавр таҳлили аз ҷониби мо гузаронидашуда нишон дод, ки дар бахши буҷетикунонии барномавию ҳадафманди корхонаҳои саноатӣ мутахассисони идоракунанда ва ташкилдиҳандаи буҷети барномавию ҳадафманд намерасанд ва зарурати баланд бардоштани сатҳи тахассус ва касбияти кормандони давлатӣ дар бахши молиявӣ, муҳосибот, аудит ва назорат шарти зарурӣ ба хисоб меравад. Таҳлил нишон дод, ки авомили ба ин раванд бархурдкунанда дар доираи фаъолияти корхонаҳо аз як тараф сарфи маблағи корхона бошад, аз тарафи дигар мароқ зоҳир нанамудани худи кормандон барои баланд бардоштани сатҳи касбияташон мебошад. Таҳлили дар доираи бахши саноати кишвар гузаронидашудаи кори таҳқиқотиро метавон бо чунин пешнҳодҳо тавсия намуд:

– бояд интихоби мутахассисон ҷиддӣ ба роҳ монда шуда, ҷалби мутахассисони тасодуфӣ ба таври максималӣ пешгирӣ карда шавад.

Меъёрҳои интихоби мутахассис ҳар қадаре ки мураккаб бошад, ҳамон қадар сатҳи касбияти мутахассиси интихобмешуда баланд хоҳад гардид.

– баъдан дар доираи фаъолияти кормандони корхонаҳо ба роҳ мондани омӯзонидани кадрҳо. Бозомӯзӣ кунонидани кормандон ба корхона имконият фароҳам меоварад, ки ксбияти онҳо дар раванди фаъолити корхона самаранок татбиқ гардад;

– ҳамкориҳо бо муассисаҳои таълимӣ доир ба омодасозии мутахассисони мушаххас, ки ба талаботҳои фаъолияти корхонаҳо ҷавобгӯ бошанд. Ин амал аз як тараф ба муассисаи таълимӣ имконияти пайдо кардани маблағгузориро фароҳам оварда, аз тарафи дигар ба корхона мутахассиси зарурира таъмин менамояд.

– барои равнақ додани сатҳи фаъоли корбарӣ мутахассисонро аз дигар манотиқ ҷалб намудан тавсия дода мешавад, ки ин корро метавон тавассути пешниҳод намудани имтиёзҳои гуногун амалӣ намуд.

– дар ниҳоят пешниҳод мешавад, ки дар корхонаҳо мубодилаи таҷриба аз кормандони калонсолу мутахассисони варзида (инчунин ҷалби мутахассисної беруна, ҳатто аз хориҷи кишвар) ба косибони навтаъйин ба таври фаъол ба роҳ монда шуда, шароити мусоиди корӣ таъмин гардонида шавад, то ки онҳо майлу рағбати ба дигар кор гузаштанро надошта бошанд.

Ҳамин тавр тавсияҳои ироашуда метавонад дар равандҳои мусоиди амалишавии буҷетикунонии корхонаҳои саноатӣ саҳми беназир гузошта, дар навбати худ барои ба роҳ мондани салоҳиятнокии мутахассисони ин самт, ки унсури асосии дуруст ба роҳ мондани принсипи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд мебошад, дуруст ба роҳ мондани баҳогузории сатҳи тахассус ва касбияти кормандони давлатӣ дар бахши молиявӣ, муҳосибот, аудит ва назоратро талаб мекунад. Ин талабот тавассути уҳдадорӣ, таснифот, мароқ, маҳорат ва малакаи касбии мутахассисон баҳогузорӣ мешавад.

**3) Нисбатан заиф будани ҳамбастагии уфуқӣ ва амудии ниҳодҳои танзими равандҳои молиявӣ, буҷетикунонӣ, назорати иҷрои лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва амсоли он.** Ҳамбастагӣ ва ё ҳамгирой дар миёни ниҳодҳои зикргардида дар доираи васеъ намудан ва жарфтар намудани алоқамандиҳои техникиву истеҳсолӣ, истифодаи якҷояи захираҳо, маблағҳо, тавассути муҳайё намудани шароитҳои мусоид ба ҳамдигар, бартараф намудани монеаҳо, бурдани фаъолияти иқтисодии шарикона ва ғ. барои рушди бомайлони корхонаҳои саноатӣ ва дар ин замина рушд кардани буҷетикунонии барномавию ҳадафманди онҳо амалӣ карда мешавад. Чун аз давраи ташаккул додан, корхона давраи рушдро паси сар намуда, ба давраи усутуворӣ гузашта, ногузир ба давраи пастшавии фаъолият мерасад. Аз ин лиҳоз равандҳои ҳамгироии уфуқӣ ва амудӣ ногузир барои мавҷудияти минбаъдаи онҳо омили муассир мегардад. Аммо айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи омили мазкур ба таври таъсиррасон рушд накардааст. Таҳлилҳо инъикосгари онанд, ки дар кишвар то ба ҳол ба раванди мазкур на он қадар диққат дода мешавад.

Барои дарки амиқи ин раванд ва ба арсаи фаъолияти ниҳодҳо, аз ҷиҳати рушди бахшҳои мухталиф ворид сохтани он такмили сиёсати саноатӣ, сиёсати молиявӣ–суғуртавӣ, рушди шарикии давлату бахши хусусӣ нақши муассир мебозанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар раванди ба бахшҳои молиявии корхонаҳо таъсиррасон ҳамгироии гуногунсамти ниҳодҳои молиявӣ, пеш аз ҳама бонкҳо ва ташкилотҳои суғуртавӣ мебошад [ ниг.масалан ба: 74; 79; 125].

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии ба таври куллӣ такмилёфта ва ба эътимод сазоворгардидае, ки корхонаҳо ба онҳо пуррагӣ такя намоянд ба таври кофӣ рушд накардаанд. Ғайр аз ин баъд аз буҳронҳое, ки якчанд бонкҳои кишвар ба онҳо рӯбарӯ гардида, бештарашон тавони муқовимат намудан накардан ва ҳатто якчанд бонки бонуфуз (Тоҷпромбонк, Тоҷиксодиротбонк,

Агроинвестбонк) барҳам хӯрданд, сатҳу дараҷаи эътимодро коста гардониданд. Аммо новобаста ба паёмадҳои бархӯрднамуда бо бонкҳо айни замон ҳамгироии ҳам амудӣ ва ҳам уфуқии ниҳодҳои суғуртавӣ, ташкилотҳои гуногуншакли молиявӣ, қарзӣ ва бонкҳо барои рушд ёфтани принсипи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд зарурати хосса дорад.

Тибқи маълумотҳои омории Бонки Миллии Тоҷикистон дар давраи ибтидои соли 2024 дар кишвар «63 Ташкилотҳои қарзии молиявӣ, 14 Бонки анъанавӣ, 1 Филиали бонки хориҷӣ, 1 Бонки исломӣ, 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 47 Ташкилотҳои маблағгузории хурд, 19 Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, 3 Ташкилотҳои қарзии хурд, 25 Фондҳои қарзии хурд» [31, С. 19]. ва «16 Иштирокчиёни касбии бозори суғурта» [126]. ба қайд гирифта шуда, фаъолият менамоянд, ки ҳамбастагии уфуқӣ ва амудии онҳо дар ҷараёни ташаккул ва рушд ёфтани буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳо, аз ҷумла бахши саноати кишвар мусоидат хоҳад кард.

4) **Сатҳи поини рушди инфрасохтори бозорӣ.** Инфрасохтори бозорӣ дар рушди бахшҳои иқтисодӣ ва самаранок гардидани фаъолияти корхонаҳо нақши таъсирбахш дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо гузашти се даҳсола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз равандҳои ташаккулёбӣ ва пурра гузаштан ба иқтисодиёти бозорӣ ба таври мукаммал шакл нагирифтааст. Муҳаққиқон омилҳои муассири ин равандро ба сатҳи пасти сифати ниҳодҳо, дараҷаи ноинкишофи сармояи инсонӣ ва шароитҳои куҳнашудаи ибтидоие, ки аз даврони шуравӣ боқӣ мондаанд, иртибот медиҳанд [ниг. масалан ба: 8; 43; 122].

Ҳамин тавр метавон хулосабарорӣ намуд, ки новобаста аз оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ки дар давраҳои муайян ба рушди бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла ба бахши саноати кишвар таъсири манфӣ гузошт, иқтисодиёти кишвар тавонист, ки рӯ ба рушд оварда (аз соли 2000),

тадриҷан равнақ ёбад (соли 2013 нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ аз нишондиҳандаҳои соли 1991 боло рафт). Аммо барои ба рушди комили инфрасохтори бозорӣ ноил гардидан як қатор омилҳоро ба назар гирифтан ба фоидаи кор хоҳад буд. Аз ҷумла, дар баробари афзалият додан ба ҳадафҳои стратегии бузург, бояд ба рушди ниҳодҳо ва меъёрҳое аҳаммияти хос дод, ки онҳо ба рушди муҳити сармоягузорӣ ва тиҷорат дар кишвар мусоидаткунанда бошанд. Аз ҷониби дигар Ҳукумати кишварро зарур аст, ки ба синфи миёна ҳамчун тартибдиҳандагони лоиҳаҳои ҳадафманд ва иҷрокунандагони ин лоиҳаҳо аҳаммият дода, барои иштироки онҳо дар равандҳои технологиву мусоидшавӣ ба иқтисодиёти рақамӣ кумак намояд. Дар ин замина пурзӯр намудани ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон, бартараф намудани монеъаҳои сунъиву бюрократӣ, ҳимоя аз равандҳои коррупсионӣ, кам кардани сарбории андозӣ, пешниҳоди имтиёзҳои давлатӣ ба ташаккули раванди мазкур поя ва нусрат хоҳад бахшид.

**5) Стереотипҳои идоракунии директивии аз замони шуравӣ бозмонда.** Ашхос ва мақомоти идоракунӣ равандҳои комилан гуногуни идоракунӣ ва назоратро истифода мекунанд. Аммо новобаста аз гуногуншаклии усулҳои идоракунӣ на ҳамаи онҳо метавонанд самарабахш бошанд. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти дар равандҳои идоракунии бахши буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди соҳаҳо ҷойдошта ин то ба ҳол татбиқи усулҳои идории даврони шӯравӣ (аз қабили ҷаласаҳои сершумор, ҳисоботдиҳиҳои гуногуншакли давраҳои зиёдро фарогиранда, маҳдудиятҳои вақти корӣ ва ё баръакс барзиёдии вақти корӣ ва ғ.) мебошад, ки таҷдиди назари комилро тақозо мекунад.

Алъон самаранокии пасти идоракунӣ пеш аз ҳама аз мавқеи нодурусти ҷаҳонбинӣ, дарк накардани мантиқи этикаи идоракунӣ бурун меояд, ки он ҳангоми қабули қарорҳои дахлдор (вобаста ба ин ё он ҳолаҳои ғайристандартие, ки ба вукуъ мепайванданд) таъсири мусбат

мерасонад. Ғайр аз ин тарси аз уҳдаи кор набаромадан мустақилияти идоракунандагонро маҳв намуда, гирифтори «иҷрокунандаи супоришҳои азболомеомада» мегардонад, ки дар он зуҳуроти «нодидан» ва «дарк накардани мушкилот» мунъакис мегардад. Ҳамин тавр дар натиҷа рафтори номуайяни роҳбарони идоракунанда ба вуҷуд меояд, ки самараи синерегетикии татбиқи абзори идоракуниро поён мебарад.

**6) Инкишофи нокифояи шарикии давлат ва бахши хусусӣ.** Имрӯзҳо механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ воситаи асосии рушди бахшҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба ҳол рушди он ҳамчун омили аслӣ инкишофи комил накардааст. Чуноне ки қайд мегардад «Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун воситаи ташкил ва татбиқи инфрасохтори оммавӣ дар Тоҷикистон татбиқ шавад ҳам, аммо иқтидори он пурра кушода нашуда аст. Ҳарчанд ки дар Тоҷикистон шароитҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодии он созмон дода шуда бошанд ҳам, вале ҷомадоне, ки лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ро амалӣ месозад, айни замон бузург нест. Миқдори лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба таври мустақим аз сифати омодасозӣ ва ҷолибияту ҷаззобияти онҳо барои сармоягузорони инфиродӣ ва ташкилотҳои маблағгузор вобаста мебошад» [46].

Таҳлилҳои олимони ватанӣ нишон медиҳанд, ки мушкилоти асосии рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар кишвар ба ҷалб намудани сармоягузориҳо алоқаманд буда, омили асоси ин мушкилотро дар муддати дароз амалӣ шудани лоиҳаҳо, мавҷуд набудани таҷрибаи кофии иштирокчиён, камчинии маблағҳои пулии сармоягузорон маҳдудияти воситаҳои буҷетӣ ва сатҳи пасти даромаднокии лоиҳаҳои вобаста ба шарикии давлату бахши хусусӣ медонанд [3; 4; 70]. Аз ин лиҳоз, ташаккули сиёсати ягонаи давлатӣ ва тибқи он муайян сохтани дараҷаи рушди лоиҳаҳои шарикӣ ва аз лиҳози қонунӣ таҷассум кардани он зарур мебошад. Дар доираи қонунгузории вобаста ба шарикии давлат ва бахши

хусусӣ муайян сохтани ҷойгоҳи он ва аниқ намудани самтҳои афзалиятноки ба он равонагардида аҳаммияти калидӣ дошта, бартараф намудани монеаҳои сунъӣ ва эҷоди муҳити мусоиди рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба рушди буҷетикунонии ҳадафманди корхонаҳо ва соҳаҳо метавонад заминаи мусоид фароҳам оварард.

**7) Мушкилот ва хавҳои ба вуқуъояндаи соҳавӣ.** Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои ташаккул ва татбиқи буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд метавонад бо мушкилот ва хавфҳои соҳавие рӯбарӯ гардад, ки равандҳои баланд бардоштани сармарнокиро мураккаб гардонад. Пеш аз ҳама дар баробари мавҷудияти омилҳои дар боло зикр гардида, аз қабили номуайянӣ дар инъикоси пояи ягонаи методологии баҳогузории самаранокии равандҳои буҷетикунонии ҳадафманди соҳавӣ, норасогии маблағҳои зарурӣ ва сармоягузориҳо, инчунин алоқамандиҳои сусти барномаҳои давлатӣ бо стратегияи рушди маҷмӯавӣ, кам будани таҷрибаи татбиқи нишондиҳандаҳои баҳогузориҳои самаранокии иҷроиши барномаҳои ҳадафманд дар доираи буҷетикунонии барномавии соҳавӣ, дуруст муайян насохтани алоқамандиҳо ва вобастагиҳои амалишавии лоиҳаҳои ҳадафманд бо маблағҳои ҷудомегардида, норасогӣ дар дастгирии моддии барномаҳои буҷетии ҳадафмандона, ҳадафҳои ба таври комил асоснок нашуда, равандҳои нодурусти ташкили ҳисоботҳо, нодрурст пешниҳод намудани махлумотҳои аслии лоиҳаҳои ҳадафманд, номуносиб баҳогузорӣ кардани хароҷотҳои баномаҳои ҳадафманд , эҷод намудани монеъаҳои сунъӣ аз тарафи мақомотҳои салоҳиятдор, руйбардор намудани барномаҳои ҳадафманд (изофанависӣ), эҷод намудани мушкилот дар ҷудо гардидани маблағҳо ва амсоли онҳоро дарҷ намудан мумкин аст, ки дар раванди ташкил, банақшагирӣ ва ташаккул додани барномаҳои ҳадафманди буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд бояд ба инобат гирифта шавад.

Такомули низоми барномавиву ҳадафманди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули механизми буҷетикунонии барномавию

ҳадафманд дар шароити иқтисодиёти рақамиро талаб мекунад, ки он бояд бо шартҳои ба шароитҳои муосир аз ҷумла татбиқи равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт, ва ҷорӣ намудани инноватсияҳо муосидат карда, авомили муосири ин ҷанбаҳоро фаро гирифта тавонад (расми 3.2.2).

Ҳамин тавр, механизмҳои татбиқи воситаҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноатӣ, ҳамчун фишангҳои молиявие, ки дар раванди буҷетикунонии давлатӣ татбиқ мешаванд, восита, таҷҳизот ва абзори самаранок гардонидани равандҳои буҷтикунонӣ мебошанд.

Инчунин, татбиқи онҳо дар тамоми давраҳои буҷетикунонии давлатӣ метавонад боиси шаффоф ва самаранок гардонидани равандҳои буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гарданд. Аз таҷрибаҳои ҷаҳонӣ ва таҳлили дар таҳқиқотҳои диссертатсионӣ гузаронидашудаи мо бармеояд, ки усули барномавиву ҳадафманди буҷетикунонӣ равиши беҳтарини ба рушд кардани низоми буҷетикунонии кишвар мусоидаткунанда буда, барои ба таври комил татбиқ намудани он пешниҳодҳои мушаххаси илман асонокшуда зарурат доранд. Оғоз аз дастрасии иттилооти зарурӣ то ба баланд бардоштани дараҷаи ғайримарказонидашавандагии равандҳои ба он мутааллиқ метавонад самаранокии хароҷотҳои буҷетро баланд бардорад. Бояд тазаккур дод, ки дар баробари мавҷудияти мушкилоти таъминоти иттилооти зарурии равандҳои буҷетӣ ва ҳалли техникии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароитҳои муфиди рушди сохтори буҷетӣ фароҳам оварда шудаанд. Аллакай зинаҳои ибтидоӣ барои ба сохтори буҷети кишвар ислоҳот ворид намудан гузошта шудаанд ва бояд барои ташаккули низоми буҷетие диққат дод, ки аз мушкилотҳои мавҷудбуда орӣ бошанд.






**Расми 3.2.2. - Механизми такомули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ**

**Сарчашма:** коркарди муаллиф

Мақомотҳои дахлдори давлатӣ ва соҳавиро зарур аст, ки ҳар чи пештару бештар барои амалӣ ва татбиқ гардидани буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳо, аз ҷумла бахши саноатро фаъол гардонанд, то аз низоми буҷетикунонӣ он ҳама «таъсироти манфӣ» камтарин гардида, самарнокии хароҷотҳои буҷетӣ афзоиш ёбанд. Дар ин замина механизми такмили низоми буҷетикунонии ҳадафманд (бо авомили фарогирандааш ва таҷҷассуми унсурҳояш), ки ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ мусоидат менамоянд, метавонад барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоии рушди буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаи асосии таъсиррасон бошад.

**Хулоса аз рӯйи боби 3-юм**

1. Ҳангоми ташаккули лоиҳаи буҷети ҳадафманди корхона ва ё бахши иқтисодӣ, аз тартиби муайяншудаи пайдарпай истифода намуда, дар аввал модели мавҷудбудаи онҳо таҳлил ва омӯхта шуда, баъд аз он ба ташаккули сохтори молиявии корхона бархӯрд намуда, ба ташкили сохтории буҷетии он оғоз намудан лозим аст. Баъдан дар такя ба усулҳои эътимодноки банақшагирӣ барномаи буҷетикунониро интихоб намудан лозим аст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз сабабҳои асосии ғайрисамаранок ба роҳ мондани равандҳои буҷетикунонӣ нарасидани кадрҳои мутахассис дар соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад. Дар назар аст, ки заминаҳои ибтидоӣ барои татбиқи лоиҳаҳои ҳадафманди буҷети барномавӣ аз зинаҳои поёнии идорӣ сарчашма мегиранд, ки ин раванд мавҷудияти мутахассисини донандаи асосҳои буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахшҳову соҳаҳоро талаб мекунад. Маҳз, бо ҳамин хотир дар доираи фаъолияти бахшҳои ба молияи мақомотҳои

маҳалливу минтақавӣ (ҷамоат, шаҳр, вилоят) мутааллиқбуда бояд лоиҳаҳои омӯзишӣ–тренингӣ коркард ва дар амал татбиқ карда шаванд.

2. Мутахассисони бахшҳои иқтисодӣ, махсусан мутахассисони бахши молия барои бурдани корҳои ба молия, молиёт, тиҷорат, азнавтаҷдидсозӣ, харидани таҷҳизот ва амсоли инҳо сарукор доштa, иттиллооти вобаста ба таҳлили ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти молиявии корхонаҳоро доро мебошанд ва ҳангоми қабули қарорҳои дахлдори молиявӣ ва ба ҷалби сармоягузориву равандҳои буҷетикунонӣ таъсир мерасонанд. Иштироки бевоситаи мутахасисини донишманду кордон дар ташаккули буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд саҳим буда, аз онон доштани маҳорату малакаи касбиро талаб мекунад, ки алъон мушкилоти асосӣ дар набудани донишҳои кофии тахассусии мутахассисон дар зинаҳои поёнии идоракунандаи мақомотҳои маҳаллӣ ва бахши менеҷменти корхонаҳо ба ҳисоб меравад.

3. Барои ташкили лоиҳаҳои омӯзишӣ пеш аз ҳама омодасозии лоиҳаи мақсадноки хароҷотҳои ба он равонамегардида зарур мебошад. Дар он усулҳои махсуси интихобии таъсиррасонӣ нисбат ба шунавандагон истифода гардида, тавассути онҳо рушди маҳорати касбӣ ва малакаҳои ихтисосии иштирокчиён ташаккул дода мешаванд. Тартиби ташкил ва баргузории лоиҳаҳои омӯзишии ҳадафманд чорабинии мураккаб мебошад ва диққати махсусро талаб мекунад. Дар раванди ташкил ва тартиби лоиҳаи омӯзишӣ барои дастрас намудани маълумоти кофии зарурӣ ва татбиқ намудани маълумотҳои омӯхтамешуда бояд тибқи нақшаи дуруст тартибдодашуда ва баркашидашуда ба роҳ монда шавад. Мақсади асосии ташкили лоиҳаи омӯзишӣ ин ташаккули инъикоси системавии идораи буҷетикунонии ҳадафманд ва омӯзонидани принсипҳои ташкил додани сохтори молиявии корхонаҳо, маҳалҳо ва

минтақаҳо буда, дар ин замина бояд сохтори фарқкунандаи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд ҳамчун роҳ ё усули самаранок ифшо гардида, барои банақшагирии стратегӣ аҳаммияти калон доштани он аниқ карда шавад. Зеро дар замони муосир буҷетикунонии барномавию ҳадафманд чи дар доираи корхонаҳо ва чи дар доираи минтақаҳои алоҳида воситаи асосӣ ва самаранок барои ба мақсад ноил гардидан ба ҳисоб меравад.

4. Дар ҳолате, ки равандҳои рақамикунонӣ бо суръати баланд идома доранд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати коркарди мутобиқати равандҳои ба буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, амри ногузир буда, такомули сиёсати буҷетӣ ва мукаммалгардонии методикаи тартиб додани лоиҳаҳои ба ин намуди буҷетикунонӣ алоқаманд, аҳаммияти хосса пайдо мекунанд. Дар ин замина рақамикунонии буҷет, ки то ба ҳол самаранокии татбиқи итилоотикунониро бархӯрдор намебошад, бояд бо равандҳои пешсафи рақамикунонӣ мутобиқ гардонида шавад. Чун айни замон иттилоотикунонӣ дар доираи равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳо дар доираи корхонаҳо орӣ аз самаранокии мутобиқ ба ҳадафҳои гузошташуда буда, автоматикунонӣ ва банақшагирии лоиҳаҳои буҷетӣ танҳо дар доираи замимаҳои электронии имкониятҳояшон маҳдуд ва номубрам амалӣ карда мешавад. То ба ҳол дар доираи ташаккули лоиҳаҳои буҷетикунонӣ воситаи пешқадами мавриди истифода ҷадвалҳои электронӣ буда, мубодилаи иттилоот то ба ҳол васоити коммуникатсионии куҳна ва ҳуҷҷатнигории қоғазиро истифода мекунад. Ҳол он ки дар ҷаҳони мутамаддин бештари равандҳои хоҷагидорӣ ба равандҳои рақамикунонии пешсаф мутобиқ гардонида шудаанд.

5. Барои ноил гардидан ба самаранокии идоракунӣ ва назорати равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахшҳои саноатӣ, бояд назорати доимии тамоюлҳои бамиёнмеомадаи корхонаҳои саноатӣ амалӣ карда шаванд ва таъсири онҳо муайян карда шуда, роҳҳои пешгирӣ намудани таъсири номуносиби онҳо коркард карда шаванд. Ин равандро татбиқи воситаҳои муосири рақамӣ суръатнок гардонида, самаранокии онро бамаротиб афзоиш медиҳад.

6. Мукаммалгардонии низоми барномавиву ҳадафманди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули механизми буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар шароити иқтисодиёти рақамиро талаб мекунад, ки он бояд бо шартҳои ба шароитҳои муосир аз ҷумла татбиқи равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт, ва ҷорӣ намудани инноватсияҳо муосидат карда, авомили муосири ин ҷанбаҳоро фаро гирифта тавонад. Механизмҳои татбиқи воситаҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноатӣ, ҳамчун фишангҳои молиявие, ки дар раванди буҷетикунонии давлатӣ татбиқ мешаванд, восита, таҷҳизот ва абзори самаранок гардонидани равандҳои буҷтикунонӣ мебошанд. ва татбиқи онҳо дар тамоми давраҳои буҷетикунонии давлатӣ метавонад боиси шаффоф ва самаранок гардонидани равандҳои буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гарданд.

## Хулосаҳо

А) **Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия**

Дар заминаи таҳқиқоти гузаронидашуда чунин хулосаву пешниҳодҳо ироа карда мешаванд:

1. Равандҳои рушди буҷетикунонии барномавӣ якчанд марҳилаҳоро паси сар намуда, ба тағйиротҳои назаррас ноил гардидаанд. Дар назар аст, ки татбиқи усули барномавию ҳадафманд ҳадафҳои асосии рушди иҷтимоӣ–иқтисодии кишварро бароварда гардонида, ба мутавозунии таъминшавии истеҳсолот бо захираҳои зарурӣро ба роҳ мемонад. Дар раванди ташаккули буҷет равиши барномавиву ҳадафманд ҳамчун воситаи муҳими амалӣ ва муосири банақшагирии барномаҳои буҷетӣ, воситаи стратегии илман асоснок кардашудае баромад мекунад, ки татбиқи барномаҳои самараноку илман асоснокшудаи давлатиро амалӣ мекунад. Буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар доираи мақсади татбиқи равиши барномавию ҳадафманд ва консепсияи ташаккули буҷет вобаста ба барномаҳо, ҳадафи асосии хешро ҳамчун рушди самаранокии татбиқи тамоми намудҳои буҷетикунонӣ қарор дода, ба ҳайси абзори асосие баромад мекунад, ки тавассути он метавон ба мақсадҳои гузошташуда ноил гардид. Асоси онро ҳамчунин таснифоти барномавии хароҷот ташкил медиҳад, ки дар доираи усулҳои фаъоли идоракунии ҳадафманд барои самаранокона тақсим намудани воситаҳои буҷет мусоидат мекунад. Самаранокии буҷети барномавию ҳадафманд нахуст дар баҳодиҳии сарфа кардани воистаҳои буҷет аз ҳисоби он, ки онҳо маҳз дар доираи барномаҳои давлатӣ масраф гардидаанд, муайян мегардад [1-М], [8–М].

2. Буҷетикунонии барномавию ҳадафманд методологияе мебошад, ки назорати маҷмуии буҷетро ба роҳ монда, вобастагиҳо ва

алоқамандиҳои низоми буҷетикунониро барпо сохта, ҳадафҳои стратегиеро пайгирӣ менамояд, ки бо дарназардошти афзалиятҳои сиёсати давлатӣ оид ба татбиқи воситаҳои буҷет коркард карда шудаанд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки модели ягонаи буҷетикунонии барномавӣ мавҷуд набошад ҳам, аммо тавсифоти маҷмуавии баъзе элементҳои онҳо вобаста аз самти барномаи буҷети кишвар ҳамҷавор буда метавонанд, ки дар маҷмуъ дорои принсипҳои ба он созгор бояд бошанд [2-М], [7–М].

3. Бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори хуби соҳавӣ дошта, устуворона рушд намудани он омили калидии рушди устувори буҷети давлатӣ шуда метавонад. Барои рушди бахшҳои мухталифи саноат маблағгузориҳои буҷетӣ аҳаммияти хос доранд, ки миқдори онҳо дар буҷаи давлатӣ маҳдуд буда, тақсимоти онҳо ба таври максималӣ муносибати ҷиддиро талаб мекунад то ҳангоми амалишавӣ онҳо фарогири шарту шароити тамоми объектҳои раванди буҷетикунонӣ шуда тавонанд. Ташаккул ва амалӣ намудани барномаҳои ҳадафманди буҷетӣ ба хубӣ метавонанд ба ин раванд муосидат кунанд. Барои ба ҳадафҳои барномаҳои буҷети лоиҳавии ҳадафманди бахши саноати кишвар ноил гардидан имрӯз буҷетикунонии бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҷдидсозӣ ниёз дошта, таъмини самаранок ва мақсадноки молиявии ин бахш метавонад барои ҳалли масоили бахши саноати кишвар ва барои тақвият бахшидан ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ замина гузорад. Таҳлили методикаҳои сершумор далолат ба он медиҳад, ки нишондиҳандаҳои мавҷудбуда наметавонанд нишондиҳандаи ягонаи инъикоскунандаи сатҳу дараҷаи натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти корхона бошанд. Дар раванди арзёбии равандҳои сармоягузорӣ аз маҷмуи методикаҳое истифода бояд шаванд, ки онҳо битавонанд ҳамаҷониба

фаъолияти корхонаҳоро таҳлил намуда, манфиатҳои ҳам корхона ва ҳам сармоягузорро ба инобат гиранд [3-М], [10–М].

4. Айни замон, нарасидани кадрҳои мутахассис ба ғайрисамаранок ба роҳ мондани равандҳои буҷетикунонӣ таъсир расонида истодаанд. Дар назар аст, ки заминаҳои ибтидоӣ барои татбиқи лоиҳаҳои ҳадафманди буҷети барномавӣ аз зинаҳои поёнии идорӣ сарчашма мегиранд, ки ин раванд мавҷудияти мутахассисини донандаи асосҳои буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахшҳову соҳаҳоро талаб мекунад. Маҳз, бо ҳамин хотир дар доираи фаъолияти бахшҳои ба молияи мақомотҳои маҳалливу минтақавӣ (ҷамоат, шаҳр, вилоят) мутааллиқбуда бояд лоиҳаҳои омӯзишӣ–тренингӣ коркард ва дар амал татбиқ карда шаванд. Зеро мутахассисони бахшҳои иқтисодӣ, хусусан мутахассисони бахши молия барои бурдани корҳои ба молия, молиёт, тиҷорат, ҷалби сармояҳо ва ғ. сарукор дошта, бевосита дар раванди фаъолияти тахассусиашон ба равандҳои буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд таъсир расонида метавонанд [4 –М].

5. Дар шароитҳои муосири рушди бемайлони равандҳои ҳам дохиликорхонавиву ҳам равандҳои беруна, барои корхонаҳои бахши саноатӣ доштани воситаҳо ва абзори идоракунӣ шарти зарурӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳадафмандона таъсир расонидани онҳо муайян карда шуда, аз ҷониби мутахассисони бахшҳои идоракунӣ ба таври мустақил дар таҷриба ва амалия истифода хоҳанд шуд. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки айни замон дар доираи равандҳои фаъолияти аксари корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон машваратҳои доимӣ оид ба ташаккул ва идоракунии хароҷоти буҷеташон хело кам амалӣ карда мешаванд, ки ин бошад боз ҳам мубрамияти татбиқи принсипи худомӯзии корхонаҳоро асоснок мекунад. Дар раванди ҳисоб кардани хароҷоти буҷетикунонии

лоиҳавиву ҳадафманди корхонаҳои саноатӣ аз татбиқи усулҳои рақамикунонӣ истифода намудан, ба ҷараёни бурдани таҳлил ва эътимоди натиҷаҳову назорати комили уҳдадориҳо вусъат ва сифат бахшида метавонад. Дар шароити рақамикунонӣ омилҳое чун, маҳдудияти сармоягузорӣ дар вақт ва фазо, нисбатан поин будани сатхи тахассус ва касбияти кормандони давлатӣ дар бахши молиявӣ, муҳосибот, аудит ва назорат, сатҳи номакаммали таъсири ҳамгироиҳои уфуқӣ ва амудии ниҳодҳои идоракунанда, номукаммалӣ дар буҷетикунонӣ, назорати шаффофи равандҳои сармоягузорӣ, такмил нагардидани инфрасохтор, равандҳои идоракунии номуосири қафомонда, инкишофи нокифояи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба ин раванд муассиранд ва дар ҷараёни коркард ва татбиқи рақамикунонии равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди корхонаҳои саноатӣ ба инобат гирифтани нишондиҳандаҳои онҳо ва коркарди нишондиҳандаҳои онҳо тавассути таъминоти барномавии муосири соҳавӣ аҳаммияти муассири калон доранд [10-М], [12–М].

6. Механизмҳои татбиқи воситаҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахшҳои иқтисодӣ аз ҷумла бахши саноат, ҳамчун фишангҳои молиявие, ки дар раванди буҷетикунонии давлатӣ татбиқ мешаванд, восита, таҷҳизот ва абзори самаранок гардонидани равандҳои буҷетикунонӣ буда, татбиқи онҳо дар тамоми давраҳои буҷетикунонии давлатӣ метавонад боиси шаффоф ва самаранок гардонидани равандҳои буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гарданд. Умуман равиши барномавию ҳадафманд восита ва абзори такомулгардида ва илман асоснокшудае мебошад, ки ироаи пешниҳодҳои мушаххаси асоснокро талаб мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароитҳои муфиди рушди сохтори буҷетикунонии барномавию ҳадафманд фароҳам оварда шуда, зиннаҳои

ибтидоӣ барои ба сохтори буҷети кишвар ислоҳот ворид намудан гузошта шудаанд ва бояд мақомот барои ташаккули низоми буҷетие диққат диҳанд, ки аз мушкилотҳои мавҷудбуда холӣ бошад [5-М], [12 –М].

Б) **Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Буҷет ҳамчун воситаи асосии танзим ва идораи равандҳои иҷтимоию иқтисодии давлат мебошад ва бо назардошти ба таври фаъол татбиқ нагардидани механизмҳои усулҳои ҳадафманду барномавӣ дар идоракунии он, мушкилоти банақшагирӣ ба осонӣ ҳал шуда наметавонад. Бинобар ин татбиқи усули барномавию ҳадафманди буҷетикунонӣ, ки алъон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз пурра мақоми худро пайдо накардааст, ба мукаммал гардонидани пояи меъёриву ҳуқуқии ба татбиқшавӣ мусоидаткунанда ниёз дошта, татбиқи он барои баланд бардоштани натиҷаҳои хароҷоти давлатӣ, дастарас ва хубтар гардонидани хизматрасониҳо ва устувор гардонидани молияи иҷтимоӣ равона гардида, ба самаранокона истифода гардидани захираҳо ва воситаҳои буҷетӣ ва татбиқ кардани онҳо дар самтҳои афзалиятноку аҳаммиятнок мусоидат хоҳад кард. Дар маҷмуъ, равиши барномавию ҳадафманди буҷет барои муайян сохтани масрафоти дурусту ҳадафноки воситаҳои буҷет таҷҳизоти муҳимму асосӣ ба ҳисоб рафта, дорои самт ва таъминоти мушаххаси стратегӣ буда, натиҷаи ниҳоии татбиқи он барои давраҳои дароз баҳри ҷомеа фоидаи устувор меоварад ва барои ҳалли масоили муҳимми давлатӣ аз қабили таъмин намудани рушди устувор, дастгирикунии  бахшҳои аҳамиятноки соҳавӣ абзори муҳиму асосӣ мебошад.

2. Бо такя ба таҳлили принсипҳо (принсипҳои таъминоти иттилоотӣ ва бамаврид будани он, кифоягии иттилоот, ҳамгироӣ, синергия ва кооператсия, чандирияти идоракунӣ) ва шароитҳои дар корҳои

таҳқиқотии мавриди таҳлил қароргардида, принсипи пешниҳод намудани иттилоот ба ҷомеа, ки дар бисёр кишварҳо таҷриба мешавад, маҷмуи принсипҳои омӯхташударо пурра гардонида, пешниҳоди маълумоти пешина, ҳозира ва ояндаи фаъолияти буҷети барномавиро дар назар дорад. Пешниҳод намудани маълумотҳои мувофиқ (бо воситаи ВАО) ба ҷомеа нуқтаи муҳимми шаффоифияти равандҳои буҷети барномавии ҳадафманд гардида, ба самаранокона хароҷот шудани воситаҳои буҷетӣ мусоидат хоҳад кард. Таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи равиши буҷети барномавию ҳадафманд нишон медиҳад, ки дар бештари мавридҳо банақшагирие, ки ба натиҷа нигаронида шудааст, асоси ислоҳоти молияи давлатӣ ва буҷетикунонӣ мебошад ва ин равиш аллакай татбиқи худро дар кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба рушд пайдо намуда, самараи хуб ҳам додааст. Аммо бояд дар назар дошт, ки ислоҳоти равандҳои буҷет бояд фарогири унсурҳои дорои тавсифҳои соҳаҳои мушаххаси идоракунӣ бошад.

3. Самаранокии маблағгузориҳои буҷетӣ дар бахши саноат бояд ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор гирад. Механизми ҷудо кардан, тақсимот, харҷи маблағҳои буҷетӣ дар ҷумҳурӣ хеле печида ва мураккаб буда, ҳанӯз дар коргузорӣ, истифодаи усулҳо, барасмиятдарорӣ, баҳогузорӣ ва назорат сабку услубҳои нисбатан куҳна (замони шуравӣ) мушоҳида мешаванд. Дар ҳоле ки дар ҷаҳони муосир механимзмҳои пешрафта ва шаффофи ин раванд кайҳо дар амал татбиқ шудаанд ва эътирофи умумро соҳиб гаштаанд. Хароҷот барои лоиҳаҳои ҳадафманди бахши саноат айни замон ба талаботҳои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ нокифоя буда, сарчашмаи маблағгузориҳои шиддатноки иловагиро талаб мекунанд. Дар ин замина тартиб додани барномаи ҳадафманди лоиҳаи маблағгузорӣ метавонад асоси татбиқи сиёсати

дурусти сармоягузорӣ ва ҷалби онҳо ба фаъолияти минбаъдаи корхона гардида, ҳамзамон имкон медиҳад, ки камбудиҳо ва норасоии равандҳои фаъолияти истеҳсоливу кории корхонаҳо муайян карда шаванд ва барои бартараф сохтани онҳо чораҳои судманд андешида шаванд.

4. Тартиби ташкил ва баргузории лоиҳаҳои омӯзишии ҳадафманд чорабинии мураккаб мебошад ва диққати махсусро талаб мекунад. Дар раванди ташкил ва тартиби лоиҳаи омӯзишӣ, барои дастарс намудани маълумоти кофии зарурӣ ва татбиқ намудани маълумотҳои омӯхтамешуда, бояд тибқи нақшаи дурусттартибдодашуда ва баркашидашуда ба роҳ монда шавад. Бо истифода аз маҳорату малака, донишҳои нави замонавии азбаршуда ва таҷрибаҳои кофии азхудкардашуда дар раванди бозомӯзӣ ва мавриди таҳлил фаро гирифтани консепсияҳову назарияҳо доир ба мушкилот ва мураккабиёти дар доираи ташаккул додан ва татбиқ намудани лоиҳаҳои ҳадафманди буҷетӣ зуҳуркунанда, бо истифода аз абзори мутафовити муосири техникӣ қарорҳои мусоид қабул карда мешаванд ва лоиҳаҳои омӯзишӣ тартиб дода мешаванд. Бояд чунин як тарзи буҷетикунониии барномавию ҳадафманде дида баромада шавад, ки битавонад на танҳо ба ҳайси буҷете баромад кунад, ки хароҷоти корхонаро дар буррисҳои гуногун аниқ ва дуруст асоснок гардонад, балки тамоюлҳо ва тағйирёбиҳои гуногунсамти бамиёнмеомадаи равандҳои фаъолиятро муайян карда, онҳоро ба тартибу танзим дароварда, алоқаи бараъкси ба равандҳо мутобиқро таъмин бикунад. Дар ин асно равандҳои идоракунӣ тавассути низомҳои баҳисобгирӣ мутобиқ ба намудҳои асосии иттилоот амалӣ карда шуда, дар натиҷа дар доираи баргузории таҳлилҳои амиқ тамоюлҳо муайян гардида, баҳогузорӣ намудани ҳолатҳои бамиёнмеомада ва мутобиқгардонии қарорҳои қабулмегардида амалӣ мешаванд.

5. Яке аз омилҳои осон гардонидани таҳқиқоти маълумотҳои ба буҷетикунонии барномавию ҳадафманд мутааллиқбуда, табодул намудани онҳо дар намуди рақамӣ мебошад ва дар таъминоти барномавии муосир, ки татбиқи амалии онҳо дар доираи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд судманд мебшад, пеш аз ҳама дар назар дорад, ки бурдани таҳлили маълумотҳои рақамӣ дорои шаклҳои гуногун мебошанд ва барои ҳамин ҳам, ҳар як корхонаи саноатӣ дар доираи амалисозии лоиҳаҳои буҷети ҳадафманди хеш вобаста аз талаботҳои фаъолияташ бояд системаи буҷетикунонии мутобиқашро бо такя ба меъёрҳои пешниҳодгардида мавриди таҳлил қарор дода, амалӣ гардонад. Ҳар як мутахассис бояд мустақилона таъминоти барномавии заруриро вобаста ба принсипҳои ба талаботҳои рушди корхона мутобиқ дар асоси равишҳои сенариявӣ танзим ва коркард намояд.

6. Механизми такмили низоми буҷетикунонии ҳадафманд дар шароити кунунии густариши фановариҳои рақамӣ бо таваҷҷуҳ ба мушаххас намудани унсурҳои вурудиаш, аз қабили стратегияҳо ва ҳадафҳо, сохтори ташкилӣ, обзори муассир ва унсурҳои хуруҷиаш, аз қабили ташаккул ва татбиқи сиёсати молиявӣ, таъмини рақобатпазирӣ, татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ, ки ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ мусоидат менамоянд, метавонад барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоии рушди буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд. Дар ин замина, татбиқи салоҳиятҳои рақамӣ дар рушди рақамикунонии равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар доираи татбиқи механизми такмили низоми буҷетикунонии ҳадафманд дар шароити кунунии густариши фановариҳои

рақамӣ дар бахши буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахши саноат метавонад таъсири бениҳоят хуб расонад.

## Рӯйхати адабиёт

1. Абдулхаева Ш.Р. Некоторые вопросы внедрения программного бюджетирования в Республике Таджикистан // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2019. №4. – С.149–154.

2. Абдулхаева Ш.Р. Формирование и развитие системы программного бюджетирования на региональном уровне (на материалах регионов Республики Таджикистан) // Дисс. на соис. уч. степ. канд. экон. наук. 08.00.05. – Душанбе, 2020. – 185 с.

3. Абдусаттарова Р.Ш. Прогрессирование государственно–частного партнерства в Таджикистане / Р. Ш. Абдусаттарова // Менталитет славян и интеграционные процессы: история, современность, перспективы / Материалы XI Междунар. науч. конф. Гомель, 23–24 мая 2019 г. / М–во образования Респ. Беларусь [и др.] ; под общ. ред. В. В. Кириенко. – Гомель, 2019. – С. 56–59.

4. Азимов П.Х. Государственно–частное партнерство в механизме формирования транспортно–логистической системы Республики Таджикистан: проблемы использования инструмента//Вестник Адыгейского государственного университета. Серия 5: Экономика. – Майкоп, 2017. – № 4 (210). – С. 53–61.

5. Алабдали Хайдар М.К. Программный бюджет: цели, классификация и принципы построения // Научное образование. – СПб, 2021. – № 3 (12). – С.163–167.

6. Алиева Э.Б. Региональный бюджет в системе экономических отношений федерализма//Региональная экономика: теория и практика. – М., 2007. – №8 (47). – С.152.

7. Алтынцева Т.Н., Михайлова А.А., Климанов В.В. Проблемы и перспективы внедрения программного бюджетирования на федеральном

и региональном уровнях//Общественные финансы. – М., 2011. – № 24. – С. 52–55.

8. Анализ потенциальных возможностей экономики Таджикистана для интеграции принципов устойчивой торговли //Европейская Экономическая Комиссия ООН. URL: https://unece.org/sites/default/files/2024–01/Assessment%20of%20the%20readiness%20of%20TJ%20to%20implement%20the%20SPECA%20Principles%20of%20Sustainbable%20Trade%20RU.pdf (дата обращения: 16.08.2024).

9. Аргба О.В. Сущность и основы программно–целевого бюджетирования // Экономика: вчера, сегодня, завтра. – Московская область, г. Ногинск, 2022. – Том 12. – № 3–1. – С. 251–256.

10. Аркадьева О.Г., Горшкова К.С. Программное бюджетирование в управлении общественными финансами // Oeconomia et Jus. – Чебоксары, 2021. – № 1. – С.1–12.

11. Артемьева С.С., Буянова Е.А. Программно–целевое бюджетирование в субъектах Российской Федерации // Электронный научный журнал «Вектор экономики», 2020. – № 3. URL: http://www.vectoreconomy.ru/images/publications/2020/3/financeandcredit/Artemyeva_Buyanova.pdf (санаи муроҷиат ба сомона: 21.08.2023)

12. Афанасьев М. П. и др. Программный бюджет: цели, классификация и принципы построения//Академия бюджета и казначейства Минфина России. Финансовый журнал. – М., 2010. – № 3. – С.5–18.

13. Афанасьев М.П. Бюджетирование, ориентированное на результат: Новые тенденции//Вопросы экономики. – М., 2004. – № 9. – С.130–139.

14. Афанасьев М.П. и др. Программный бюджет: цели, классификация и принципы построения // Финансовый журнал / М.П.

Афанасьев, Б.И. Алехин, А.И. Кравченко, П.Г. Крадинов. – М., 2010. – № 3. – С.5–18.

15. Ахмадова П.И. Формирование конкурентной среды как приоритетное направление совершенствования сферы торговли в регионе // Инженерный вестник Дона. – Ростов–на–Дону, 2011. – № 1. – С. 226–236.

16. Ачилова М.А. Бюджетная система Республики Таджикистан: состояние, проблемы и перспективы развития//Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – Худжанд, 2017. – № 4 (73). – С.120–125.

17. Бабич А.М., Павлова Л.Н. Государственные муниципальные финансы. – М., 1999. – 704 с.

18. Балаев М.А. Основные этапы развития бюджетной системы и межбюджетных отношений в Республике Таджикистан//Известия Санкт–Петербургского университета экономики и финансов. – СПб., 2009. – №1(57). – С.118–120.

19. Бежаев О.Г. Межбюджетные отношения: теория и практика реформирования. – М.: Экзамен, 2001. – 128 с.

20. Беков Ф.Ш., Одинаев Ф.Ф. Бюджетные расходы: состояние и тенденции // Развитие и взаимодействие реального и финансового секторов экономики в условиях цифровой трансформации / Материалы Международной научно–практической конференции. – Оренбург, 2021. – С. 334–346.

21. Бердиев Р.Б. Денежно–кредитная политика Национального банка Таджикистана//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально–экономических и общественных наук. – Душанбе: «СИНО», 2016. – №2/8 (215). – С.11–14.

22. Бердиев Р.Б. Роль формирования уставного капитала в обеспечении прочного развития финансовой деятельности

банков//Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе: «СИНО», 2012. – № 2–1. – С.61–69.

23. Берездивина Е.В., Елисеенко В.Ф., Жулин А.Б., Сивашева Н.М. Оценка эффективности использования бюджетных средств в части расходов на оказание бюджетных услуг. – М.: Издательский дом ГУ ВШЭ, 2004. – 256 с.

24. Бескоровайная С.А. Современный этап бюджетного реформирования в Российской Федерации//Бухгалтерский учет в бюджетных и некоммерческих организациях. – М., 2011. – № 3. – С. 5–8.

25. Богачева О. Становление российской модели бюджетного федерализма //Вопросы экономики. – М.,1998. – №8. – С.30–40.

26. Богов Х.М. Подготовка проекта национального бюджета: опыт Великобритании // Финансовая аналитика: проблемы и решения. – М., 2011. – № 33. –С. 53–57.

27. Богов Х.М. Развитие межбюджетных отношений и предпосылок экономического роста// Бухгалтерский учет в бюджетных и некоммерческих организациях. – М., 2007. – № 16. – С.27–35.

28. Боймирзоев Б.И. Бюджетное регулирование экономики в условиях перехода к рыночному хозяйству (на материалах Республики Таджикистан). Автореферат диссертации к.э.н. – Худжанд, 2002. – 26 с.

29. Брузати Л.Д.К., Грядунова А.В. Программное бюджетирование: зарубежный опыт и его адаптация в России//Вестник государственного и муниципального управления. – М., 2016. – № 2 (21). – С.20–25.

